**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 5 (27), 2021**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## ҚУДРАТИ СИЁСӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

**Ятимов С.** *Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат*............................ 4

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Гар хусрави курт бар далерон назадӣ*........ 37

**Саидов Нуралӣ.** *Пешвои миллат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ*....................... 51

**Сангинов Нарзулло.** *Таъсири баъзе омилҳои хориҷӣ ва дохилӣ ба вазъияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021*........... 62

**Назариён Нусратулло.** *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи арзишҳои миллӣ*......................................................................... 84

## ХИРАДГАРОӢ, ФАНОВАРӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Музаффарӣ Муҳаммадалӣ.** *Маъно ва мазмуни мафҳумҳои "интеллект", "хирад" ва "менталитет" дар адабиёти фалсафӣ (таҳлили муқоисавӣ)*.......................................................................... 94

**Шарифзода Исомиддин**. *Ҷойгоҳи антропология дар таснифоти Арасту ва Абунасри Форобӣ*...................................................................... 112

**Сафарзода Нурмуҳаммад.** *Бозтоби унсурҳои фарҳанги мардум дар шеъри устод Лоиқ*......................................................................... 125

**Нуров Пирмаҳмад.** *Ҳамбастагии илм, технология ва инноватсия*................................................................................................. 141

**Исмоилов Фаридун.** *Бозтоби чеҳраҳои асотирӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ*........................................................................................................ 146

**Собириён Меҳр.** *Таҳлили омории нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва муқоисаи онҳо*........................ 161

**Нуров Нодир.** *Меҳргон - намоди ҳувияти миллӣ ва нишоти иҷтимоӣ*........................................................................................................ 176

## ШИНОХТИ ЧЕҲРАҲО

**Нурзода Нозим.** *Файласуфе миллӣ дар масири озодаманишию покизагӣ (чанд мулоҳиза дар ҳошияи 90-солагии муҳаққиқ, файласуф*

*ва инсони озодаву покиза, профессор Иброн Шарифович Шарифов)*........................................................................................ 187

**Бекзода Дидавар.** *Дар ҷустуҷӯи инсони асил (Ҳикоя)*...................... 200

**ТАҲИЯ ВА ТАҚРИЗ**

**Дорюши Шойгон. Чаҳор конуни бузурги фарҳанги Осиёӣ** *(давомаш). Таҳияи профессор Хоҷамуродов Олимҷон*.......................... 205

**Маҳмадаминов Абдулҳай, Солеҳов Мирзо.** ***Ғазал гуфтиву дур(р) суфтӣ…*** *(Назаре ба чанд намунаи газали Ниҳонӣ)*.................... 214

# ҚУДРАТИ СИЁСӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

## ПОЙТАХТИ ДАВЛАТ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛАТ

### Муқаддима

Соҳиб шудан ба давлати миллӣ – натиҷаи мубориазаҳои ҷоннисорона барои истиқлоли миллӣ мебошад. Ва бидуни ташкилоти сиёсии марказонидашуда, устувор, пойбарҷо ҳифз кардани абадияти миллат, ҳамчунон нишонаҳои асосии он - забон, фарҳанг, анъана, урфу одат ва рифоҳи миллӣ ғайриимкон аст.

Миллат зуҳуроти сирф диалектикист. Давраҳои пайдоиш, рушд ва камолот дорад. Инкишофи миллатҳо бо хосияти ирсияти этникӣ, характер, анъана, урфу одат, рӯҳ ва мафкураи миллӣ, захираҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, релйеф, таносуб ва муносибатҳои геополитикӣ вобаста мебошад.

Дар навбати худ, шароити ташаккул ва тавсеаи миллат дар доираи давлат ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятии пойтахти мамлакат алоқамандӣ дорад.

Ҳамин тариқ, мавзӯи баҳс манзалати сиёсии пойтахти давлат дар чаҳорчӯбаи истиқлоли миллат мебошад.

### Пойтахт

Агар миллат, қаламрави муайян, ташкилоти сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлату ҳукумат ҳамчун нишонаҳои аслии давлатдорӣ маҳсуб гарданд, аз лиҳози муҳиммияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дефинитсияи пойтахти мамлакат низ дар ҳамин мавқеъ қарор дорад.

Аз нигоҳи арзишмандӣ пойтахти давлатро ҳамчун рӯҳ, дил, марказ, қутбнамо, муҷассамаи хиради давлатдорӣ, тақдирсоз ва ба ин монанд сифатҳо тавсиф мекунанд.

Зимни корбурди истилоҳоти расмии сиёсӣ, ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам услуби хаттӣ, **пойтахти давлат ҳамвазн ё дар баробари номи кишвар ифода мегардад.** Ба он мансубият дода, масъулиятшиносӣ карда мешавад. Чунин тавсиф аз воқеият сарчашма мегирад, зеро дар пойтахт муассисаҳои калидии сиёсии давлат – рукнҳои асосии ҳукумати мамлакат ҷойгир мешаванд ва албатта, идоракунии давлат аз марказ, аз пойтахти он сурат мегирад.

Принсипи муназзами хосияти давлатдорӣ аз системаҳои мураккабтарини ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала ҳанӯз аз замони бостон ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти илмӣ қарор дорад. Ва илм ҳамон ҷузъиёти онро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳад, ки маҳз тавассути он худи система ба низом медарояд. Муташаккил мегардад. Таъйиноти худро таъмин мекунад.

Пойтахти мамлакат ҳам аз ҷанбаи сирф илмӣ-назариявӣ ва ҳам сиёсӣ-амалӣ асоситарин пояи сохтории давлатдорӣ мебошад. Панҷ нишонаи асосии давлат, ки номбар карда шуданд, дар алоқамандӣ, хамбастагӣ, вобастагӣ ва ҳамзамон мустақилияти нисбӣ бо якдигар қарор доранд. Пойтахт муҳимтарин қисмати ҳаёти рӯзмарраи мамлакат - ҷузъи ин система мебошад. Тавре хотирнишон гардид, мафҳуми пойтахт бо мафҳуми давлат тавъам мебошад. Воқеан, **«Полиси** (*дар Рими Қадим ва Юнони Қадим шаҳр – давлатҳо* – С.Я.) **идеалӣ – дар навбати аввал намунаи давлати комилро мемонад»** (В.А. Гуторов. Политика между утопией и реальностью. –М., 2020. –С. 55).

Миллат ба пойтахти кишвар менигарад. Ба он умед мебандад. Тақдири худ, фарзандон, хешовандон, дӯстон,

наздикон, ҳамдиёрони хешро бо имрӯзу ояндаи давлат ва давлатдорӣ дар алоқамандӣ, вобастагӣ ва мансубият медонад. Ба ҳамин хотир, ҳар фарди соҳибватан, сарфи назар аз он ки дар кадом гӯшаву канори мамлакат ё берун аз он ба сар мебарад, шуғл ва мақоми иҷтимоӣ дорад, бо ёдоварии падару модар, хоҳару бародар дар умқи дили худ Тоҷикистон, ҳамзамон бо ин, пойтахти кишварро пеши назар меорад. Ба он эҳтиром мегузорад.

Насли ҷавон зинаи аслии ташаккули маърифатӣ ва касбии худро дар пойтахт орзу ва тасаввур мекунад. Ва бояд эътироф намуд, ки элитаи сиёсӣ, илмӣ ва беҳтарин мутахассисони миллӣ дар пойтахт касб омӯхтаанд. Кишварро рушду нумӯъ бахшидаанд. Ва ҳоло онро сарварӣ мекунанд.

Мардум ба хубӣ мефаҳманд, самтгирии сиёсӣ, тарҳрезӣ ва роҳандозии нақшаҳои хурду бузурги иқтисодиву иҷтимоии давлат, муайян кардани барномаву мундариҷаи рушди илм, маориф, фарҳанг, маънавиёти имрӯза ва ояндаи миллат мансуб ба пойтахти мамлакат мебошад. Мутмаин аст, ҳар иқдоме, ки аз пойтахт, аз шаҳри Душанбе бармеояд, ташаббуси давлатмардонест, ки мардуми Тоҷикистон сарнавишти худро маҳз ба онҳо бовар кардааст. Ҳуқуқи ҳокимият карданро ба амонат супоридааст.

Сокинони мамлакат раванди тараққиёти миллиро бодиққат меомӯзанд. Онро бо давраҳои гуногуни таърихӣ дар муқоиса мегузоранд. Арзёбӣ ва хулосабарорӣ менамоянд. Ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ин маънӣ, то замоне ки пойтахт маркази эътимоду эҳтироми миллат аст, халқ аҳл ва кор дар мамлакат саҳл аст. Ҳукумати пойтахт чунин масъулияти бузургро дарк мекунад. Дар ин самт шабонарӯзӣ заҳмат мекашад.

Дар ҳама давру замон пойтахт нисбат ба вазъи кулли мамлакат хизмати оинаро иҷро менамояд. Байни ҳукумати

кишвар ва халқ шароит ва пайванди ногусастанӣ эҷод мекунад. Дили омма ба ҳукумати марказӣ тавассути вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва амниятии пойтахт гарм мешавад. Дар қатори дигар омилҳо, авзои пойтахт набзи мамлакатро муайян ва мардуми кишварро хотирҷамъ мекунад. Барои ҳамин, шаҳри Душанбе дар назди наслҳои имрӯза ва оянда масъулияти бузурги таърихӣ дорад.

## Пойтахт ва фарҳанги сиёсӣ

Барҷастатарин аломати оромии миллат рушди иқтисодӣ ва амнияти давлат аст. Пойтахти мамлакат зербино ва таҷассумгари суботи кишвар маҳсуб мегардад. Маҳаки баҳогузорӣ ба осудагии мамлакатро низ, инсоният аз рӯи вазъу шароити ҳаёти пойтахти давлат муайян кардааст. Сарзамин наметавонад ором осуда бошад, агар амнияти марказе, ки аз он идора мешавад, зери суол қарор бигирад. Аз ин ҷиҳат, таъкид мебояд кард, ки сиёсатмадорони бузург асолати давлатдориро ба пойтахти он марбут донистаанд. Сухани машҳури Исмоили Сомонӣ - бунёдгузори давлати миллии тоҷикон **«то вақте зиндаам, қалъаи Бухоро ман ҳастам»** (Б. Ғафуров. Тоҷикон. – Душанбе, 1998. – С. 453) гувоҳ ва тасдиқи ин гуфтаҳост. Ҳамчунон, дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон аҳамияти пойтахти мамлакат борҳо, гаштаву баргашта таъкид гаштааст.

Малик-уш-шуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар қасидаи машҳураш бо номи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён», ки ҳамагӣ панҷ байти он ба мо расидааст, мантиқу мақсади сиёсии пойтахти давлатро бо забони назм устодона ба қалам додааст. Дар тӯли таърихи ҳазорсола дар тафсири ин шеър даҳҳо асару мақолаҳо иншо шудаанд. Муҳтавои васф, истифодаи вожаи Бухоро - таҷассумгари давлати Сомониён, меҳвари давлатдорӣ, макони муқаддас ва зимомдорӣ барои таъмини

якпорчагии сарзамин ва амнияту осоиши қаламрави кишвар мебошад. Дар чанд байти мухтасар, ки қиматтар аз як асари тамом аст, муҳиммияти манзалат ва муносибати сарвари кишвар ба тақдири давлат ва давлатдорӣ низ ифода ёфтааст.

Шоири тавоно дар шароити муайяни таърихӣ, бо истифода аз сеҳри каломи бадеъ - **«маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ бо роҳи тасвироти бадеию саноеи адабӣ»** (Т. Зеҳнӣ) дидгоҳи хешро оид ба мақому манзалати пойтахти мамлакат ва ҳамчунон, нақши ниҳоят муҳимми раҳбарии мустақимро дар он инъикос кардааст. Ҳамчун **«суварнигори ҳадис», ки «дар он ҷон тавонист ниҳодан»** (Ҳоқонии Шервонӣ) вазифаи муқаддаси ватандориашро анҷом додааст. Ба миллат, ба мардум, ба сиёсатмадорон мантиқи абадии тарзи муносибат ба Ватан ва пойтахти онро бо маъниҳои шоиставу барҷаста тафсир намудааст:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Реги Омую дурушти роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат меҳмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.*

**Дар баробари ифтихор намудан, таърих иштибоҳот, сабаб ва оқибатҳои раҳбарии фоҷиаанҷоми ин сулолаи дар аввал, воқеан, бунёдгузори давлати тоҷиконро фаромӯш карда наметавонад. Ҳамарӯза меомӯзад. Аз он сабақ мегирад.**

Тавре хотирнишон гардид, пайдошавии пойтахти мамлакат шароити муайяни таърихӣ-сиёсиро тақозо мекунад. Ва бар дӯши он бузургтарин вазифаҳои давлатдорӣ вогузор карда мешаванд. Умдатарини онҳо фаъолият ё мудирияти сиёсӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, илмӣ-фарҳангӣ маънавӣ, маърифатӣ, рӯҳиву равонӣ, амниятӣ ва ҳарбӣ мебошанд.

**Ҳар нафаре, ки чашми бино, ақли расо ва назари ҳақбин дорад, шоҳиди он аст, ки дар се – чор соли ахир симои шаҳри Душанбе ба куллӣ тағйир пазируфт.** Барои мардум ҷойҳои корӣ ва манзилҳои шоистаи истиқомат, боғу гулгаштҳо, мавзеъҳои беҳтарини истироҳат, марказҳои омӯзиши илм, фарҳанг, донишандӯзӣ ва касбомӯзӣ муҳайё гардиданд.

### Пойтахт ва амният

Масъулияти умдаи давлатдорӣ - таъмини оромӣ ва осудагии тамоми мамлакат, аз ҷумла маркази кишвар мебошад. Ангеза ва шароити асосии он, услуби кори муназзам ва мақсадноки самтҳои асосии фаъолияти маъмурии пойтахт маҳсуб мегардад.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), гарчанде барои таскини дил онро «таҳмилӣ» меномем, дар асл решаҳо ва барангезандагони амиқи дохилӣ дошт. «Таҳмилӣ» вожаи бамавқеъ ва дуруст аст. Аммо чунин ҳолат вақте сар мезанад, ки омилҳои дохилӣ бо нақша, мақсад ва мароми душманони мардуми тоҷик - бозигарони геополитикӣ (*ба мисли дигар кишварҳои мусулмоннишини сӯхтаву рехта*) мувофиқ меояд.

**Агар мардум хештаншинос бошад, манфиати давлати миллии хешро аз дунё авлотар дарёбад, якдилу яктану якмаром бошад, ояндаи фоҷиабори парокандагиро дарк намояд, ба қадри истиқлол ва якпорчагии сарзамини худ расад, хурофотзадагиву хомиву содадилиро паси сар карда**

**тавонад, ба оромиву осудагии мамлакат ҳаргиз осеб нахоҳад расид.**

Ташаббускорони аслӣ ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи бадбахтиҳои солҳои навадум дар пойтахти мамлакат, ноҳияҳои атроф ва қисмати гӯшбафармони музофотии он буданд.

**Омилону саркардагони ин ҳолати даҳшатбор ва нанговар гурӯҳҳои ҷоҳталаб, тафриқаандозони касбӣ, фурӯхташудагони миллат, душманони сохти конститутсионӣ (хонда шавад давлати миллии тоҷикон) на ба хотири ислом, балки бо мақсади мансабталошӣ динро пеш оварданд.** Аз рӯҳу равони эътиқодии мардум хиёнаткорона суиистифода карданд. Одамони нодонро ба гумроҳӣ кашиданд. Ба ду - се рӯз ҳокимиятро дар пойтахт ба даст оварданд. Бад-ин минвол, даъвою иштиёқи сарварӣ бар мамлакат ва миллатро намуданд. Оқибатҳои фоҷиабори хостаҳои онҳо ҷубронноапазиранд. Бозгардонии тақдири инсонҳо - ҳазорҳо оилаҳои фарзандгумкарда, падару писарталафдода ғайриимкон аст.

Бояд иқрор шуд, ки дар ҳама давру замон таҳдидҳо, пеш аз ҳама, ба пойтахти давлат нигаронида шудаанд. Ба ҳамин хотир, дар бисёре аз чунин шаҳрҳо тартиби махсуси ворид шудан, зиндагӣ ва кору фаъолият кардан ҷорӣ карда мешавад. Чунин иқдомот барои танҳо як шаҳр нест. Ба хотири амни миллат ва давлат аст. Қонунгузор ва тасмимгир ҳамин қисмати ҳаётан муҳимми давлатдорӣ - субот ва амнияти умумро ба эътибор гирифтааст.

Сарфи назар аз қонунҳои нонавиштаи таърихи миллатҳо, усулан, намояндагони пешрафта ва шоистаи ҷомеа имконоти дар пойтахт зиндагӣ кардан доштанд. Беҳтарин хатмкардаи мактаб ба донишгоҳи пойтахт роҳ меёфт. Мунтахаби онҳо дар муассисаҳои илмӣ ва илмӣ – таълимӣ, корхонаву муассисаҳо

ба кор ҷалб мегардиданд. Мутахассисони озмуда аз музофот ба пойтахт роҳхат мегирифтанд. Ба тарзи дигар, маҳз пойтахт таҷаммӯи қувваҳои солим ва пешрафтаи ҷомеаро таъмин мекард. Ва пойтахтнишин кулли мамлакатро намуна буд.

Дар шароити истиқлоли давлатӣ соҳибтамаддун будани миллати тоҷик ҳоло аз ҳар гӯшаву канори мамлакат ва минбарҳои бузурги байналмилалӣ садо медиҳад. Ин воқеият бар дӯши сокинони пойтахт ва тамоми мамлакат масъулияти бузург мегузорад.

Таъкиди ин нукта зарур аст, ки моҳияти ҳама гуна ҷузъиёти олам, аз ҷумла ҷомеа дар умум ва ҳар инсон дар алоҳидагӣ, дар зоҳири он ифода мегардад. Дар баъзе мавридҳо такрори симо ва тарзи либоспӯшии номатлуб, ки беш аз ҳама дар пойтахти мамлакат ба чашм мерасад, метавонад тасаввуроти кишварҳои мутаассиб, ақибмонда ва хурофотии Шарқро ба хотир биёрад. Давлати миллӣ, асолати миллӣ ва ҳомии тамаддуни бостонии ориёӣ будани мардуми тоҷикро зери суол барад. Тараққиёти босуръат ва дастовардҳои бесобиқаи пойтахти мамлакатро камранг созад.

Яке аз олимони тавонои асри XIX-и Аврупо, ки ӯро рақибони ашаддиаш ҳам аз бузургтарин донишмандони ҷомеашиноси олам унвон кардаанд, менависад: **«Моҳияти инсон падидаи мавҳум, номуайяне нест, ки мансуби як фарди алоҳида бошад. Дар умум ин воқеият – маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад»** (Составитель С.Х. Карин. «Мысли и изречения». Алма-Ата, –1964. –С. 74). Мушт намунаи хирвор аст. Кулл аз қисмҳо иборат аст, ҷузъ қисми кулл мебошад. Як нафар ҳам нишона аз ҷомеаест, ки дар он зиндагӣ мекунад, кору фаъолият дорад.

Худи муносибатҳои ҷамъиятӣ барандаи хосияти ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ мебошанд.

Тоҷикистон дар замони истиқлоли давлатӣ аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ, роҳ, коммуникатсия, инфрасохтори мактаб, маориф, таҳсилоти олӣ, тандурустӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ба пояе расид, ки дар замони гузашта ҳеҷ гоҳ чунин манзалат надошт ва дошта ҳам наметавонист.

**Аммо таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки қонунмандии хосияти муайянкунандагӣ доштани воқеияти ҳастӣ, нисбат ба вазъ, муҳтаво, сохтор ва шуури ҷамъиятӣ (вазъияти рӯҳӣ ва равонии омма) назарияи мутлақ нест.**

Мутобиқат кардани маънавиёт, вазъи ҷаҳонбинӣ ба ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ худ ба худ, ба тарзи механикӣ ба вуҷуд намеояд. Ин ҷараён мушкилоти ҷиддӣ дорад. Омилҳои асосӣ - баробарвазн набудани чораҳои пешбинишудаи маърифатӣ, фаҳмондадиҳӣ аз сатҳи оила, дар таносуб бо кӯшишҳои душманони сохти давлатдории миллӣ ва пуштибонони мустақими онҳо - бозигарони геополитикӣ мебошад. Дар ин маврид, мафкурасозии геополитикӣ бо потенсиали пулӣ, молӣ, имконоти зиёди дурӯғпартоӣ, иғвоандозӣ ва вайронкорӣ талош мекунанд «бартарияти маънавӣ»-и худро бар ҷаҳонбинии ояндасози миллӣ ба намоиш гузоранд. Онро дар зеҳният ва тафаккури содадилон ҷой кунанд. **Кишварҳое ҳастанд, ки бо ҳазор лафз гап мезананд. Аммо, дар асл ва моҳиятан, ҳимоятгар ва сафедкунандаи бадӣ мебошанд. Хушбахтона, мо онҳоро мешиносем. Роҳ, усул, восита ва методҳои кории онҳоро нағз медонем. Қувваи мо дар ҳамин аст. Онҳо низ инро дарк мекунанд. Аммо зарур аст, ки мардум, махсусан, ҷавонон тавони шинохти чунин давлат, чунин ташкилот, чунин афрод ва чунин нақшаҳои ғаразноки онҳоро дошта бошанд.**

**Ҳодисаҳое, ки боиси сукути Афғонистон шуданд, фоҷиаҳое, ки кишварро ба нуқтаи авҷ ва охирини**

**бадбахтии инсонӣ расониданд, ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ набуданд.**

**Табаддулоти низомӣ ва вазъи сиёсии ин кишвар дар мактабу мадрасаҳо, назди мударрисони кунҷакӣ ва расмии дохилу хориҷи кишвар, тавассути омӯзиш, парвариш, яъне мафкурасозии мақсаднок роҳандозӣ гардиданд.**

Шикасти бузурги давлат ва парешонии миллати афғон нақшаи бузурги геополитикӣ буд. Коркард ва зина ба зина амалӣ шуд. Ва натиҷаи ахири он баъди чилу чор сол омода ва барои минтақа, ба мардуми мусулмон, ба олам ҳамчун «туҳфаи тамаддунӣ»-и Ғарб пешниҳод гардид. Охириҳо муайян карданд, ки аввалиҳо чӣ гуна ва дар кадом пояи фарҳангӣ умр ба сар баранд. Чӣ зоҳиру ботин дошта бошанд. Муносибат ва вусъати маънавиёти инсонии пайравони ислом ба илму маърифат ва маданияти садаи бисту як дар кадом поя қарор бигирад.

Нисбат ба кишварҳои мусулмоннишин ин нақша аввалин набошад ҳам, охирин нест.

Магар роҳи ҳалли масъалаи Афғонистон вуҷуд дорад?

Шояд бошад. Аммо он ниҳоят сангин, тӯлонӣ ва фоҷиабор хоҳад буд. **Сабаб чист? Омили аслӣ - мафкура ва ҷаҳонбинии таҳмилии тибқи нақшаҳои геополитикӣ сохташуда аст. Таассубу хурофот ба сиёсат омезиш ёфта, андешаи аксариятро фаро гирифт. Равшанфикрҳо, миллатдӯстҳо, маорифпарварони танбал, тарсу, дурӯя, беҳавсала, ҳукуматдорони ғайриҳирфаии балегӯи бидуни иродаи амал дар ақаллият монданд. Акнун «Хоҷа дар банд, бандӣ озод». Мулк валангор. Миллат ҳақиру зор. Зиёӣ дар фирор.**

**Таҷрибаи рӯзгори сиёсии кишварҳои мусулмоннишин нишон медиҳад: агар дар ҷомеа ихтилофи шадиди**

**ақидатӣ сар занад ва ҷаҳонбиниҳо ба манфиати сохти давлатдории миллӣ ҳаллу фасл нашаванд, ин раванд оқибат бо низои мусаллаҳонаву хунбор анҷом меёбад.**

Бозигарони тақдири афғонҳо даҳсолаҳои ахир эътиқодот, бовари ва ҷаҳонбинии аксари мардумро зина ба зина тавре шакл доданд ва хурофотро ба ҳадде расониданд, ки ҷавонон таърих, ҳувият ва мансубияти миллии худро фаромӯш карданд ё ҳадди ақал ба дараҷае расиданд, ки ин арзишҳоро чизҳои ғайримуҳим шуморанд. Саранҷом, зери шиори «ҷиҳод» бархостанд. Кушторҳои дар таърихи инсоният камназири миллати худро ба намоиш гузоштанд. Садҳо ва ҳазорҳо хонаву дар, мактабу мадрасаро оташ заданд. Пулу ҷода ва корхонаҳоро хароб карданд. Ниҳоят ба мақсади худ расиданд. Бар Ватани валангор ва мулки «шаҳидбор» салтанат пайдо намуданд. Айнан, такрори манзараи солҳои навадуми Тоҷикистон.

Нависандаи машҳури фаронсавӣ менависад: «**Замонҳои хурофотпарастии шадид ҳама вақт замонҳои содир кардани ваҳшонитарин ҷиноятҳо буданд. Хурофот одамонро аблаҳ мекунад... Аммо афроди хурофотӣ ба ҳама аъмоли беақлонаи худ, агар тафсир наёбанд ҳам, рафтори хешро сафед карданӣ мешаванд**» (Мысли Вольтера. Спб, 1904).

**Бузургтарин нишонаи истиқлоли давлатӣ - истиқлоли зеҳнӣ, ақлонӣ, маънавӣ ва ҷаҳонбинӣ аст. Бидуни чунин сифатҳо истиқлоли миллӣ, ки натиҷаи ҷоннисориҳои ҳазорсолаи фарзандони равшанфикр, боғайрат ва бонангу номуси миллат аст, пойдор нахоҳад монд.**

**Решаи чунин рӯҳ барои мардуми тоҷик таърихи шашҳазорсолаи миллат аст. Дигар эътиқоду боварҳо бо ҷузъиёташон бояд ба муқаддасоти миллӣ хидматгузор бошанд. Онро таҳким бахшанд. Ва ҳар вақте чунин**

**пайванди ҳаётбахш сарфи назар гардад, хосият ва ҷаҳонбинии бегона қисмати фаъоли ҷомеаро фарогир шавад, мардум ба бозичаи дасти аҷнабиён табдил меёбанд.** Давлат ва миллатро тақдири ногузири нобудӣ, суқут ва парокандагӣ интизор хоҳад буд. Афғонистон зуҳуроти равшани ҳамин моҳият аст.

Таҳлили ҳодисаҳои ин кишвар гаштаву баргашта нишон медиҳад: бо вуҷуди аз бузургтарин фоҷиаҳои инсонӣ, дар сиёсати геополитикии абарқудратҳо ва баъзе ба ном қудратҳои минтақавӣ ишорае ба дарк, хулоса ва тағйироти мусбат дар муносибат бо кишварҳои мусулмоннишин дида намешавад. **Ҳушёр бояд буд. Бозигарони сарнавишти инсонӣ бо истифода аз шиорҳои авомфиребонаи исломи сиёсӣ шабонарӯзӣ ба по истодаанд. Ҳадафи асливу асосии онҳо ҷавонони содаи раҳгумзадаи мусулмонанд. Зери тафсир ва пӯшиши шиорҳои динӣ кӯшиши сафед кардани аъмоли ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву террористиро доранд. Нақшаҳои таҳти ҳама гуна шиор, даъват ва ваъдаҳои бардурӯғ кардашударо бо чашми маърифат бояд шинохт. Фош сохт. Безарар гардонид. Роҳи дигари таъмин намудани суботи давлат, оромии мардум ва нигоҳ доштани он вуҷуд надорад.**

**Муҳтаво, сабаб ва оқибатҳои чунин вазъияти таҳдидборро фақат илм, дониш, мактаб, маориф ва зиёиёни воқеан миллӣ метавонанд дарк кунанд. Ба омма, ба мардум, ба наврасону ҷавонон фаҳмонанд. Миллат бе масъулияти шинохти манфиатҳои миллӣ, бе иваз кардани ҷаҳонбинии хурофотӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ ва давлатмеҳвар тақдир ва рӯзгори нек нахоҳад дошт.**

## Идеяи миллӣ ва пойтахт

Дар боби 1, моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати «соҳибистиқлол»-ии давлат дар байни шаш принсипи сохти давлатдорӣ, аз нигоҳи муҳиммият, дар мадди аввал номбар ва таъкид карда шудааст.

Таъйиди сохти сиёсӣ эъломияи бузурги шакли давлатдории тоҷикон мебошад.

На танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми давлатҳои мутараққии дунё сохти конститутсионӣ ҳамчун далели ҳуқуқӣ, дар айни замон, муҳтаво ва мундариҷаи бузурги ормонӣ, идеявӣ ва идеологӣ дорад. Дар баробари арзиши ҳуқуқӣ ҳаракати абадӣ ва беохири миллатҳоро барои расидан ба умқи ин орзуву омолҳо ифода мекунад. Ҷавҳари аслии Конститутсия - эълон кардани Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ мебошад.

Таҳлили таҷрибаи таърихи сиёсии давлатҳо асрҳои аср нишонгари он аст, ки ҳаққи давлатдорӣ кардан мансуб ба миллатҳо, аз номи миллатҳо ба хотири рушд ва рифоҳи миллатҳо, бо дарназардошти арзишҳои умумибашарӣ аст. Ин ҳарими муқаддас ва дахлнопазир замонати амнияти миллатҳост. Мардум, ки қувваи аслии ҳаракатдиҳандаи ҷараёни миллӣ – озодихоҳианд, ба хотири ҳифзи забон, фарҳанг, анъанаҳои таърихӣ, ҳувият ва урфу одати миллӣ мубориза мебаранд, сазовори чунин имконоти шоистаи зиндагӣ ба хотири суботи миллӣ ҳастанд. **Агар ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, дидгоҳ ва рӯҳи мардум бар рӯи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ асос наёфта бошад, Истиқлоли давлатӣ, ғайр аз эъломияи холӣ, зуҳуроти пойдор ва дарозмуддате нест ва буда ҳам наметавонад,.**

Дигар шаклҳои ҷаҳонбинӣ ва маънавиёт набояд аз ҷаҳонбиние, ки аз ҷавҳари миллат – таърих, забон, фарҳанг, анъана, урфу одат, ифтихороти миллӣ бархостааст ва давлат дар асоси чунин арзишҳо таъсис ёфта, худро ба олам

муаррифӣ кардааст, суиистифода кунанд. Зербинои миллат, субот ва пойдории онро зери суол баранд.

**Мусаллам аст, ки дар ҷомеа ҳама гуна шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳизбӣ, синфӣ, динӣ, гурӯҳӣ, ҳатто геополитикӣ ҳам ҳаққи мавҷудиятро доранд. Аммо сирф дар ҷаҳорчӯбаи манфиатҳои миллӣ. Зеро ҷаҳонбинии миллӣ офтоби ҳаётбахши миллат аст.**

Барои илми давлатшиносӣ, яъне таълимот дар бораи шинохти давлат чунин ақида нав нест. Асосгузори он рӯҳонии миллатдӯст, донишманд, намояндаи равшанфикри дини Олмон Мартин Лютер (асри XVI) мебошад. Ӯ дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи рӯзгори мардумони Ғарб, аз ҷумла, таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллати олмонӣ, ба хулосае омадааст, ки бузургтарин неъмат барои миллат истиқлоли миллӣ аст. Вале нуктаи муҳимтарин ин аст, ки чунин мақомро танҳо тавассути истиқлоли зеҳнӣ таъмин кардан мумкин аст. То миллат аз рӯҳияи ғуломӣ озод набошад, вобаста ва идорашавандаи бегонагон хоҳад буд. Оқибатҳои фоҷиабори он ба дӯши халқ, аз насл ба насл хоҳад гузашт. Вобаста ба ин, рӯҳонии олмонӣ мардонавор шиори машҳури худро эълом дошт: **«Озод шудан аз зери султаи папаи Рим кори тамоми миллат аст!».** Мантиқи хизматҳои таърихии Мартин Л. посух додан ба саволе буд, ки **«чӣ тавр оилаи бузурги умумидавлатӣ бояд сохт?»**.

Ташкил шудани давлатҳои миллӣ дар Аврупо намунаҳои беҳтарини тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба бор овард. Амният ва суботи ин давлатҳо ҳам, натиҷаи сохти давлатдории миллии онҳост, ки бар пояи ҷаҳонбинӣ ва идеяҳои Мартин Лютер асос ёфтаанд. Аз ақидаҳои миллатхоҳонаи ҳамин рӯҳонӣ сарчашма гирифтаанд.

Имрӯз кулли мусулмонони дунё таъна ва миннати барҳақ, аммо кулфатбори истифодаи дастовардҳои Ғарбро мешунаванд, зеро

**«Бузургтарин натиҷаи ақли инсонӣ – сохтани асбоб ва воситаҳост» (Ф.Бекон),** ки ҳаёти одамиро маъниву мантиқ мебахшанд, зиндагии шоистаи ӯро таъмин мекунанд.

Ахиран, суханони сиёсатмадори варзидаи Олмон Ангела Меркел мусулмонони ҳушманди соҳибфикр ва баномуси дунёро дар хиҷолат гузошт ва бори дигар ба фикру андеша водор кард: **«Ҳинду Чин бо 2,5 миллиард аҳолӣ, 150 Худо ва 800 ақоиди мухталиф доранд, аммо дар сулҳ зиндагӣ мекунанд. Мусалмонон як Худо, як Пайғамбар ва як Китоб доранд, вале хиёбонҳояшон аз хуни ҳамдигар рангин шудааст!**

**Қотилаш мегӯяд: Оллоҳу Акбар! Мақтулаш ҳам мегӯяд: Оллоҳу Акбар! Ва куштагони ду тараф шаҳид номида мешаванд.**

**Ин дарде аст, ки мутаваҷҷеҳ нестем, дин чист!».**

Таҷрибаи фоҷиабори дунёи муосир ҳатто мутафаккирон ва сиёсатмадорони арабро водор кардааст, ки нисбат ба сохти давлатдории динӣ - исломӣ, таҳти ҳар шиоре бошад, андешаронӣ кунанд. Мухолифати ошкори худро ба чунин тарзи масъалагузорӣ эълон намоянд. Ба хотири осудагӣ ва суботи миллӣ аз баҳри шиор ва армонҳои сохтани давлати исломӣ гузаранд. Баъд аз чорсад соли таҷрибаи аврупоии милликунонии дин дар андешаи давлати миллӣ ва сохти давлатдории миллӣ бошанд.

Ба қарибӣ яке аз олимон ва давлатмардони таъсиргузори Амороти Муттаҳидаи Араб доктор Алӣ Рашид ал-Нуаймӣ китоберо бо номи «National State» («Давлати миллӣ») (India by Thomson Press India Ltd. 2021) ба табъ расонид. Асари мазкур дар қисмате аз кишварҳои араб ва Ғарб, аз ҷумла, ИМА, Британияи Кабир, Австралия бо теъдоди зиёд нашр гардид.

Ин рисола таҳлил ва арзёбии алоҳидаро тақозо мекунад. Аммо вобаста ба мавзӯи баҳс чанд нуқтаи онро мавриди

ёдоварӣ қарор хоҳем дод, ки ба андешаи мо, масъалаи истиқлоли давлатиро нисбат ба бозиҳои беохири геополитикӣ аз номи дин, то ҳадди муайян равшан месозад.

Ал-Нуаймӣ ҳаёти зиёда аз ним асри ахири Аморотро бо дигар кишварҳои араб ва мамлакатҳои исломӣ муқоиса, таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ карда менависад: **«Консепсияи давлати миллӣ калиди рушд, камолот ва тараққиёт мебошад. Бе чунин иқдом ҷомеа маҳву нобуд шуда, давлатҳо ба гирдоби беохири масири бесуботӣ рӯ ба рӯ мегарданд»** (Ali Rashid Al Nuaimi.India by Thomson Press India Ltd. 2021.P.XII).

Олим ва сиёсатмадори муосири араб фикри ҷолиброро бо ҷуръат пешниҳод ва қотеона тарафдорӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, акнун вақте расидааст, ки аз баҳри ақидаҳои шахшудаи таърихии схоластикии динии асримиёнагӣ гузарем. Ба ҷои кӯшиши фоҷиабори давлатҳои исломӣ сохтан, миллатҳо ва мардуми мусулмонро дар ҳалқа ё нӯхтаи бозигарони геополитикӣ андохтан, сар ба дор бурдан, беҳтар аст ба онҳо имкон диҳем давлати миллӣ созанд, то ҳар миллат чӣ таъриху тамаддун доштани худро донад, бишиносад. Бо он ифтихор кунад. Аз миллат ва арзишҳои миллӣ ҳимоя намояд. Ҳамин тариқ, ба ҳарими миллии онҳо ягон қувваи бегона калид пайдо накунад. Идеологияи миллӣ ҳимоятгари миллат ва давлати миллӣ бошад.

Араби соҳибандеша менависад: **«Он фикреро муҳокима кардаам, ки дар замони имрӯза аз афзалияти бар майна фармонфармоӣ кардани таърих гузарем. Ҷамъияти арабии мо аз он зуҳуроти фарсудашудаи бартарият додан бар таърих нисбат ба воқеияти имрӯз ва оянда, ки асрҳо онро дунбол мекунад, зарар мебинад»** (Ҳамон ҷо. – С. 12).

Ворисӣ мафкураву ақидаҳои арабӣ таъкид месозад: **«Ман назарияеро пешниҳод мекунам, ки озод кардани**

**ҷамъияти мусулмононро аз раҳбарӣ, мутеъ ва вобастагӣ аз ҷомеаи пешина..., суиистифода аз исломро бо мақсадҳои шахсӣ, ба даст овардани ҳокимият дар назар дорад»** (Ҳамон ҷо. – С. 13).

Вақте доктор Нуаймӣ рисолаашро «Давлати миллӣ» ном ниҳод ва доир ба ин масъала ҳамчун олим, сиёсатмадори фаъоли имрӯзаи ҳукумат муҳокимаронӣ мекунад, дар марказҳои асосии исломшиносии Ғарб роҳу воситаҳои «ғамхорӣ нисбат ба дини ислом», «ҳимояи мусулмонони табъизшуда», «бартариятҳои сохтани аморот ё хилофати исломӣ» боло мегиранд.

Мутафаккир ва сиёсатмадори араб менависад: **«Созмонҳои исломӣ, ки аз исломи сиёсӣ вобастагӣ доранд, дар Левант (Сурия ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик) мустақар буда, дар доираи манфиатҳои барномаи мусулмонони Ғарб маблағгузорӣ карда мешаванд. Ин созмонҳо мекӯшанд ба ҳукуматҳои давлатҳое, ки аз он ҷо омадаанд, фишор биоранд, то ин ҳукуматҳоро сарнагун созанд. Он кишварҳоро ба харобазор табдил диҳанд. Онҳо чӣ қадар тавонанд, ки ташаннуҷро дар мамлакатҳояшон созмон диҳанд, ҳамон қадар маҳбуб мегарданд ва дастгирӣ меёбанд»** (Ҳамон ҷо. – С. 59).

**Ин гуна хулосабарориҳо бори дигар тасдиқ мекунанд, ки тамоми ҳаракатҳои исломӣ, хоҳ террористӣ, хоҳ муътадил, дар кадом шакле зуҳур ёбанд, муҳим он аст, ки даъвои сиёсӣ дошта бошанд, мақсади ғасби ҳокимияти давлатиро ба нақша бигиранд, ҳадафи «ғамхориҳо»-и бозигарони геополитикӣ интихоб мешаванд.**

**Кулли режимҳои исломӣ, сарфи назар аз дараҷаи расмии ниҳоят зери суоли суитафоҳум дар муносиботи дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳти мувозибат ва пуштибонии махфӣ ва нимамахфии Ғарб буданд. Ҳастанд.**

**Ва мемонанд. Аз ин беҳтар, хубтар, самараноктар ва аз ҳама муҳим, роҳи арзонтари зери султаи якумрӣ қарор додани мусулмононро ихтироъ намудан вуҷуд надорад.**

**Муносиботи Ғарб бо ҳаракатҳои ба ном исломӣ як навъ саҳнаи ниҳоят ҷолиби театри лӯхтакро мемонад. Ташкилоти террористии ҳизби наҳзати исломӣ бо дастгоҳи ошкор ва пардапӯшонаи таблиғотиаш, айнан, аз ҳамин қабил аст. Ҳам баъзе кишварҳои исломӣ ва ҳам Ғарб дар ин самт якдигарро бе ишора, хуб мефаҳманд. Баъзе аз рӯи содагӣ, дигаре аз рӯи ақли султагӣ. Субъекти асосии бозигар, бидуни шак, «манфиатҳо» аст, ки ҳар кадом онро ба тарзи худ тафсир мекунад. Натиҷаи онро бо кулли саҳнаҳои беохири фоҷиавӣ дар сухани дар боло зикршудаи хонум А. Меркел ва ҳаёти рӯзмарраи ҳамсоякишвар мешунавем ва мебинем.**

Доктор Нуаймии ватандӯст, таҳсилкардаи Ғарб ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ хатарро дар омезиши ислом бо сиёсат мебинад. Меҳаросад, ки тавассути чунин амал ҳамватанони ӯ ба доми беохир ва бесару бари бозиҳои геополитикии баъзе кишварҳои исломӣ ва Ғарб гирифтор мешаванд. Ва ба фоҷиаи хунбори бебозгашт ворид мегарданд. Аммо ҷуръати ватандӯстона ва олимона пайдо карда, масъалаи милликунонии дин ва зери манфиатҳои миллии кишвар қарор додани онро ба миён мегузорад. Ҳамчун олим, сиёсатмадори замони нав, шахсияти таҷрибадор пешниҳоди дар мадди аввал гузоштани манфиатҳои миллӣ, афзалияти давлати миллиро бар ҳама гуна шиорҳои диниву мазҳабӣ ошкор, бо забони фаҳмо тафсир ва талқин мекунад.

Мантиқи сухани доктор Нуаймӣ аз ин гуна назарияи дар таҷрибаи кишварҳои мусулмоннишин тасдиқгардида аз он иборат аст: ҳар вақте шаҳрванд, намояндаи миллат вориди исломи сиёсӣ гардид, калиди ақл, фаросат, ҳушу ёд, забон,

дасту пои ӯ дар ихтиёри бегонагон - бозигарони геополитикӣ хоҳад буд. Аз чунин ҳолат, ӯро дигар ягон қувва халос карда наметавонад. Барои чунин шахс дунёи нави ормонӣ пайдо мешавад. Бошуурона ва бо ифтихори бузург бо ҷаҳонбинии таҳти шиорҳои ба ном исломӣ ташаккулёфта амал мекунад. Ҳар чизе, ки натиҷаи андешаи одамӣ аст ё барои инкишофи рӯҳи инсон таъйин шудааст, мешиканад, метарконад, оташ мезанад, нобуд месозад. Дунёро дар доираи зарфият ва ғунҷоиши зеҳни худ мебинад. Ин тоифа аз насл ба насл ба артиши мақсаднок ва худкифои геополитикӣ мубаддал мегардад.

**Озод кардани қисмати мардум аз рӯҳияи ғуломӣ, вобастагӣ, дар алоқамандӣ бо ифротгароии динӣ, хурофотпарастӣ ва тақдирсолорӣ ҳадаф ва амали умумимиллӣ аст.** Аммо ин кори осон нест. Доктор Нуаймӣ менависад: «**Зарурати таъкиди он нукта муҳим аст, ки ислоҳоти соҳаи маориф таҳкурсии асосии таъсиси давлати миллӣ дар баробари тамоми орзуҳои дигари миллӣ аст. Ислоҳоти соҳаи маориф тамоми кӯшишҳои созмонҳои бебунёд ва гурӯҳҳои алоҳидаро дар масъалаи ба мақсадҳои сиёсӣ ва манфиатҳои худхоҳона истифода бурдани дин аз байн мебарад**» (Ali Rashid Al Nuaimi. India by Thomson Press Ihdia Ltd. 2021.P.XIII).

Ин суханҳо кишваркушой нестанд. Шояд онҳоро мо хубтар дарк намоем. Ҳадафи мо аз иқтибос - нишон додани тағйири тафаккури араб нисбат ба давлат ва давлатдории миллӣ аст.

Дар маҷмӯъ, давлати миллӣ натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи таърихии тамоми инсоният, кулли башар дар бархӯрд бо ҷаҳонбиниҳои беҳаракат, шахшудамонда, истибдодӣ ва маҳсули худи илм мебошад. Олими фаронсавӣ А. Франс менависад: «**Сарфи назар кардан аз истифодаи таҳқиқоти илмӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ – паст задан ва нодида**

**гирифтани ҷойгоҳи илм аст. Илм моро дар мубориза ба муқобили фанатизм дар ҳама шаклҳои зуҳуроти он кумак мекунад; илм ба мо ёрӣ медиҳад, ки мо орзуву омоли боадолати ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи худро** *(дар мавриди сохти ҷамъиятӣ - С.Я.)* **созем ва ягон намунае аз системаҳое, ки иштибоҳ ҳастанд ва дорои намунаҳои ҷоҳилӣ, ваҳшигарӣ мебошанд, нагирем»** (А.Франс. 32.8.530).

Чун мавзӯъ масъалаи пойтахт аст, мушкилоте, ки фарогири баҳс гардид, шояд ғайриодӣ намоянд. Аммо таърих шоҳиди он аст, ки бо дамидани субҳи озодӣ ба ҷои сохтани давлати миллӣ, мамлакат ҳазорон сӯхтамаскан чун оташи гулхан, дастаҳои маъруф дар одам куштан, миллати кулфатзадаи сарсону ҳоҷатманд ва мардуми сӯхтадилу сӯхтахирмани таънасори душманро дарёфт кард. Ҳамаи ин аз пойтахти мамлакат оғоз гардид.

**Имрӯзҳо баъзе гурӯҳҳо мегӯянд: дар Тоҷикистон насли нав ба саҳна омад, ки он бадбахтиҳоро надидааст. Қисме аз мардуми бетараф он фоҷиаи бузурги миллиро ба гӯшаи фаромӯшӣ андохтаанд.** Ва қисмате аз хоинони миллат бозгашти даври чуғзро орзу доранд.

### Истиқлол, пойтахт ва ҷавонон

Муҳимтарин масъалаи давлатдорӣ ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ аст. Моҳияти онро истиқлоли давлатӣ, таъмин намудани тамомияти арзӣ, қонунсолорӣ, сулҳу субот, рушди иқтисодии кишвар дар бар мегирад.

Мушкили кор дар раванди амалисозии чунин ҳадафҳои олӣ дар ҳар давру замон барои миллатҳои соҳибдавлат омилҳои субъективӣ ва объективӣ мебошанд, барои он ки **«одамон** *(аз лиҳози назарияи антропологияи сиёсӣ ҳамзамон хонда шавад: давлатҳо – С.Я.)* **якдигарро намефаҳманд, ба хотири он ки ба як забон гап мезананд: ба забони рамзии**

**манфиатҳо, идеалҳо – он чизе, ки мехоҳанд»** (В. В. Ильин. Политология. – М., 1999. – С. 3).

Ҳангоми таҳлили таърих **«Аз ҳама талаботи ҷиддӣ - талаботи донистани ҳақиқат аст»** (Г.Ф.В.Гегель. Энциклопедия философских наук. т.1., Наука логики. М., 1975. -С. 81). Вақте сухан дар бораи падидаи тоҷикии давлатсозӣ ва рушди миллат меравад, омили ҳокимияти сиёсӣ бори дигар пеши назар меояд, ки тақдири халқ маҳз аз он вобаста аст.

Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба симати сарвари вилоят ва баъдтар ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ дар ҳаёти миллати тоҷик падидаи фавқулода муҳим ва гардиши кулливу сарнавиштсози умумимиллӣ буд. Яке аз олимони тавонои Ғарб менависад: **«Таърихи худро худи одамон месозанд. Аммо онҳо ин таърихро на ба он тарзе, ки худашон тарҳрезӣ мекунанд ва дар ҳолатҳое, ки онҳо интихоб кардаанд, балки дар он шароити воқеие, ки мустақиман рӯ ба рӯ мешаванд ва аз гузашта ба онҳо ба мерос мондааст, роҳандозӣ менамоянд».**

Барҳақ, давлатдорӣ кори саҳл ва роҳи ҳамвор нест. Ҷараён ва маҳсули андешаи олии инсонист. **«Ҳукумат бояд ба беҳтарин шахсиятҳои мунтахаб мансуб бошад. Ба ононе, ки масъулияти бузург вогузор карда мешавад ва ононе, ки бар дӯши худ уҳдадориҳои бузург вогузор мекунанд»** (Н. Бердяев).

Абармарде, ки вориди ин ҷараёни ниҳоят масъулиятнок мегардад, ҳаёт ва манзалати шахсии худро дар рӯ ба рӯи миллат ва дар саҳнаи байналхалқӣ мегузорад. Таҷрибаи таърихи гузашта ва муосир нишонгари иштибоҳоти раҳбарии сиёсии бисёре аз кишварҳост. Натиҷаи он - фоҷиаҳои оламшумул, ислоҳнашаванда ва умумимиллии онҳост.

Ҳамзамон бо ин, таҷрибаи одамӣ шоҳиди давлатҳои муваффақ ва миллатҳои хушбахт ҳам ҳаст, ки фарзандони

ҷоннисор ва азхудгузаштаи онҳо – шахсиятҳои барҷаста дар давраҳои муайян кишварро сарварӣ кардаанд. Дуруст аст, ки **«Шарафи одамони бузург бояд тавассути роҳ, усул ва воситае, ки чунин мартаба насиби онҳо гаштааст, баҳогузорӣ карда шавад»** (*Л.* Ларошфуко. Максимы и моральные размышление. М., 1958. - С.123).

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати навини тоҷиконро асос гузошт. Мактаб ва усули раҳбарии мабно бар дониш, хирад, мардумсолорӣ, тавоноии дарки орзуву омоли халқи заҳматкаш, додрасӣ, намунаи рафтори раҳбарӣ, қудрати волои суханварӣ, фурӯтаниву хоксорӣ ва олиҳимматии ҷавонмардонаро дар амал нишон дод. Бо беҳтарин сифатҳои давлатдорӣ – азамати худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ, кордонӣ, ғаюриву далерӣ, бурдборӣ ва нексириштӣ дар минтақа ва арсаи олам ному манзалати қадимии миллати тоҷикро барқарор намуд. Мардуми олам Тоҷикистонро бо номи ӯ шинохт.

**Мо борҳо таъкид кардаем, ки то замони муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳазорсолаи ахир тоҷикон, асосан, бо ҳувияти фарҳангӣ ва дар замони шӯравӣ бо истиқлоли нисбӣ шинохт пайдо карда буданд. Ин абармард тавонист тоҷиконро дар арсаи олам ҳамчун миллати соҳибдавлат, мустақил, номвар муаррифӣ ва ҳимоят намояд.**

**Президенти кишвар бо қотеияти сиёсӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои асосии сохти давлатдориро муваффақона ҳифз, ҳимоя ва дифоъ намуд. Бо сиёсати ҳуқуқӣ ва тадбирҳои амалӣ татбиқи онро ҷасурона ба роҳ монд.**

**Мактаби давлатдории Пешвои миллат – сиёсати амалӣ, рӯшод ва ошкоро аст. Назария ва фаъолияти рӯзмарраи ӯ бо мардум, дар байни мардум ва барои мардум мебошад.**

**Ба хотири гузаштаи таърихӣ, барои имрӯз ва таъйиноти амал бароиояндаи миллат, барои наслҳост.**

Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми кор бо омма, суханронӣ, мусоҳиба бо қишрҳои гуногуни ҷомеа дар толор, дар майдон, дар коргоҳ, дар саҳро, дар кӯчаву хиёбонҳо **Раҳбари давлат одамон, махсусан,ононеро, ки бо инсон сару кор доранд, сарваранд ё умеди сарварӣ дар дил мепарваранд, дарси намунавии сиёсат ва сиёсатмадорӣ, давлат ва давлатдорӣ меомӯхта бошад.** Санъати тавони муошират бо мардум - санъати бузурги раҳбарӣ аст: «**Таъсиррасонӣ ба рӯҳи иҷтимоӣ маънои таъсир расонидан ба раванди ҳодисаҳои таърихиро дорад**» (Г.В. Плеханов. Сочинения. Т. 1-24. М., 1923. –С. 24).

Эътиқод бар он назар аст, ки табиат ва тақдир ин шахсиятро маҳз барои ҳамин манзалати бузурги таърихӣ – Пешвои миллат будан офаридааст.

Аз лиҳози дигар, «**Дар тӯли таърих ягон табақаи иҷтимоӣ** (*хонда шавад миллат - С.Я.*) **ба ҳокимият ва сарварӣ нарасидаанд, агар онҳо доҳиёни худро, ки ҳаракатҳои мардумиро ташкил ва роҳбарӣ кардаанд, рӯи саҳнаи сиёсӣ набароварда бошанд**» (Составитель С.Х. Карин. «Мысли и изречения». Алма-Ата,1964. – С. 657).

**Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастоварди миллӣ аст**.

Роҳбари давлат доимо мантиқеро таъкид месозад, ки муҳтавояшро бо иқтибос аз мутафаккирони бузург ифода кардан мумкин аст: «**Таърих чизи дигаре нест, ғайр аз батадриҷ иваз гаштани наслҳо».**

Воқеан, дар замони истиқлол насли нав ба камол расид.

Тавассути сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони ҳамсоли давлати соҳибистиқлол ва таҳсилдидаи ин марҳала, зина ба

зина дар система ва сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бо дарназардошти хислатҳои шахсӣ, тахассусмандӣ, таҷриба, дониш ва малака дар сатҳҳои роҳбарикунанда ба кор ҷалб гардиданд.

Чунин тағйирот талаботи рӯзмарра, объективӣ ва ҳаётан муҳим мебошад. Маҳз ҳамин муносибат устувории ҷомеаро, ки доимо дар таҳаввулоти диалектикӣ буда, ҳамқадамии иваз гаштани наслҳоро вобаста ва дар мутобиқат бо такмили воқеӣ дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт – сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳо дар бар мегирад, таъмин мекунад. Аз нигоҳи илмӣ дигаргунсозии сифатӣ ва табиӣ дараҷаи олии рушд ва тараққиётро мадди назар дорад.

Мусаллам аст, ки худи давлат барои ҳаллу фасли манфиатҳои ба ҳам муқобил ва гуногуншакли синф ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, танзим ва тақсими фаъолияти инсонӣ, бо кулли имконот амалӣ кардани иродаи сиёсӣ дар қаламрави кишвар барои таъмини амният, дифои мамлакат, рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ва тавони манзалати шоиста бахшидани миллат дар арсаи байналхалқӣ арзи вуҷуд кардааст.

Аз диди амалияи давлатдорӣ ҷавонони солҳои 80-ум ва аввали 90-уми асри гузашта қисмати асосии кишвари моро дар соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсати дохиливу берунӣ, илм, маориф, сиҳати омма, соҳибкорӣ, қувваҳои мусаллаҳ, амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ - муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти мамлакат муаррифӣ мекунанд. Онҳо қувваи бузург – чилу ҳашт фоизи аҳолии кишварро дар бар мегиранд. Қисмати солим ва ҳаракатдиҳандаи ҷомеа мебошанд. Аммо «**миқдор ҳамон вақт масъаларо ҳал мекунад, ки муташаккил ва бо дониш фарогирифта бошад**». Дониш ҳам замоне самара мебахшад, ки бо андеша ва

муҳокимаи баробарвазн ба воқеият иртиботи ногусастанӣ пайдо кунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мактаби аслии Пешвои миллат - таҷрибаи зиндагӣ бо хиради азалӣ ва хислати бузурги ҷавонмардӣ аст. Яке аз чунин сифатҳо тарбия кардани кадрҳо, махсусан, ҷавонон, эътимод ва бовар ба онҳост.

Мо дар замони ниҳоят пурпечутоби таърихӣ қарор дорем. Бозигарони геополитикӣ тавассути имконоти пулӣ, молӣ, идеологӣ ва шиорҳои дурӯғин мехоҳанд сарнавишти мардумони оламро идора ва ба нафъи худ ҳаллу фасл кунанд.

Аммо таҷрибаи кишварҳо гувоҳи он аст, ки меъмори ҳаёти имрӯзу фардои миллат фақат худи миллат аст. Дар ин маврид ҷавонон оянда ва қувваи бузурги тақдирсози мамлакатанд. Маҳз онҳо давомдиҳандаи ҷараёни бузурги эҳёи мардуми тоҷик мебошанд, ки онро Пешвои муаззами миллат асос гузоштааст. Мо дар **ҷомеаи тақдири ягона** рӯзгор мебарем. Ин масъулияти умумимиллӣ моро гаштаву баргашта ба ваҳдат, сарҷамъӣ, дастгирии насли ҷавон, ки амалӣ гаштани орзуву омоли падару бобоёни мо - нақшаҳои бузурги давлатсозӣ аз онҳо вобаста аст, водор мекунад. Ва баръакс, **«бояд аз дӯстони рӯякӣ, ки дар бораи принсипҳои марбута ризоияти худро иброз медоранд, аммо нисбат ба амалӣ гаштани онҳо ба баҳонаи он ки гӯё ҳанӯз вақт ба он омода нест шубҳа доранд ва худ кӯшиши кумак кардан, ёрӣ расонидан барои пухта расидани масъаларо намекунанд, ошкоро эҳтиёт кунем»** (Мысли и изречения. Составитель С.Х. Карин. Алма-Ато, 1964. -С. 147).

Вазифаи мост, ки дасти ҷавононро бигирем. Онҳоро пуштибонӣ кунем. Ба онҳо умед бандем.

**Устоди беҳтарини инсон илм, маърифат, дониш ва ҷавҳари он таҷриби зиндагӣ мебошад.** Сарфи назар кардани ин воқеият сабаби фоҷиаҳои бузурги инсонӣ аст:

**«Одамон бо як сабаби одӣ дастҳо сӯи Осмон тақдир меҷӯянд, зеро ки онҳо дар Замин роҳи худро гум кардаанд»** (Г.В. Плеханов. Сочинения. Т. 1-24. М., 1923. -С. 409).

Итминон аст, ононе, ки ба арсаи зиндагии пурмасъулият қадам мегузоранд, зиндагиномаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сарчашмаи намунаи ҳаёти худ мешуморанд. Бо тавони таҳлил ва салиқаи муҳокимаронӣ, андеша, гуфтор, рафтор, кору пайкор ва масъулияти ватандорӣ сазовори эътимоди мардум мегарданд.

Мундариҷаи андеша ва хулосабарории инсони комил тавассути таъсири дигаргуншавии олами ҳастӣ шакл мегирад ва вобаста ба он тағйир мепазирад. Таҷриба, намуна ва далелҳои зинда омили рушди ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи одамон мегарданд.

Шаҳри Душанбе барои сокинони он ва кулли шаҳрвандони кишвар, нафароне, ки на танҳо пеш аз истиқлол, балки ҳамагӣ се-чор сол қабл меҳмони пойтахти мамлакат гаштаанд, ин падидаро намунае аз инқилобҳои шаҳрсозии олам арзёбӣ мекунанд.

**Ҳар касе, ки дар зиндагӣ бо дастони худ хишт болои хиште гузоштааст, бомеро таъмир карда, дар ҳавлиаш роҳраве бунёд намуда, дарахте сабз карда, буттаи гуле шинонидааст, ба қадри ин таҳаввулот мерасад.**

Ҳамаи ин иншоот ва корхонаву муассисаҳоро дар кӯтоҳтарин муддат шаҳрдорӣ, соҳибкорон, ҳазорон ҳазор ҷавонони мамлакат месозанд. Онҳо аз дуру наздик бо тарҳрезӣ, нақшабандӣ, ташаббус, даъват ва раҳбарии Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба майдони корзори пойтахт ворид шуда, ин бозсозиро оғоз, идома ва суръат бахшидаанд. Ҳамин тариқ, амал **«лаёқат ва истеъдод эътимодро тақвият медиҳад»** (Гёте).

Бунёди корхонаву муассисаҳо, мактабу шифохонаҳо, роҳҳо ва мавзеъҳои истироҳатӣ бо ин бузургӣ ва вусъат дар пойтахти мамлакат - шакли воқеии зуҳурот ва далели моҳияти шахси роҳбар аст. Ин масъаларо метавон тавассути имконоти сухан ба таври ҳамвазн тафсир намуд. Аммо хубтар ба назар мерасад, ки он аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ ва хулосабарорӣ карда шавад: Гегел дар тафсири чунин падидаи мантиқӣ таъкид мекунад: «**Ҳақиқат, бидуни шубҳа, тавассути таҷриба тасдиқ мегардад. Дар таҷриба муҳим он аст, ки кадом ақл ба омӯхтани воқеият машғул мешавад. Ақли бузург назорати бузургро асос мегузорад ва дар гуногунрангии зуҳурот он чизеро мадди назар мегирад, ки аҳамият дорад. Идея дар нақд ва ҳақиқат зуҳур меёбад, на берун аз он, на баъди зуҳурот**». Сухани худро давом дода файласуфи бузург менависад: «**Дар идома имкон дорад, ҳамчунон ҳақиқатро дар инъикос кардан, дар муайян кардани муносибати фикрҳо, андешаҳо шинохт, дарк кард**» (Г.В.Ф. Гегель М.: Наука, 1974. -С.127).

Ин фикр, ба назари мо, ба муттасилии айният, хосияти ирсӣ ишора мекунад ва аз аломатҳои устувори моҳият ва зуҳурот низ шаҳодат медиҳад. Академик П.Н. Федосеев таъкид мекунад: «**Инсон зуҳуроти ҷамъиятист, аммо ҳамчун ҷузъи табиат моҳияти биологӣ дорад**» (П.Н. Федосеев. Проблема социального и биологического в философии и социологии. - Биологическое и социальное в развитии человека. – М., 1977. – С. 19). Рустами Эмомалӣ дар кору рафтор, қавлу амал ва маҷмӯи сифатҳои шахсӣ ва корӣ дастпарвари мактаби давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

## Хулоса

Давлат ҳамчун талабот, зарурат ва падидаи ҷамъиятӣ хосияти сирф заминӣ дорад. Барои ҳаллу фасли мушкилтарин масъалаҳои ҷомеа таъсис ёфтааст. Ба ҳамин хотир, қонунгузор ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин ниҳодро қотеона муайян кардааст.

Дар маҷмӯи чунин масъулият ва имконот пойтахти мамлакат нақши ҳаётан муҳимро дорост. Уҳда кардани мудирияти он барои давлатмард имтиҳон ва шарафи бузург аст.

Чун анъана, одамони касбу кори гуногун дар пойтахт умр ба сар мебаранд. Кору зиндагӣ мекунанд. Дар кӯчаву хиёбонҳояш сайру гашт менамоянд.

Умдатарин сифати дарки инсон баробарвазнии инъикоси воқеият дар тасаввуроти ӯ мебошад. **Ахиран, мардуми соҳибандеша ва ҳақбин пешравии куллиро дар пойтахти мамлакат хуб мушоҳида мекунанд.** Рушд ва зебоии шаҳр дар дилу дидаи инсонҳо, илми таърихнигорӣ, эҷоди асарҳои бадеӣ, филмҳои мустанад, вокуниши меҳмонон аз дуру наздик инъикоси ҳақиқӣ ёфта, боиси ифтихори ҳар як сокини кишвар гардидааст. Ин дастовард бо кӯшишҳои пайвастаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мисли дигар комёбиҳои беназири кишвар таҳти ҳидояту сарварии бевоситаи Пешвои муаззами миллат сурат гирифт.

Ҳама гуна амали инсон маҳсули идея, ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва андешаи ӯст. Бузургтарин тарҳҳои бунёдкорӣ, меъморӣ, шаҳрсозӣ ҳам, айнан, дар ҳамин шакл, аввал дар мағзи инсон ҳамчун нақша, орзу, ният ба вуҷуд меоянд. Муҳокима мегарданд. Пухта мешаванд. Баъд рӯи кор меоянд. Ба зуҳуроти материалӣ мубаддал мешаванд. Дастраси омма мегарданд. Яъне падидаи одӣ нестанд. Ниҳоят заҳматталабанд. **«Агар воситае бошад, ки тавассути он дараҷаи тараққиёти ҷомеа**

**санҷида шавад ё дар ҳадди ниҳоӣ имконоти тараққиёти он муайян гардад, ин восита аз дақиқ кардани ҳамон идеалҳое мебошад, ки дар марҳалаи кунунии таърихӣ он ҷомеа ба роҳбарӣ гирифтааст»** (М. Е. Салтыков-Щедрин. Сочинение. Т. 1-12. –Спб, 1894). Чунин идеяи роҳнамо шиори Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикистон, ба пеш!» аст.

**Пойтахти давлат – гаҳвораи тақдири миллат аст. Он таҳаввулоти инқилобие, ки дар навсозии шаҳр мисли ҷаҳони муосир дида мешавад, бояд дар ботини сокинони пойтахт, махсусан, ҷавонон дидгоҳ ва ҷаҳонбинии навро тавлид намояд. Мо муътақид ҳастем: дониш, маърифат, ки асоси онро ҷаҳонбинии миллӣ ташкил мекунад, имконоти ғаразҳои геополитикиро маҳдуд месозад.**

Агар ба бисёре аз иншооти хотирмони Душанбеи имрӯза назар андозем, ба тарҳ ва мантиқи ороиши дохил ва намуди берунии онҳо таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки намои шаҳр ҳазорсолаҳои гузаштаи миллати моро дар давраҳои мушаххаси таърихӣ, бо беҳтарин дастовардҳои меъмории олам инъикос менамояд. Аммо таърих борҳо исбот кардааст, ки **«ҳифзи музаффариятҳои инқилоб дар рӯзи дуюми баъд аз инқилоб на камтар аз худи инқилоб аст»** (М. Робеспйер).

Пас зарур аст, ки мо пойтахти мамлакатро ҳамчун гавҳараки чашм пок, беолоиш, дар сулҳу субот ва оромиву осудагӣ барои имрӯз, барои фардо, барои ҳазор соли дигар нигаҳ дорем. Аммо ин кор саҳл нест.

Таҳлили зуҳуроте, ки аксар вақт дар тарзи пӯшидани либос, намуди зоҳирӣ, гуфтор ва рафтору кирдори баъзе гурӯҳҳои ҷавонони пойтахт ва ноҳияҳои атрофи он ба назар мерасад, ба таҳлили моҳияти (умқ, сират, ботин, муҳтавои ҷаҳонбинӣ, шуур) ин падида ва аз оқибати эҳтимоли зери суол рафтани вазъ ҳам дарак медиҳад. Он намунае аз тамоюли

бегонапарастӣ, фосила гирифтан аз анъана, урфу одат ва ҷаҳонбинии миллии қисми фаъоли ҷомеа аст.

**Ҷавонон, умуман, инсонҳо бе идеал зиндагӣ карда наметавонанд. Ин беҳтарин нишонаи одамият аст. Аммо ин идеал бояд заминӣ бошад, барои аҳли оила, хонаву дар, деҳа, барои ҳифзи сарзамин, барои миллат, барои Ватан. Пойтахти давлатро ҳам, фақат ҳамин идеал обод мекунад, осуда нигоҳ медорад. На чизи дигар.**

Роҳи ягонаи раҳоӣ аз торикӣ ва раҳгумӣ, халосӣ аз гирдоб ба умеди соҳил, омиле, ки мушкилро осон мекунад ва манзилу маҳфилу аҳли дилро нигаҳ медорад, ҷоҳилро комил мегардонад, мактаб, маориф бо ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги миллӣ аст. Китоби дарсӣ «**...бояд на танҳо ҳақиқатро гӯяд, балки сабаби дурӯғро ҳам тафсир кунад, фаҳмонад: ин амал боварро ба ҳақиқат қувват мебахшад. Одам бояд фаҳмад, барои чӣ як чизе дар назар ҳақиқат менамояд, ки он дар асл ҳақиқат нест. Чунин фаҳми масъала эътиқоди инсониро ба воқеият, ба дурустӣ пурзӯр мекунад»** (Аристотель. Эстетика. – М., 2020. – С. 75).

Дар муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ, ки дар се-чор соли охир дар пойтахти мамлакат сохта шуданд, барои наврасон ва ҷавонон беҳтарин имконоти тарбия ва таълим фароҳам гардидаанд. Чунин боргоҳҳои илму ҳунар, воқеан, дар дунё камназиранд. Барои давлат, барои хазинаи шаҳрдорӣ ниҳоят гарон афтодаанд. Аммо маблағгузорӣ барои имрӯз ва оянда, барои рушди инсонӣ ҳамин аст. Ҷомеа, волидайн, кормандони соҳаҳои илму маориф бояд ба қадри он расанд. Фарзандон, мутахассисон, олимонеро тарбия намоянд, ки сазовори халқи хеш бошанд. Ҷаҳонбинии миллӣ, ватанпарастона ва илмӣ дошта, бо мақсаду мароми давлат, ки асоси онро амният ва рифоҳи ҷомеа ташкил мекунад, ҳамтову ҳамнаво гарданд.

**Соҳаи маориф, таълиму тарбия ҷабҳаи муътақидкунонист.** Мусаллам аст, ки таваҷҷуҳ ба тарбияи насли нави давраи истиқлол ва давлатдории навини миллӣ аз муваффақтарин самти сиёсати шаҳрдорӣ дар давраи мудирияти муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад. Ва ин бесабаб нест. Фаъолияти Раиси шаҳр ва мантиқи амали ӯ - милликунонии тафаккур бо суханони мутафаккири бузург Аристотел алоқамандии ногусастанӣ дорад: «**Ба хотири он ки тамоми давлат, дар маҷмӯъ, ҳамагӣ як мақсадро мадди назар дорад, аз ҳамин сабаб барои шаҳрвандон шароити якхелаи тарбия лозим аст. Ва ғамхорӣ дар ин масъала бояд ғамхории давлат бошад, на ташаббуси шахсӣ. Зиёда аз ин, набояд фикр кард, ки ҳар як шаҳрванд худ ба худ арзи вуҷуд мекунад. Не, ҳар шаҳрванд мансуб ба давлат аст. Ҳар шаҳрванд ҷузъи давлат мебошад. Ҳамин тариқ, ғамхорӣ дар бораи ҳар як нафар, табиист, ки ғамхорӣ дар маҷмӯъ, дар якҷоягиро дар назар дорад**» (Аристотель. Политика. -М.: Наука. 2010. – С. 536). Чунин муносибат ба вазъи маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии ҷомеа бесабаб нест.

Миллати тоҷик борҳо бо фоҷиаҳои сангин рӯ ба рӯ шудааст. Бузургтарин бадбахтии миллӣ шикасти давлати Сомониён буд. Ин нокомӣ ҳазор сол идома дошт. Ва мардумро тӯли садсолаҳо ба ғуломӣ кашид. Рӯҳияи онро заъиф сохт. Ба ҷузъи психологияи таърихӣ мубаддал шуд. Айнан, ҳамин кӯшишро давоми ҳафтод соли охир ду маротибаи дигар (ҳаракати босмачигарӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ) хоинони ҷоҳталаби миллат зери султа ва амри бегонагон бо роҳу василаҳои нангину хунин амалӣ карданӣ шуданд.

Аммо шикоятҳо дарди моро сабук намекунанд. Бояд бидонем, ки фоҷиаву шикасту рехтҳоро сабаб чист? «**Мо наметавонем, ягон хатоии худро, аз ҷумла, иштибоҳоти сиёсиро дарк кунем, агар натавонем фаҳмем, он касе**

**чунин иштибоҳро содир мекунад, аз лиҳози умқи масъала кадом камбудии назариявиро бошуурона қабул ва гумон кардааст, ки дуруст аст ва онро содир намудааст»** (Мысли и изречения. Составитель С. Х. Карин.– Алма-Ата, 1964. – С. 637). Ҳамаи он каҷравиҳое, ки боиси фоҷиаҳои миллӣ гардидаанд, асоси идеологияи хурофотӣ, ифротгароӣ ва бегонапарастӣ доштанд.

**Пойтахт ва умуман, кишвар зарурат ва ниёзи бемайлони ислоҳи вазъро дар самти тарбияи шуур ва маънавиёти омма дорад. Ин ҳолат бояд на танҳо ба рафти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии миллӣ мувофиқат кунад, ҳатто аз он пеш гузарад.** Сохтор, мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, дидгоҳи қисмати фаъоли ҷомеа ва нақшаҳои ғаразноки бозигарони геополитикӣ ин масъаларо рӯзмарра ва мубрам гардонидаанд.

Ғолибияти ҷаҳонбинии миллӣ – замонати суботи пойтахт, истиқлол, пойдорӣ ва рушди Ватани азиз – Тоҷикистон аст. Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ садоқати хешро дар ин пайкор ҷавонмардона нишон медиҳад.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## ГАР ХУСРАВИ КУРТ БАР ДАЛЕРОН НАЗАДӢ...

*Инон ба тафриқаододеду ранҷҳо дидед,*
*Дигар зи зовияи офият сафар макунед!*
*Фаттоҳӣ*

Бояд донист, ки аҳли дину мазҳаб (фақеҳҳо, муллоҳо, эшонҳо, хоҷаҳо, шайххо, сӯфиҳо, авлиёҳо...) ҳамеша ба зарари миллат ва манфиатҳои кишвари мо амал кардаанд. Масалан, вақте ки Элликнасри Қарохонӣ соли 389 ба Бухоро ҳамла намуд, фақеҳон мубориза ва муқовиматро бар зидди эшон, яъне туркон, ки мусулмон шудаанд, ҷоиз надонистанд ва хилофи шариат хонданд. Ин истилогарон Бухороро забт намуда, амир Абдулмалик-охирин подшоҳи Сомониёнро, ки ба тозагӣ ба тахт нишаста буд, бо бародараш Мансур нобино карданд. Ҳамзамон, шоҳзодагони дигарро низ асир ва қатл намуданд ва бад-ин тартиб давлати миллии Сомониёнро аз байн бурданд. Аз ин хотир, мо бояд аз ҳаводиси гузашта, ки бар сари миллати мо омадааст, ҳар оина ибрат бигирем, як дақиқа ҳам ғафлат наварзем, зеро ҳамин навмусулмонон буданд, ки кишвари моро истило карданд ва ба майдони ҷангу ҷидол табдил доданд. Онҳо на танҳо миллати моро қатли ом намуданд, балки дар асорату бардагӣ қарор доданд ва муҷиби турку узбак гардидани бисёре аз онҳо дар дарозои таърих гардиданд, ба ҳувияти миллии мо зарбаи ҷонкоҳ заданд ва онро осебпазир намуданд. Мо бояд содалавҳиро имрӯз канор бигзорем ва пеш аз ҳама ҳувияти миллии худро қавӣ намоем, ҳамвора пайи манфиатҳои миллату кишвар бошем ва ҳеҷ гоҳ ба умеди дигарон нашавем, зеро мо асрҳо боз ба умеди

мусулмонон шудем, аммо маҳз аз дасти ҳамин мусулмонон ба асорату бадбахтӣ гирифтор шудем. Ибтидо кишварамонро аз даст додем, пасон ҳувияти миллиамонро гум кардем, бе пойтахт мондем, шаҳрҳои бузургамонро аз даст додем, олимону адибонамонро ба эшон «ҳадя» кардем ва бад-ин тартиб теша бар решаи худ задем. Албатта, ин иштибоҳоти ҷубронnопазир буд, ки миллати мо дар тӯли таърих пора-пора гардид, дар кӯи саргардонӣ умр ба сар бурд, мурда-мурда зиндагӣ кард, қудрати сиёсиашро аз даст дод, танҳо нуфузи илмиву адабиаш буд, ки ӯро зинда нигаҳ дошт. Ҳамин мурда-мурда зиндагонӣ карданро мо умр донистем, зеро хонадонҳои миллӣ, аз ҷумла Сомониён, аз байн рафта буданд, дигар касе набуд, ки майдондорӣ кунад, зеро шамшер аз даст рафта буд, танҳо қалам монда буд, ки мо онро ба кор андохтем, аммо ин қалам дар хидмати шамшер қарор дошт. Бинобар ин, баъди аз байн рафтани хонадонҳои миллӣ миллати мо дигар маҷоли муқовимат ва аз нав ба даст овардани қудратро аз даст дода буд. Албатта, шоир, олим, ки қалам дошт, ҳеҷ гоҳ шамшер намегирифт, зеро вазифаи ӯ дигар буд. Лиҳозо, миллати мо дар асорат мезист ва наметавонист қоматашро рост намояд, озод нафас гирад, мавриди ғамхории амирону подшоҳои бегонатабор қарор гирад. Бинобар ин, шоираш даст ба шикоят мезад ва мегуфт:

*Зиндагӣ кардани ман мурдани тадриҷӣ буд,*
*Он чи ҷон канд танам, умр ҳисобаш кардам.*[1]

Ва дигаре ба тафсили ин иҷмол мепардохт ва ба гӯши ғофилон аз таърих ва бехабарон аз худ чунин тарона мехонд:

*Халқи тоҷик,*
*Халқи ормон,*
*Об дар чашм*

[1] Фаррухии Яздӣ. Дар талаби озодӣ. –Душанбе:Ирфон, 1980. –С.88.

*Чун ятимон,*
*Дар лабаш хашм*
*Чун асирон*
*Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,*
*Бар ватанталбу кафанталбандаҳо бахшиду дод,*
*Душмани дарвеши худро*
*Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.*[2]

Бо як сухан, баъди пош хӯрдани давлати миллии Сомониён ва рӯи кор омадани сулолаҳои бегонаи туркнажод, ки бо номи мусулмон дар кишвари мо ҳукмронӣ мекарданд, дигар миллати мо рӯи хушро надид, ки надид. Ҳолу аҳволаш дигарсон шуд, озода буд, ба ғулом табдил ёфт, забардаст буд, ба зердаст мубаддал гардид. Ин ҳолатро Кисоии Марвазӣ пеш аз Носири Хусрав (Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд, Ҳама дигар шудаш аҳволу Сомон.[3]) пай бурда ва гуфта буд:

*Ба вақти давлати Сомониёну Балъамиён*
*Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.*[4]

Азбаски баъди шикаст хӯрдани Сомониён ҳувияти миллии тоҷикон осебпазир гардида буд, эшон маҷоли ифтихор аз нажоди худро билкул аз даст дода буданд. Лиҳозо, бо номи мусулмон мезистанд, аз гуфтани миллати озода ва деҳқон маҳрум шуда буданд, яъне дигар худро на деҳқон ва на озода гуфта наметавонистанд, зеро зердаст шуда буданд, танҳо бо ҳувияти мазҳабӣ мезистанд. Аммо истилогарони ғолиб, ки аз дасти онҳо мусулмон шуда буданд, ҳувияти миллии худро нигаҳ медоштанд, ҳар ҷо ки мерафтанд, бо номи қавм (турк) мерафтанд, ҳар коре, ки мекарданд аз номи қавм, яъне ҳамчун

[2] Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан… –Душанбе:Адиб, 1987. –С.17-18.
[3] Носири Хусрав. Куллиёт. Девони ашъор. –Ҷ.1. –Душанбе:Эр-граф, 2003. –С.530.
[4] Ҷамолиддин Саидзода. Носири Хусрав-шоире хирадситой ва донишгарой. –Душанбе:Ирфон, 2014. –С.41.

турк мекарданд. Масалан, Салҷуқиён зери байрақи ислом ба истилои заминҳои дигар пардохтанд, ба Руму Урупо ҳуҷум карданд ва худро ҳамчун турк муаррифӣ кардаву шиносонданд. Аз ин рӯ, мағлубон-румиёну юнониён ва соири урупоиён онҳоро на мусулмон, балки ҳамчун турк ном мебурданд. Ба хотир биёред, давлати туркони Усмониро, ки қариб тамоми Урупоро истило карда буданд, аммо на ба номи давлати исломӣ, балки ба номи миллату қавмашон-туркҳо. Мо ин ҳолатро ҳангоми фатҳи Ҳинд аз ҷониби Муғулҳои Бузург, ки бо роҳбарии Бобур ва ҳамтаборони ӯ сурат гирифта буд, низ боздид менамоем. Онҳо ба номи ғазовот бар зидди куфр меҷангиданд, аммо турку муғул будани худро на танҳо фаромӯш намекарданд, балки дар ҷои аввал мегузоштанд. Лиҳозо, аҳолии ин сарзамин ҳам, пеш аз он ки бидонанд ба кишварашон мусулмонон ҳуҷум кардаанд, медонистанд, ки муғулҳо ҳамла намудаанд. Аз ин рӯ, дар таърих низ ин муҳоҷимон ва ин истилогаронро бо номи Муғулҳои Бузург ёд менамоянд. Аз ин суханон чунин истинбот мешавад, ки дини ислом барои туркону муғулҳо ҳамчун дини миллӣ хидмат намудааст, миллатро эҳё кардааст, зеро онҳо, ҳар ҷо, ки рафтанд, ҳар кор ки кардаанд, барои турк ва миллати худ намудаанд. Аз ин рӯ, ҳам халқу кишварҳои дар асоратафтода ва ҳам таърих онҳоро ба номи турк ва муғул хондаанд ва ёд кардаанд. Албатта, ҳамроҳи ин истилогарон ва лашкари онҳо одамони касбу пешаҳои гуногун, аз ҷумла ҳакимон, адибон, фақеҳон, пизишкон, мунаҷҷимон, олимон, мусиқидонон, хаттотон, оҳангсозон, муҳосибон, овозхонон, сӯфиён, дарвешон, қаландарон, ҳунармандон, маҷлисороён, мутоибагӯён, ҳаззолон, қиссагӯён, дабирон, шоирон, бозаргонон ва ғайра, ки аз қавму миллатҳои дигар, аз ҷумла тоҷикону форсҳо, буданд, низ мерафтанд, аммо онҳо ҳамчун мусулмон ном бурдаву шинохта мешуданд. Азбаски

истилогарони асосии Ҳинд турку муғул ва сипоҳиёни онҳо буданд, мардуми ин сарзамин онҳоро турку муғул мегуфтанд. Ҳатто қаламрави Темуриёнро низ Ҳинди Муғул меномиданд. Абдуллоҷон Ғаффоров, яке аз муҳаққиқони адабиёти форсизабонони Ҳинд, гӯяд: «Заҳириддин Бобур дар солҳои 1526-1527 ба ҳукмронии сулолаҳои Деҳлӣ ва хонигарии Раҷпутана хотима дода, дар қисми шимолии Ҳиндустон давлати худро ташкил намуд. Ворисони Бобур вилоятҳои дигари Ҳиндустонро ба давлати худ ҳамроҳ намуданд, ки шакли империяи бузургро гирифт ва то соли 1857 давом кард. Бинобар аз насли Чингизхон будани модари Бобур, Империяи дар Ҳиндустон асосгузоштаи ӯ дар таърих бо номи «Империяи муғул» ё «Муғулҳои бузург» маъруф гардидааст. Мардуми маҳаллии Ҳиндустон, чи ононеро, ки ҳамроҳи Бобур ба Ҳиндустон рафта буданд ва чи муҳоҷиронеро, ки дар даврахои минбаъда аз Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон рӯ ба Ҳиндустон оварда, сокини он ҷо гардида буданд ва онҳо ба қавму миллатҳои гуногун тааллуқ доштанд, ҳамаро муғул меномиданд».[5] Бад-ин маънӣ, Аҳмад Гулчини Маонӣ дар ҷилди дувуми китоби «Корвони Ҳинд», дар бахши «Ашрафи Мозандаронӣ», ашъори зерини Ашрафи Мозандарониро меорад, ки қобили хондан ва андеша кардан аст:

*Дар ин ғурбат шудам ғамгину ғамхоре намеояд,*
*Ба сарвақтам зи ёрони ватан ёре намеояд.*
*Муғулро суҳбати ҳамҷинс мебояд ба Ҳиндустон,*
*Шаб аз нури назар бе рашванӣ коре намеояд.*

******

*Саводи Ҳинд гулистони хобро монад,*
*Ҳавои шӯраи обаш саробро монад.*
*Назораи бути ҳиндӣ пас аз бутони муғул*

[5] Абдуллоҷон Ғаффоров. Мирзо Асаддуло Ғолиб. –Душанбе, 1965. –С.16.

*Ба соя дар шудан аз офтобро монад.*

XXX

*Гар ба Ҳиндустон зи беқадрӣ гадо бошад муғул,*

*Беҳ, ки дар мулки дигар фармонраво бошад муғул.*[6]

Ӯ пас аз овардани ин намунаҳо, дар қисми тавзеҳот, доир ба истилоҳи «муғул» чунин менависад: «Истилоҳи нохушояндест, ки дар «Ҳиндустон (Ҳинди Муғул) эронии сафедпустро(муғул) мегуфтанд». Дар «Захиратулхавонин», зимни тарҷумаи Қизилбоши туркман чунин омадааст: «Навкараш аксар мардуми муғули эронӣ буд. Муҳаммадқулии Салим гӯяд:

*Баски дар мамлакати Ҳинд муғул хор шудаст,*

*Мекунад хоки сияҳ бар сари худ фили сафед.*

Озоди Билгиромӣ дар эътироз ба рубоии Ҳайдарии Табрезӣ гӯяд:

*Дар кокули бутон дили бадхӯ фиғон кунад,*

*Ҳамчун муғул шикояти Ҳиндустон кунад.*[7]

*Намунаҳои дигар аз Муҳаммадқулии Салим:*

*Салоҳи кори худ аз каф мадеҳ, ҳақиқат чист?*

*Ба мулки Ҳинд қадам чун ниҳӣ, сипоҳӣ бош!*

******

*Нест улфат бо муғул шаккарлабони Ҳиндро,*

*Кош ба сар чирае ҳамчун магас медоштам.*[8]

Аз ин рӯ, бояд донист, ки тоҷиконро на англисҳову русҳову немисҳову латишҳои кофир, балки мусулмонони арабу турку муғулу усмонию салҷуқию ғазнавию темурию манғитӣ дар дарозои таърих ба хоку хун кашиданд, ба давлаташон, ба зану фарзандонашон дасти таҷовуз дароз карданд, пойтахташонро гирифтанд, миллаташонро дигар карданд, озодагиашонро аз

[6] Аҳмад Гулчини Маонӣ. Корвони Ҳинд. –Ҷ.1. –Машҳад, 1369. –С.71.

[7] Ҳамон ҷо, ҳамон с.

[8] Ҳамон ҷо. –С.581.

байн бурданд, номашонро аз хотирашон зуданд, мусалмону узбек хонданд. Аммо ғайримусулмонон, яъне болшевикон, русҳо, украиниҳо…, тоҷикро миллат карданд, зинда карданд, эҳё намуданд, шоиронашро, олимонашро ба номи тоҷик муаррифӣ намуданд, марказҳои тоҷикшиносӣ ташкил карданд, бо як сухан, давлати тоҷиконро, ки баъди фурӯпошии Сомониён аз даст дода буданд, эҳё намуданд, ташкил карданд. Маҳз онҳо навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро барои исботи мавҷудияти миллати тоҷик фармоиш доданд ва ғайра. Оё ҳамаи ин амалҳои некро мусулмонон (муъмин- бародари муъмин) барои тоҷикон мекарданд? Албатта, не! Аз ин рӯ, агар инқилоб намебуд, кофирон, яъне русҳо, болшевикон намеомаданд, миллати тоҷикро аз асорати турку муғул (манғитиҳои мусулмон) озод намекарданд, онҳо ҳанӯз ҳам худро мусулмон ё узбек мегуфтанд. Мисли тоҷикони Афғонистон, ки то имрӯз худро аз сабаби набудани давлати миллӣ ва аз тарси бародарони зӯри мусулмони ин кишвар-пуштуҳо худро афғон мегӯянд. Бинобар ин, мо набояд аз «кофирон», бегонагон, онҳое, ки моро аз асорати бародарони мусулмон наҷот доданд, кишвар сохтанд, давлат доданд, пойтахт сохтанд, шикоят намоем, зеро баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён тоҷикон танҳо дар соли 1929 аз нав соҳиби давлати мустақили худ (дар як гӯши ватани бузургашон) шуданд. Ин рухдоди муҳимро мо бояд нодида нагирем, зеро бародарони турки мусулмони мо, аз ҷумла амир Олимхон, бароямон давлати алоҳидаву мустақил насохт, Рӯзи Рӯдакӣ таъсис надод, шоирони миллии мо-Рӯдакию Фирдавсию Носири Хусраву Дониш ва ғайраро ба барномаи таълим ворид насохт, балки ҳар қадар ки тавонист, миллатро несту нобуд намуд. Аз ин хотир, хидмати халқи рус, болшевикон, Инқилоби Октябр ва таълимоти марксистӣ лениниро, ки аз андешаҳои олӣ ва мутараққии инсонӣ

сарчашма мегирад (ба хотир биёред муборизаи Маздак, Монӣ, Яъқуби Лайс, Абӯмуслим, Маҳмуди Торобӣ, Муқаннаъ, Спартак, Емелян Пугачёв, Салават Юлаев ва ҷамъияти ормонии Низомӣ,Ҷомӣ, Томас Мор ва дигаронро), дар таъсиси Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ бояд аз ёд набарем. Ин ҳақиқатро ҳатто муаррих ва донишманди маъруфи тоҷик Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, ки тафаккур ва эҳсоси диниаш бар тафаккур ва эҳсоси миллиаш ғалаба дорад, низ эътироф намуда, ба муносибати 70-солагии таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоби худ-«Давлатдории тоҷикон» чунин навиштааст: «70-солагии ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон (1929-1999)-Эҳтимоли ғолиб он аст, ки дар асари таассуботи динӣ ё ҳавохоҳии демукросӣ ва ё дигар рӯҳияҳои бадбинӣ аз замони Шӯравӣ ин ҷашни муҳим чун як чизи гумному набуда гузашта равад. Агар ин эҳтимол, ки гуфтем, воқеъӣ гардад, пас ин фоҳиштарин ғалати мо дар ин авохир хоҳад буд. Ҳаммиллатони азиз, боре тамоми пардаҳои таассубиро бидаред ва чун ойина дар ин масъала нигаред, он гаҳ хоҳед фаҳмид, ки дар давлатдории тоҷикон аз ин ҷашни муҳимтар нест! Тасаввур кунед нимаи аввали асри бистро, ки ҳоли миллати тоҷик чи гуна буд: Дар Эрон (ба маънии ҷуғрофии имрӯза) хонадони Ризошоҳи Паҳлавӣ дар асари тафохуроти аз ҳад зиёди миллӣ номи давлаташро, ки Форс буд, Эрон ном ниҳод ва «миллати эронӣ» падид овард, яъне номи «тоҷик» аз он кишвар канда шуд, дар сурате, ки кулли манобеъи таърихӣ мардуми он кишварро бо номи «тоҷик» ёд кардаанд. Ва дигар, номи Эрони бузургро дар доираи Эрони ғарбӣ маҳдуд карда, Эрони шарқӣ (ҳудуди имрӯзаи Афғонистону Мовароуннаҳр) аз ин ба куллӣ маҳрум шуд. Дар Афғонистон, ки дар асрҳои миёна билкул сарзамини тоҷикон буд, дар нимаи аввали асри бист ин миллат саркӯб ва бедавлат буд. Дар Мовароуннаҳр пантуркистон, ки аз шукӯҳу шаҳомати миллати тоҷик дар

гузашта огаҳ буданд, тамоми кӯшиш бар он додаанд, ки номи ин миллатро аз ин кишвар ба пуррагӣ барканананд, то ҳокими мутлақи ин марзу бум бошанд. Ва муваффақиятҳои ҷиддие низ ба даст оварданд. Хушбахтона, падид омадани давлати Шӯравӣ ҳамчун падид омадани Исо бар умматон нури умедро бар сари ин халқ пошид. Фарзандони боғайрату баномуси ин миллат, чи олиму чи сиёсатмадор, ҳама, дар паи эъмори давлати миллӣ афтоданд, уламои бузурги рус, ки аз асли маънӣ огаҳ буданд, бо амри виҷдон бар кумаки ин миллат бархостанд. Ва дар ниҳоят сарварони давлати Шӯравиро эътимод бахшиданд, ки ҷумҳурие барои тоҷикон бисозанд. Ин бузургтарин ғалабаи халқи тоҷик дар роҳи наҷоти хеш буд! Мабод он рӯз, ки ёди он рӯз аз хаёли нафаре аз тоҷик канда шавад!».[9] Албатта, дар ин замина гуфтаи Муҳаммадамини Риёҳиро низ овардан айни муддаост: «Аз таърих дарс биёмӯзем. Ба ёд дошта бошем, ки дар тӯли қарнҳо усмониҳои мусулмон ва узбекҳои мусулмон чӣ тохтутозҳое, ки ба сарзамини мо накардаанд ва чӣ хунрезиҳову вайронгариҳо ба бор наёвардаанд. Дар ҳамин солҳои наздик ба чашм дидем ва бо гӯшту пӯсти худ эҳсос кардем, ки Ироқи мусулмон, ки аксарияти мардумаш шиа ҳастанд, ба муддати ҳашт сол бераҳмона оташ бар сари мову шаҳрҳои мо боронид ва садҳо ҳазор тан фарзандони Эронро кушт ва зоеъоте ба кишвари мо ворид кард, ки дар тӯли чандин қарн ҳам ҷубронпазир нахоҳад буд. Кишварҳои мусулмони дигареро ҳам мешиносем, ки хоставу нохоста бо мо кина меварзанд ва аз латма задан ба манофеи Эрон худдорӣ намекунанд».[10]

Дар ин замина, хусусан, зиддиятҳои мазҳабиро, ки муҷиби парокандагии миллат, тафриқа, ҷудоӣ ва куштору қатли

[9] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. –Душанбе: Амри илм, 1999. –С.1007.
[10] Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. –С.327.

ҳаммиллатон, ҳамдинон гардидаанд, набояд фаромӯш кард. Ин мазҳабгароиҳои пучу бемаънӣ, зиддиятҳои ақидатӣ ва имониро адибони мунавварфикр босароҳат ва равшанӣ дар осорашон матраҳ ва гӯшзада намудаанд, аммо, мутаассифона, касе ба дидаи ибрат ба ин гуфтаҳо нанигариста ва аҳамият надода ва намедиҳад:

*Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,*
*Чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд.*[11]

*Ҳофиз*

*Китоби ҳафт миллат гар бихонад одамӣ, омист,*
*Нахонад то зи ҷузви ошноӣ достонеро.*[12]

*Назирӣ*

*Эй муғбачаи даҳр, бидеҳ ҷомаи маям,*
*К-омад зи низои шиаву суннӣ қаям.*
*Гӯянд, ки Ҷомиё, чӣ мазҳаб дорӣ?*
*Сад шукр, ки сагсуннию харшеӣ наям.*[13]

*Ҷомӣ*

*То кай гӯӣ, мазҳаби ҳақ мазҳаби мост,*
*Дар гӯшам гӯ, ки ҳақ чӣ мазҳаб дорад?*[14]

*Толиби Омулӣ*

*Куфру динро бибар аз ёд, ки ин фитнагарон*
*Дар бадомӯзии мо маслиҳатандеши ҳаманд.*[15]

*Урфӣ*

Дигар, мусаллам аст, ки аксар вақт тоҷикон худро ба дасти худ саркӯб ва қатл намудаанд. Дар ин маврид, аз як сӯ, агар ҷаҳлу нодониву ноогоҳиву ноиттифоқиву гумроҳӣ сабаб шуда бошад, аз сӯи дигар, бовар ба бегонагон, ҳамдинон,

[11] Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. –душанбе:Ирфон, 1983. –С.236.
[12] Девони Назирии Нишопурӣ. –Теҳрон, 1379. –С.35.
[13] Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. –Ҷ.1. –Душанбе:Ирфон, 1986. –С.17.
[14] Толиби Омулӣ ва Фурӯғии Бастомӣ. –Душанбе:Адиб, 1993. –С.305.
[15] Куллиёти Урфии Шерозӣ. –Ҷ.1. –Теҳрон, 1378. –С.462.

зархаридон, исломгароён, туркпарастон сабаб гардидааст, ки эшон ҳамдигарро бикӯбанду бикӯшанд ва аз байн бибаранд. Бояд донист, ки вақте ки Саффориён ба қудрат расиданд, пояҳои хилофатро ба ларза оварданд, онҳоро маҷбур карданд, ки ба аҷамиён на фақат ба дидаи таҳқир, балки ба чашми эҳтиром бингаранд ва ба манфиатҳои онҳо бетафовут набошанд. Ин давлат, ки на давлати ашрофиён, балки давлати заҳматкашон буд, ба зудӣ ба дастгирии васеи мардум бархурдор гашт ва бисёре аз қонуну қоидаҳои ҳукмрон, аз ҷумла забони дарбор, шеъру шоириро тағйир дод ва имконияти ба забони модарӣ, яъне тоҷикию форсӣ шеър гуфтанро барои ҳамватанонамон муҳайё сохт. Ба ин кор, агар, аз як тараф, тасмими Яъқуби Лайс, ки худ рӯйгарзода, яъне аз табақаи поёнӣ ва аҳли заҳмат буд, сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар, балад набудани ӯ ва аксари мардуми тоҷик ба забони бегонаи истилогарони араб буд. Аз ин нуқтаи назар, ӯ ба забони арабӣ мадҳ гуфтанро манъ намуд ва ба забони тоҷикӣ суруданро расмият бахшид ва дастур дод. Яъқуби Лайс, ки аз рӯҳи қавии миллӣ ва истиқлолхоҳӣ баҳравар буд, на танҳо давлати худро рӯз ба рӯз қавию васеъ месохт, балки барои тасхири хилофат низ омодагӣ мегирифт ва мекӯшид. Ҳамин буд, ки ӯ то шаҳри Басра пеш рафт. Дар ин бораи Носири Хусрав дар «Сафарнома» чунин овардааст: «Ва дар масҷиди одинаи он ҷо бар минбар номи Яъқуби Лайс дидам навишта. Пурсидам, аз яке, ки ҳол чӣ гуна будааст? Гуфт, ки Яъқуби Лайс то ин шаҳр гирифта буд, валекин дигар ҳеҷ амири Хуросонро он қувват набудааст».[16]

Бадбахтона, Аббосиён бо ҳилаву тадбир, яъне ташкили хиёнати лашкариёнаш Яъқубро шикаст доданд ва аз байн бурданд. Баъдан Саффориёнро бо дасти Сомониён

[16] Носири Хусрав. Сафарнома. –Душанбе:Ирфон, 1970. –С.98.

барандохтанд, яъне Амри Лайс-бародари Яъқуби Лайсро низ ба дасти Исмоил саркӯб намуданд. Баъдан, дар замони ҳукмронии атрок низ маҳз ихтилофи мазҳабӣ муҷиб шуд ва ба амир Темур имкон дод, ки ду давлати миллии тоҷикӣ-Картҳо ва Сарбадоронро ба ҳам ҷанг андозад ва пасон аз байн бибарад. Ба ҳарфи дигар, ҳамин ҷанг миёни давлатҳои тоҷикии Сарбадорон ва Куртҳо, ки асосан бо ташвиқи руҳониён даргирифт, имкон дод, ки Темур ба осонӣ ҳукуматро ба даст бигирад. Агар ҳамин зиддиятҳои мазҳабӣ намешуд, дахолату ташвиқи рӯҳониён намебуд ва ин ду давлати тоҷикӣ як мешуданд, давлати миллии тоҷикон, ки баъд аз заволи Сомониён бархам хурда буд, эҳё мешуд ва халқҳои тоҷику форс аз чанголи шуми турку муғул абадан раҳоӣ меёфт ва мо имрӯз (мисли русҳо) соҳиби як императории бузурги миллӣ мешудем. Дареғ, сад дареғ, ки чунин нашуд! Ба қавли ростини шоире, ки дар он рӯзгорон зиста ва бо ҳасрату афсӯс гуфта:

*Гар хусрави Курт бар далерон назадӣ,*
*В-аз теғи ялӣ гардани шерон назадӣ,*
*Аз бими синони Сарбадорон то ҳашр*
*Як турк дигар хайма дар Эрон назадӣ!*[17]

Ниҳоят, ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар поёнии асри гузашта, баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон, роҳандозӣ гардид, намунаи дигари ғафлату худкушӣ, гумроҳии миллӣ, тафриқандозӣ, дахолати бегонагон, руҳониёни гумроҳу ҷоҳили кишвар ва неруҳои дигари манфиатдори дохиливу хориҷӣ буд, ки кишвар ва миллатро ба хоку хун кашиданд. Қариб буд, ки давлат ва миллат аз байн биравад. Хушбахтона, ин дафъа неруҳои солим, ақлгаро, миллатдӯст тавонистанд, ки миллат ва кишварро аз нестшавӣ

[17] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. –Душанбе:Амри илм, 1999. –С.738.

наҷот бидиҳанд. Ба ташкили давлати демократӣ, ки ормонҳои миллию умумиинсониро дунбол ва риоя менамояд, муваффақ шаванд ва дасти бунёдгароёну исломгароёни ифротиро, ки сохтани давлати исломӣ ва аз байн бурдани арзишҳои миллиро дар сар мепарвариданд, ба таври ҳамешагӣ аз сари кишвар кӯтоҳ созанд. Дар ин бора Президенти кишвар- Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳори назар кардааст: «9 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати соҳибистиқлоле бо номи Тоҷикистон сабт шуд ва халқи куҳансоли тоҷик пас аз ҳазор соли маҳрумияту барканорӣ аз давлату давлатдорӣ ва адами иштирок дар таъйини сарнавишти хеш дубора ба арсаи сиёсӣ баргашта, ҳаққи аз даст дода ва поймолшудаи хешро соҳиб гардид… Вале, мутаассифона, ҷараёни рӯйдодҳои иҷимоию сиёсӣ дар кишвар тарзе сурат гирифт, ки заминаҳои таҳаввулоти тадриҷии кишвар ва рушди осоиштаи Истиқлолро дар чунин марҳилаи ҳассос ба куллӣ аз байн бурд.

Фурӯпошии низоми шӯравӣ ва сохторҳои сиёсиву иқисодии он, шикасти идеологияи ҳоким, набудани аҳзоби сиёсии корозмуда ва шинохта дар кишвар, тасаввуроти ғалат дар бораи сарватҳои моддӣ ва имконоти иқисодии кишвар, дарки мафҳуми истиқлол ба маънои озодии мутлақ ва ҳатто анархизм, ҳайронӣ ва саргумӣ ва озодиҳои ба даст омада, набудани таҷрибаи давлатсозӣ ва кишвардорӣ, зуҳури маҳалгарой-ғаризаи инсони ибтидоӣ ва бозмондаи ҷомеаи қавмӣ дар сиёсат, мудохилдоти хориҷӣ, сатгириҳои мухталифи идеологӣ, умед бастан ба ину он давлати бегона, бемасъулиятӣ ва саҳлангории гурӯҳҳои сиёсии ҷавон дар масъалаҳои ҳаётии мамлакат, набудани роҳбару пешвои эътирофшудаи миллӣ ва даҳҳо омилу ангезаҳои ошкору ниҳони дохиливу хориҷӣ кишварро ба ҷанги дохилӣ кашиданд.

Ин ҳамсояҷангиву бародаркушӣ, оташ задани хона ва хароб кардани ватани хеш, ки ҷуз худкушӣ номи дигаре нахоҳад

дошт, оқибатҳои даҳшатнок ва хисороти ҷуброннопазири моддиву маънавӣ ба бор овард ва раванди инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсиву иқтисодии кишварро ба даҳсолаҳо ақиб андохт. Мардумони осоишта, ки рӯз то рӯз бенавотар мешуданд, аз бими ҷанг тарки ватан карда, гурӯҳ-гурӯҳ ба кишварҳои дуру наздик паноҳ мебурданд. Давлат оҷизу нотавон шуда, фақру бечорагӣ ва сукути ваҳшатнок кишварро фаро мегирифт. Дар чунин замони хунрез ва даврони бесарусомонӣ бо саъю талоши як гурӯҳ вакилони оқибатандеши Шӯрои Олӣ ва шахсиятҳои иҷтимоии ватанпарасти кишвар 16-22 ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин иҷлосияи раҳоибахши миллӣ, ки таърихнигорону сиёсатшиносони имрӯзу фардо борҳо ба нақши он дар оғози давраи Истиқлол ва таърихи навини тоҷикон муроҷиат хоҳанд кард, ҳукумати қонуниро ташкил намуд ва бори раёсати Шӯрои Олӣ ва садорати ҳукумати навро ба ухдаи инҷониб вогузошт».[18]

Лиҳозо, мо имрӯз бояд беш аз ҳар вақти дигар зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва неруҳои тафриқандоз ва ғайримиллиро, ки дар дохил ва хориҷи кишвар даст ба фитнакорӣ мезананд, кашф ва фош бисозем, ба онҳо пайкор намоем ва ҷавоби дандоншикан бидиҳем. Ба ҳеҷ ваҷҳ ба бетарафӣ, хомӯшӣ дар муқобили ин гуна падидаҳои осебрасон ба манфиатҳои миллӣ роҳ надиҳем. Беҳуда шоир ба мо ҳушдор надодааст:

*Зинҳор, пас аз ин фатҳ ғафлат манамо, зинҳор,*
*То бар сари мо з-ин пас душман назанд ҷавлон!*[19]

[18] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. –Душанбе, 2016. –С.5-8.
[19] Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт. –Ҷ.4. –Душанбе: Дониш, 2017. –С.179.

**Нуралӣ САИДОВ**
*котиби ҳамоҳангсози Шӯрои*
*ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Бахшида ба 30 – солагии Истиқлоли*
*давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

Соли 2021 мардуми шарафманди тоҷик дар фазои сулҳу суботи пойдор, ваҳдати миллӣ, созандагиву бунёдкорӣ ва дастовардҳои назарраси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизро бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифтанд.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ кишвари мо таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори давлати Тоҷикистон таҳкими ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ба дастоварду комёбиҳои назаррас ноил гардида, дар шароити такомули муносибатҳои нави байналмилалӣ, пайваста эътиборашро афзуда, тавассути сиёсати хориҷии бисёрқутба ва пешниҳодҳои созандаи Пешвои миллат оид ба ҳалли масъалаҳои муҳими байналмилалӣ ва минтақавӣ мақоми шоистаро ба даст овардааст.

Имрӯзҳо коршиносон ва муҳаққиқони ватанӣ дар бораи пешравию дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тӯли ин давра дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳлилҳои амиқ ва ҳамаҷониба гузаронида истодаанд.

Вобаста ба ин, мо мехоҳем дар бораи яке аз самтҳои муваффақ ва пурмаҳсули фаъолияти Роҳбари давлат «Нақши Пешвои миллат дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» таҳлилу андешаҳои хешро иброз намоем.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри XX давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қадамҳои аввалинро ҷиҳати пойдор намудани мустақилияти кишвар дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ гузошта, устуворона ва тадриҷан пеш мерафт.

Аммо дар ин давраи хеле ҳассос ва тақдирсоз дар ҷомеаи мо қувваҳои сиёсие пайдо шуданд ва мақсад гузоштанд, ки бевосита ба ин раванд халал расонанд ва вобаста ба манфиатҳои гурӯҳӣ, минтақавӣ ва ҳизбӣ тақдири халқи тоҷикро ба дасти худ гиранд.

Аввалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра шароити мусоид барои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияву ҳаракатҳои гуногун ба вуҷуд омад. Аммо, бар хилофи интизор, аксари ин ҳизбҳо ва ҳаракатҳо роҳи пешгирифтаи сиёсии худро на ба роҳи созандагӣ, рушди кишвар ва манфиатҳои миллӣ, балки ба ҳар васила ба даст овардани қудрати сиёсӣ медиданд.

Иловатан, дар ҷомеа доираҳои муайяни манфиатҷӯ пайдо шуданд, ки фаъолияти сиёсикунонии динро ба роҳ монда, ба ин васила дини мубини Исломро ба сифати яроқи идеологӣ барои ба даст даровардани ҳокимияти давлатӣ ҳамаҷониба мавриди истифода қарор доданд ва кишварро ба буҳрони шадиди сиёсӣ гирифтор карданд.

Ба хотири ҷилавгирӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ ва пешгирии буҳрони сиёсӣ роҳбарияти давлат ва Ҳукумати вақтии Тоҷикистон тасмим гирифтанд, то Ҳукумати муросои миллиро таъсис диҳанд. То кадом андоза зарур будани таъсиси Ҳукумати муросои миллиро таърих посух медиҳад.

Ба ҳамин тариқ, тамоми фаъолияти мухолифини Ҳукумат ба он равона гардид, ки дар ҷомеа вазъро ноором гардонида, ҳокимияти давлатиро ба дасти худ гиранд ва ин раванд торафт нерӯ мегирифт. Дар натиҷа, кишвар ба бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ дучор гардида, мамлакатро бесарусомонӣ фаро гирифт, бенизомӣ ва беқонунӣ ҳукмрон гардид, сохторҳои давлатӣ ва қудратӣ фалаҷ шуданд.

Бо вуҷуди таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ, мухолифин ҳаракати тундравонаи худро идома дода, барои ғасби пурраи ҳокимият амалҳои зиддиконститутсиониро анҷом дода, муддати кӯтоҳе қудрати сиёсиро ба даст даровардаанд ва хостанд, ки сохти давлати исломиро ба сари мардум бор кунанд. Ин амалҳо тадриҷан норозигии мардумро ба вуҷуд оварда, ба ҳаракати умумихалқӣ табдил гардид ва аксарияти аҳолии минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ онро дастгирӣ намекарданд. Ҳамаи қувваҳои солим барои истиқрори қонуният ва ҳимояи сохти конститутсионӣ бархостанд.

Барои гирифтани пеши роҳи ин фоҷиаи марговар дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI-уми таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он наҷотбахши соҳибдавлатии Тоҷикистон шуда, Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистонро барқарор ва фарзанди фарзонаи халқи тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуд. Дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар давраи нави рушд ва инкишоф оғоз гардид.

Аммо баъд мухолифин аз мамлакат берун рафта, ба кишварҳои хориҷӣ ҷой гирифтанд ва худро мухолифи сиёсати пешгирифтаи давлати навбунёд эълон намуда, ба муқобили Ҳукумати қонунии кишвар барои расидан ба аҳдофи ғаразноки хеш ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро оғоз карданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҷанги таҳмилӣ буда, доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ, бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардониданд. Мақсади асосии он бунёди давлати исломӣ ва ба сари халқи тоҷик иҷборан бор кардани фарҳангу мазҳаби бегона буд.

Ба ғайр аз ин, дар дохили кишвар вазъи ногувори сиёсӣ ҳукмфармо буда, он ба тамоми соҳаи ҳаёти ҷомеа таъсири манфии худро баръало мерасонд. Неруҳои гуногуни сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу ҳаракатҳои иҷтимоӣ дар ҳолати парокандагӣ ва нигаронӣ қарор доштанд. Қувваҳои гуногуни сиёсӣ мехостанд ин вазъиятро ба манфиати худ истифода баранд. Ҳатто баъзе кишварҳо намехостанд, ки дар Тоҷикистон сулҳу оромӣ барқарор шавад.

Дар он шабу рӯзҳо ба Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ ва тамомияти арзии кишвар хатари нестӣ ва ба миллати тоҷик хатари парокандагӣ таҳдид мекард.

Вазъият ба муттаҳид кардани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ – аҳзоби сиёсӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ақаллиятҳои миллӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар Тоҷикистон амалкунанда эҳтиёҷ дошт.

Аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мусолиҳатомези қазияи Тоҷикистон равона шуда буд. Ӯ ба таври хастанопазир ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он барои тасвири воқеияти фалокатбори кишвар кӯшиш мекарданд, диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалиро ба рӯйдодҳои Тоҷикистон ҷалб менамуданд.

Сарвари давлат аз тамоми имкониятҳо ва роҳу воситаҳо

истифода менамуданд, то ки пеши роҳи ин ҷанги бемаънӣ ва парокандагии кишварро бигиранд.

Бо ин манзур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Мо бемаъно будан ва оқибатҳои ҳалокатовар доштани авҷгирии ҷанги бародаркушро барои миллати тоҷик ва ояндаи он, инчунин, давлати тоҷикон дарк намуда, баъди барқарор сохтани ҳокимияти конститутсионӣ сиёсати қатъии истиқрори сулҳ ва созгории миллиро танҳо бо роҳи осоишта, яъне бо роҳи гуфтушунид ва музокира, пеш гирифтем».

Ба ҳамин хотир аст, ки Роҳбари давлат барои ҳар чи зудтар расидан ба истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон, бо роҳбарияти мухолифин музокиротро оғоз намуд, вале ин раванд бо мушкилиҳо пеш мерафт.

Дар чунин вазъияти душвор барои Тоҷикистон ҳолате ба вуҷуд омада буд – худи вазъияти объективӣ тақозо мекард, ки барои пешрафти раванди музокирот миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва роҳбарияти мухолифин қувваи иловагии такондиҳанда зарур аст.

Барои ба ин мақсад расидан Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон эълон кард, ки омода аст бо ҷомеаи шаҳрвандии кишвар муколамаро оғоз намояд ва изҳор дошт, ки ҷомеаи шаҳрвандии кишвар дар чунин давраи тақдирсоз ва ҳассос бетараф набошанд ва дар раванди барқарории сулҳу субот дар кишвар бояд саҳмгузор бошанд.

Сипас, дар рафти вохӯрӣ бо намояндагони ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуд, ки кишвар ба як созмони муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистон эҳтиёҷ дорад ва ба он ҳамаи қувваҳои сиёсии ҷомеа, ҳизбу ҳаракатҳо, олимон, шоирону нависандагон, шахсони соҳибэҳтиром шомил

бошанд, то онҳо бо нуфузи худ барои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, таъмини амнияти кишвар, баргардонидани гурезаҳо мусоидат кунанд ва таъмингари сулҳу ризоияти миллӣ шуда тавонанд.

Ин иқдоми Пешвои миллатро ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо камоли майл ва рӯҳбаландӣ дастгирӣ карданд. Дар натиҷа, 11 марти соли 1996 «Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» ба имзо расид.

Аҳдномаро аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз тарафи дигар роҳбарони зиёда аз 30 ташкилотҳои ҷамъиятӣ – ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии кишвар имзо карданд.

Ин иқдоми бузург ва дурандешонаи Президенти кишвар барои ба раванди музокирот миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳодияи мухолифини тоҷик ҷалб кардани ҷомеаи шаҳрвандии кишвар такони бузурге бахшид.

Барои амалӣ намудани ҳадафҳои Аҳднома Шӯрои ҷамъиятӣ таъсис ва Низомномаи он қабул гардид, ки вазифаи асосии он ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар ва ҳамчун ниҳоди тавсеабахши муколамаи байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти пойдору бардавом намудани сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва дигар масоили муҳими иҷтимоӣ фаъолият бурдан буд.

Дар ҷаласаи нахустини Шӯрои ҷамъиятӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона ба ҳайси Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Интихоби Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои ҷамъиятӣ, иштироки бевоситаи ӯ ва суханрониҳояш дар ҷаласаҳои Шӯрои мазкур шаҳодати

эътирофи нақши муҳим ва мақоми баланди он дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳарчи бештар ҷалб шудани созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ҳизбҳои сиёсиро дар ҳаёти ҷомеа ва ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ як иқдоми муҳим дониста, ба такомули ин раванд аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Дар даврони фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ дар замони Истиқлолият аввалин маротиба соли 2009 ва сипас, соли 2018 ба Низомномаи Шӯрои ҷамъиятӣ вобаста бо тағйиротҳое, ки дар раванди сиёсӣ-иҷтимоии кишвар рух доданд ва инчунин, бо омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятӣ дар кишварҳои хориҷӣ ба Низомнома тағйироту иловаҳо ворид гардид.

Азбаски раванди демократикунонии ҷомеа доимо такомулёбанда мебошад, тадбир ва роҳҳои амалӣ намудани он низ диди навро тақозо мекунад.

Бо мақсади демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, тақвияти ваҳдати миллӣ ва ризоият дар ҷомеа, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, таъмини гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ, иштироки озоди ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 декабри соли 1999 Фармони №2 «Дар бораи такмили ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ дар ҷумҳурӣ»-ро имзо кард, ки тибқи ин фармон дар 64 (шасту чор) вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯроҳои ҷамъиятии ибтидоӣ таъсис ёфтанд. Инчунин дар фармони мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатӣ вазифадор гардид, ки

барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои зикршуда саҳми бевосита дошта бошанд.

Дар фармон мустаҳкам намудани нақш ва мавқеи Шӯрои ҷамъиятӣ ва созмон додани шӯроҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо ба таври хоса таъкид шуда буд. Ин фармон санади муҳими ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятиро дар сатҳи маҳалҳо ба танзим медарорад.

Имзои Аҳдномаи ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва ташкили Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон доданд, ки шаҳрвандони кишвар иқдомҳои Президентро дар раванди ба низом даровардани ихтилоф бо мухолифин ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

Дар аввал, "Аҳдномаи ризоияти ҷомеа" ба муҳлати 3 сол ба имзо расида буд. Баъдан муҳлати фаъолияти онро ба муддати 5 сол тамдид намуданд ва сипас, дар соли 2002, муҳлати фаъолияти онро номаҳдуд эълон намуданд.

Дар давраи аввали фаъолият, солҳои 1996-2000, вазифаи асосии Шӯрои ҷамъиятӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ниҳоят муҳими сиёсӣ – қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар, ба таъмини Ваҳдати миллӣ мусоидат намудан буд ва ба ҳамин саҳми сазовори хешро гузошт.

Дар давраҳои минбаъда, вазифаи асосии Шӯрои ҷамъиятӣ ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди демократия, ҳамчун шарики боэътимоди давлат саҳм гузоштан дар татбиқи "Стратегияи миллии Тоҷикистон то соли 2030", таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани Ватан ба кишвари транзитӣ, инчунин саҳм гузоштан дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар иборат мебошад.

Тоҷикистон дар ду даҳаи нахустини асри 21 ба ҷониби рушду созандагӣ қадамҳои устувор гузошта дар кишвар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, рӯҳияи сарҷамъии миллат ва созандагиву бунёдкорӣ ҳукмфармост, ки ин ба манфиати доираҳои бадхоҳи миллати тоҷик ва давлати тоҷикон нест.

Дар ин иртибот Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд.

Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, махсусан, ҷавонони бонангу номуси кишвар инро набояд фаромӯш кунанд ва бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд”.

Дар таърихи илми сиёсатшиносӣ ва давлатдорӣ дар масъалаи муносибати давлат нисбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ Пешвои миллат, Президени кишвар Эмомалӣ Раҳмон формулаи нави ҳамкорӣ – Шӯрои ҷамъиятӣ созмон доданд ва он шакли ҳамкории сиёсӣ-иҷтимоӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, чун пули васлкунанда миёни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, минбари озод барои муколама буда, вазифаи асосии он ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, мусоидат ба таҳкими истиқлолият, рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун ягона ташкилоте дар ҷаҳон аст, ки дар он иштирокдорон – аз як тараф роҳбарияти олии давлатӣ ва аз тарафи дигар ниҳодҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муҳокима ва қабули қарорҳо ба таври демократӣ ва баробарҳуқуқ ширкат мекунанд.

Маҳз бо ин сифатҳо Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти нодирест, ки дар дигар кишварҳо бо чунин шаклу хусусиятҳо вуҷуд надорад ва аз нуктаи назари илми сиёсатшиносӣ онро ҳамчун "Модели тоҷикии ҷомеаи шаҳрвандӣ" метавон ном бурд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хоҳ бевосита ва хоҳ бавосита ҳамеша дар ҷараёни баҳсу мунозираҳо, масъалагузориҳо ва дархостҳои аъзои Шӯро мебошад. Бинобар ин, аксари идеяҳои созанда, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ пешниҳод мегарданд, дар вақти тартиб додани барномаю консепсияҳои давлатӣ, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд.

Таърих кам шахсиятҳоеро дар ёд дорад, ки ҳамчун Пешвои муаззами миллати мо дар роҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ хизматҳои шоиста намуда бошад.

Бинобар ин, вақте ки сухан дар бораи таърихи пайдоиши ин ниҳод меравад, бамаврид аст хосатан тазаккур дода шавад, ки Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсули тафаккуру ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, бо ибтикори эшон созмон дода шудааст.

Дар замони ҷаҳонишавию бархурди тамаддунҳои дунё ва торафт мураккаб гардидани равандхои сиёсию иҷтимоӣ дар ҷомеа зарурати бештари фаъолияти Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мешавад. То кунун Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ниҳоди муттаҳидкунандаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он шинохта шудааст ва мувофики мақсад аст, ки дар оянда низ ин рисолати хешро бо дарёфти шаклҳои нави ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияташро ҳамаҷониба идома медиҳад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 26 январи соли 2021. – Душанбе: Шарқи озод. 2021. – С.37-38.

2. Неруи муттаҳидкунандаи миллат. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 320 с. (Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ).

3. Даҳ соли ҳамдилӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. – 246 с. Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

4. Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти “Шарқи озод”, 2018. – 30 с.

5. Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ, №2 (24) 2021. -266 с.

**Нарзулло САНГИНОВ**
*н.и.с., мудири шуъбаи ОМ*
*ИОМДОА АМИТ*

# ТАЪСИРИ БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ ХОРИҶӢ ВА ДОХИЛӢ БА ВАЗЪИЯТИ СИЁСИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СОЛИ 2021

Вазъи сиёсии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тайи соли 2021 дар маҷмӯъ мӯътадил арзёбӣ гардид. Дар баробари ин, ба ин вазъият як қатор омилҳои хориҷӣ ва дохилиминтақавӣ таъсировар буданд. Чунончи:

**Омилҳои хориҷӣ:**

1.Буғранҷтар гардидани вазъияти ҳарбӣ – сиёсии Афғонистон бо сабаби ба сари қудрат омадани ҳаракати Толибон.

2.Муборизаи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ.

3.Таъсисёбии Созмони Давлтҳои Туркӣ.

4.Паҳншавии мавҷҳои нави пандемияи коронавирус COVID – 19.

5.Истифодаи технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта» дар Осиёи Марказӣ

6.Муқобилаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни абарқуратҳои ҷаҳониву минтақавӣ (ИМА – ҶХХ, ИМА - Русия, ИА - Русия ва ғайра)

**Омилҳои дохилиминтақавӣ:**

1.То ба охир ҳал нашудани масъалаҳои баҳсбарангези сарҳадӣ байни баъзе кишварҳои минтақа (Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Ҷумҳурии Қирғизистон).

2.Мушкилоти энергетикӣ, обию экологӣ ва ғайра.

Таъсири омилҳои мазкур ба вазъияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин тавсиф карда мешаванд:

**Омилҳои хориҷӣ:**

**1.Буғранҷтар гардидани вазъияти ҳарбӣ – сиёсии Афғонистон бо сабаби ба сари қудрат омадани ҳаракати Толибон**

Тавре маълум аст, 15 августи соли 2021 баъд аз тарки қӯшунҳои коалитсионии зиддитеррористӣ бо саркардагии ИМА ва НАТО аз хоки Афғонистон, ҳаракати Толибон бидуни кадом муқовимати неруҳои ҳукумати собиқ Президенти Афғонистон А. Ғанӣ, зери ҳимояи Россия, ҶХХ, Покистон ва Эрон ба сари қудрат расиданд.

Ба фарқ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯзи аввал нисбат ба ҳаракати Толибон мавқеи оштинопазирро интихоб намуд, чор кишвари боқимондаи Осиёи Марказӣ бо баҳонаи расонидани кумаки башардӯстона, роҳи муколимаро бо онҳо пеш гирифта, робитаҳои дутарафаи судманд барқарор карданд, ки имрӯз рӯ ба инкишоф ниҳодааст.

Чунончи, дар рафти Саммити ҷашнии Сарони кишварҳои узви СҲШ бахшида ба 20 - солагии таъсисёбии ин Созмон, ки 17 сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе доир гардид, президентони Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар суханрониҳояшон доир ба барқарор кардани муносибатҳо бо Толибон ишора карданд.

Масалан, дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев чунин омадааст:

«Ҳамаи мо аз вазъияти кунунии Афғонистон изҳори нигаронӣ дорем. Имрӯз дар ин кишвар воқеъияти тоза ба вуқуъ пайваст ва ба сари қудрат қувваҳои нав омадаанд. Ин як амри воқеист. Аз ин рӯ, мо бояд нисбати вазъияти бавуҷудомада рафтору муносибати мувофиқашуда, инчунин,

тавсеаи муколима бо ҳукуматдорони нави ин кишвар, кор карда бароем» **[1.с.2].**

Ҳамин фикр дар суханронии Президенти Қазоқистон Қ. Токаев ба таври зерин ифода гардид:

«Ҳаводиси ахири Афғонистон бошад вазъиятро дар минтақа бакуллӣ тағйир дод ва аксарияти давлатҳо, хусусан ҳамсоякишварҳоро бо таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ сохт. Казоқистон омода аст кумаки ҳамаҷонибаи башардӯстонаву иқтисодиро ба Афғонистон расонад.

Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи Қазоқистон пешниҳод менамоям, ки дар ш. Алмаато маркази башардӯстонаи СҲШ барои расонидани кумаки байналмилалӣ ба Афғонистон ифтитоҳ карда шавад. Боварӣ дорам, ки ин иқдом, дар навбати худ, барои боло рафтани имиҷи СҲШ дар миқёси ҷаҳон мусоидат мекунад» **[2.с.2].**

Президенти Қирғизистон С. Ҷабборов зимни суханронии худ қайд кард, ки Қирғизистон ҷонибдори пешгирии муноқишаи низомӣ ва барқарории сулҳу субот дар Афғонистон мебошад. Ӯ низ омода будани Қирғизистонро барои расонидани кумаки башардӯстона ба Афғонистон таъкид намуд **[3.с.2].**

Танҳо Президенти Туркманистон, ки ба ҳайси меҳмон дар саммит ширкат варзид, дар суханронии худ оид ба вазъияти Афғонистон умуман ишора накард. Вале, Туркманистон аз аввали ба сари қудрат расидани ҳаракати Толибон дар Афғонистон, бо онҳо муносибатҳои ҳасана барқарор кардааст.

Баъдан намояндагони гуногунсатҳи мақомоти расмии чор кишвари зикргардидаи Осиёи Марказӣ дар Кобул бо ҳукуматдорони Толибон вохӯриҳо гузарониданд. Чунончи, дар давоми моҳҳои сентябр – октябри соли 2021 бо супориши

президентони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон сафирони ин кишварҳо муқими Кобул, бо мақомоти баландпояи ҳаракати Толибон дидор карда, омодагии кишварҳояшон ба ҳамкориҳои дутарафа изҳор намуданд. Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, ба Афғонистон муовини раиси Шӯрои амнияти Қирғизистон Таалатбек Масадыков сафар кард. Зимни сафар ӯ бо Амир Хон Муттақӣ ва муваққатан иҷрокунандаи вазифаи муовини аввали сарвазири Афғонистон мулло Абдул Ғанӣ Бародар вохӯрӣ гузаронида, ба ҷониби Афғонистон кумаки башардӯстонаро расонид. Ахиран, Т. Масадыков дар суханронии худ дар конфронси «Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геополитикӣ ва вазъияти Афғонистон» чунин қайд кард: «Дар назди Қирғизистон дар ҳоли ҳозир масъалаи ба расмият шинохтани ҳукумати «Толибон» матраҳ нашудааст. Бори дигар қайд менамоям, ки агар имрӯз мо аз Афғонистон рӯй гардонем, вазъият дар он ҷо метавонад бадтар шавад. Толибон кӯшиш карда истодаанд, ки талаботи ҷаҳониёнро иҷро кунанд» **[4.с.3].**

Ҷониби Ӯзбекистон муносибатҳои хубро бо Толибон дар минтақаи шимоли Афғонистон, хусусан вилоятҳои Балх, Ҷузҷон, Форёб ва ғайра тақвият бахшидааст. Байни тарафҳо дар бораи бозсозии фурӯдгоҳи ш. Мазори Шариф аз тарафи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, эҳдоси долонҳои нақлиётӣ ва ғайра тавофуқ ҳосил шудааст.

Агар вазъияти имрӯзаро бо солҳои 1995 – 2001, яъне марҳилаи якуми ҳукмронии ҳаракати Толибон дар Афғонистон муқоиса намоем, дида мешавад, ки бо гузашти беш аз 20 сол, аз шаш кишвари он замон «Иттиҳоди шимол» -ро бо сардории марҳум Ахмадшоҳи Масъуд дастгирӣ карда (Русия, ИМА, Эрон, Ҳиндустон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон), имрӯз танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи зиддитолибонии

хешро нигоҳ дошта, дубора ба ҳифзи тоҷиктаборони Афғонистон садо баланд кард.

Раванди минбаъдаи вазъияти ҳарбӣ - сиёсӣ дар Афғонистон, яъне аз 15 август то ба имрӯз нишон медиҳад, ки мавқеъи интихобнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳаракати Толибон комилан дуруст мебошад. Вазъият дар ин кишвар буғранҷтар гардидааст. То имрӯз ба Толибон муяссар нагардидааст, ки ҳукумати ҳамашумул ташкил диҳанд. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи ҳозира ягон кишвари дунё, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ, онҳоро ба расмият нашинохтааст.

Толибон аз уҳдаи идора кардани давлат набаромада истодаанд. Илова ба ин, бар зидди онҳо гурӯҳҳои тундрави дигар, хусусан Давлати Исломӣ (ДИИШ) мубothоризаро оғоз кардаанд. Ҳамарӯза дар нуқоти гуногуни кишвар байни онҳо задухӯрдҳои мусаллаҳона, амалҳои террористӣ сурат мегиранд. Ҳомиёни Толибон низ аз раванди вазъияти кунунӣ дар Афғонистон изҳори нигаронӣ доранд.

Бинобар ин, чунин вазъият ба кишварҳои Осиёи Марказӣ – ҳамсоякишвари Афғонистон таъсири манфӣ мерасонад ва таҳдиду хатарҳои терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои дигари фаромиллиро ба амнияти минтақа эҷод мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо қаламрави худро барои интиқоли маводи башардӯстона барои халқи азияткашидаи афғон дар ихтиёри СММ гузоштааст.

**2.Муборизаи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ**

Дар давоми соли 2021 чун солҳои пешин, абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ барои зери назорати худ даровардани минтақаи Осиёи Марказӣ дар рақобат буданд. Вобаста ба манфиатҳои миллии худ, инчунин, рушди вазъияти сиёсии

минтақа, ин абарқудратҳо сари вақт ба нақшаҳои стратегии худ нисбати Осиёи Марказӣ тағйирот ворид мекарданд. Масалан, даҳсолаҳои пешин, бозингарони асосии сиёсӣ дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ ИМА ва Федератсияи Россия ба ҳисоб мерафтанд. Бинобар ин, ИМА кӯшиш мекард, ки кишварҳои минтақаро аз зери нуфузи Россия дур намояд. Имрӯз бошад ИМА – ро нуфузи иқтисодии ҶХХ дар Осиёи Марказӣ ба ташвиш оварда, баъд аз Федератсияи Россия ба рақиби дигари ӯ дар ин ҷо табдил додаст.

Аз ин лиҳоз, ИМА дар даврони президентии Д.Трамп стратегияи зидди ҶХХ - ро кор карда баромад. Ҷ. Байден имрӯз ҳамин стратегияро идома дода, ҶХХ – ро ҳамчун таҳдиди калидӣ ба манфиатҳои миллии ИМА дар тамоми гӯшаю канори дунё, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ меҳисобад. Ба ин мақсад ИМА саъй дорад, ки ба татбиқи лоиҳаи хитоии «Як камарбанд – Як роҳ» дар Осиёи Марказӣ монеъ шавад. Вале то кунун ба ин ҳадафи худ ноил нагардидааст. Дар марҳилаи ҳозира ҶХХ ба шарики асосии иқтисодии кишварҳои минтақа табдил ёфтааст. Робитаҳои иқтисодии кишварҳои минтақа дар сатҳи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба дар доираи СҲШ, хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Ин кишвар сармоягузори муҳимми кишварҳои минтақа мебошад.

Соли 2021 ИМА кӯшиш кард, ки баъд аз хориҷ кардани неруҳои низомии худ аз Афғонистон дар қаламрави Осиёи Марказӣ якчанд пойгоҳҳои низомӣ бисозад. Вале ин кӯшиш натиҷаи дилхоҳ надод. Дар ин масъала рақиби низомии онҳо – Федератсияи Россия монеъ шуд. Чунин ҳолат бори дигар мавҷудияти нуфузи ҳамаҷонибаи Федератсияи Россияро дар Осиёи Марказӣ нишон дод. Зеро, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар лоиҳаҳои гуногуни интегратсионии Россия аз қабили ИДМ, СААД, ИИАО шомиланд.

Инро ба инобат гирифта, ИМА дар ҳоли ҳозир бештар аз «неруи нарм» кор мегирад. Дар ин самт дар фазои Осиёи Марказӣ имрӯз лоиҳаҳои мухталифи америкоиҳо ба монанди «Грин карта», «Мулти кид» ва ғайра фаъоланд, ки бештар ҷанбаи омӯзишӣ ва фарҳангӣ доранд ва барои ҷалби ҷавонон ҷиҳати таҳсил, кор ва иқомат дар ИМА равона гардидаанд.

Чун анъана, то имрӯз ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир ва нуфузи Федератсияи Россия афзалтар аст, ки он аз асрҳои пеш сарчашма мегирад. Кишварҳои минтақа бартарии низомии ин давлатро дар минтақа ба назар гирифта, ҳеҷ гоҳ сиёсати зиддирусиро пеш гирифтанӣ нестанд. Зеро Федератсияи Россия ягона кишварест, ки ҳамасола муҳоҷирони корӣи минтақаро дар қаламрави худ қабул мекунад. Кишварҳои минтақа бошанд аз ҳисоби пули муҳоҷирон, буҷаи худро такмил медиҳанд. Соли 2021, ба пандемияи коронавирус нигоҳ накарда, ҳазорҳо муҳоҷирони меҳнатӣ аз Осиёи Марказӣ ба Россия ҳиҷрат карданд. Аз нуқтаи назари сиёсӣ, Федератсияи Россия ва шарики ӯ ҶХХ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба нуфузи ИМА дар минтақа роҳ намедиҳанд.

Ба фишору таҳримҳои иқтисодии ИМА нисбати ҶХҲ нигоҳ накарда, соли 2021 хитоиҳо дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ бомуваффақият фаъолият доштанд. СҲШ яке аз платформаҳои иқтисодии муҳим мебошад, ки ҳамаи кишварҳои минтақа ба истисноӣ Туркманистон, узви он ҳастанд. Имрӯз ҶХХ бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ шарики стратегӣ мебошад ва он дурнамои хуб дорад.

### 3.Таъсисёбии Созмони Давлатҳои Туркӣ

Пеш аз ҳама, бамаврид аст ёдовар шавем, ки Туркия тайи чанд даҳсолаҳои охир баҳри барқарор кардани собиқ империяи бузурги Усмонӣ талошҳои зиёд дорад. Ба ин

мақсад, дар тамоми минтақаву кишварҳои замоне зери итоати ин империябуда, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, бо истифода аз «неруи нарм» - и пантуркизм бо номи «Тӯрони бузург», фаъолияти босамар дорад. Охири соли 2020 Туркия Консепсияи «Як халқ – панҷ давлат» - ро пешниҳод карда буд **[5.с.5].**

Дар доираи ин Консепсия ва бо истифода аз технолгияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта», Туркия тавонист дастовардҳои иқтисодӣ, низомӣ, фарҳангӣ ва ғайраи хешро ба ҷаҳониён, муаррифӣ кунад. Чунончи, солҳои охир тайёраҳои бесарнишини ҷангии «Байрактар» - и Туркия машҳури ҷаҳон гардида, назар ба маҳсулоти ҳамонанди абарқудратҳои дигар, талаботи бештарро касб кардааст. Ҷиҳати ташвиқи империяи бузурги Усмонӣ садҳо филмнома - сериалҳои таърихӣ бо номҳои «Эл - Туғрул», «Давлати бузурги Салҷуқиҳо», «Усмон» ва ғайра тавлид ва аз тариқи Интернет пахш мегарданд, ки тамоми ҷаҳон, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказиро тасхир кардаанд.

Соли 2021 барои Туркия метавон гуфт, ки соли бобарор буд. 12 ноябри соли 2021 дар Туркия Саммити VIII Шӯрои ҳамкориҳои кишварҳои туркизабон бо иштироки сарони давлатҳои Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Венгрия ва Туркия доир гардид. Дар ин Саммит Шӯрои мазкур ба Созмони Давлатҳои Туркӣ табдил дода шуд. Ба Созмони номбурда кишварҳои Туркманистон ва Венгрия ба ҳайси нозир қабул гардиданд. Санади муҳимми дар рафти Саммит қабулгардида «Диди Ҷаҳони турк - 2040» ном дорад, ки дар он самтҳои асосии ҳамкориҳо муайян гардидаанд. Ҷиҳати пиёда кардани лоиҳаҳои иқтисодӣ Фонди сармоягузориҳои туркӣ, инчунин, барои саҳмгузорӣ дар таҳкими ҷаҳони туркҳо дар доираи Созмон Ҷоизаи ба номи Алишер Навоӣ тасдиқ карда шуд.

Ба ақидаи таҳлилгарони сиёсӣ, аҳолии Созмони Давлатҳои Туркӣ дар ҳамин шакл, тақрибан 180 миллион нафарро ташкил дода, аз нигоҳи иқтисодӣ, низомӣ, боигариҳои табиӣ ва ғайра, қудрати хеле азимеро доро мебошад. Метавон гуфт, ки ҷараёни пантуркизм дар шароити нав зуҳур пайдо кард. Бо ин ташаббуси худ Туркия низ ба «бозиҳои» сиёсии ИМА, Федератсияи Россия ва ҶХХ дар Осиёи Марказӣ ҳамроҳ гардид.

Тамоми кишварҳои туркизабони Осиёи Марказӣ таъсиси Созмони мазкур ва саҳми президенти Туркия Р.Т.Эрдуғонро дар он, бо хушнудӣ истиқбол карданд. Ба ақидаи мо, сарфароз гардонидани ӯ бо ордени Туркманистон «Барои саҳм дар рушди ҳамкориҳо», ки 28 ноябри соли 2021 дар рафти Саммити 15 – уми Созмони Ҳамкории иқтисодӣ дар Туркманистон сурат гирифт, на танҳо қадрдонии халқи туркман, балки дар маҷмӯъ, кишварҳои туркзабони минтақаро нисбат ба Президенти Туркия дар назар дорад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар суханронии худ дар Саммити мазкур якчанд пешниҳодҳои навро ироа намуд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: ташкили маркази тадқиқотии ҳамкориҳои тиҷоратии кишварҳои туркӣ; рушду тавсеаи долонҳои нақлиётӣ, коркарди «Барномаи ба ҳам алоқамандии Созмони Давлатҳои Туркӣ дар соҳаи нақлиёт»; дар ҳамкорӣ бо СММ таъсис додани сохтори алоҳида оид ба ҳифзи муҳити зисти давлатҳои туркӣ; таҳияи «нақшаи роҳ» - и рушди сайёҳӣ ва лоиҳаи «Сайёҳӣ дар олами ҷаҳони туркӣ» **[6.с. 7]**.

Ба таъсиси Созмони Давлатҳои Туркӣ абарқудратҳои минтақавӣ ба монанди: Федератсияи Россия, ҶХХ, Иттиҳоди Аврупо, ҶИЭ ва ғайра, хеле эҳтиёткорона рафтор мекунанд. Ба ақидаи олими рус Д. Родионов, «Созмони кишварҳои туркӣ, аввалан, таъсири Москваро дар Озарбойҷон,

Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон коҳиш медиҳад, сониян, ба қаламравҳои турknажоди дар ҳудуди Федератсияи Россиябуда, таҳдид мекунад» **[7.с. 7]**.

Эҷоди чунин Созмони минтақавӣ ба Осиёи Марказӣ чунин таҳдидҳо дорад:

-агар Туркия дар амалӣ кардани ғояҳои нави пантуркистии худ, ки маҳаки асосии онро эҳё гардонидани собиқ империяи бузурги Усмониҳо ташкил медиҳад, чор кишвари туркзабони Осиёи Марказиро ҷалб намояд, тамоми минтақа таҳти таъсири зиддияти сиёсиву ҳарбии Туркия бо абарқудратҳои минтақавии дигар, ба монанди Федератсия Россия, ҶХХ, Эрон ва ғайра қарор мегирад. Зеро дар харитаи ҷаҳони турки муосир, ки аз тарафи миллатгароёни ё пантуркистҳои муосири туркӣ таҳия гардидааст, баъзе минтақаҳои турknажоди Русия, Эрон ва давлатҳои дигар шомил мебошанд. Чунин ҳолат эҳтимоли сар задани ҷангҳои локалиро байни ин абарқудратҳо ногузир месозад, ки тамоми минтақаи Осиёи Марказиро фаро гирифтанаш мумкин аст;

-иштироки кишварҳои туркзабони минтақаро дар созмону ташкилотҳои дигари байналмилаливу минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД, СҲШ ва ғайра зери савол мемонад. Зеро дар ҳоли ҳозир Туркия бо таъсиси Созмони Давлатҳои Туркӣ, дар амал бо Русия ва ҶХХ ва лоиҳаҳои стратегии онҳо, ба рақобат мепардозад.

Созмони Давлатҳои Туркӣ ба кишварҳои форсизабон, хусусан ҶИЭ низ таҳдид мекунад. Зеро ахиран зиддиятҳои Туркия ва ҶИЭ барои пешсафӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик тезутундтар гардидааст. Илова ба ин, таъсиси ин Созмон дар дохили Эрон метавонад сепаратизмро дар байни озарбойҷониҳои эронӣ ба миён биёрад.

Таҳдиду хатари муттаҳидшавии кишварҳои туркизабон дар атрофи абарқудрати минтақавӣ Туркия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он дида мешавад, агар Созмони Давлатҳои Туркӣ ба ҳалли масъалаҳои баҳсбарангези сарҳадӣ мудохила намояд. Баҳсҳои сарҳадӣ байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ки узви Созмони Давлатҳои Туркӣ ҳастанд, роҳи ҳалли зудтари худро пайдо карданаш мумкин. Зеро ин ду кишвари туркнажод ба хотири ҳифзи Созмони Давлатҳои Туркӣ ба мувофиқа мерасанд.

Вале дар мисоли Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон чунин буда наметавонад. Ба ақидаи сиёсатшиноси рус И. Щестаков, ахиран робитаҳои Туркия бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи ҳамкориҳои низомӣ хеле тақвият ёфтааст. Қирғизистон ният дорад, ки «Байрактарҳо» - и ҷангии туркиро харидорӣ намояд **[8.с. 8]**.

Агар ҷониби Ҷумҳурии Қирғизистон бо такя ба Туркия – муассиси Созмони Давлатҳои Туркӣ, ба мисоли Карабоғи Кӯҳӣ роҳи зӯроваронаро пеш гирад, ин ногузир сабаби ҷанги минтақавӣ мешавад. Тавре огаҳем, соли 2020 Туркия дар ҷанги Озарбойҷон ва Арманистон дар Қарабоғи Кӯҳӣ ҷониби Озарбойҷонро гирифта, ғалабаи онҳоро таъмин намуда буд.

## 4.Паҳншавии мавҷҳои нави пандемияи коронавирус COVID – 19

Соли 2021 кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити паҳн гардидани мавҷҳои сеюм – чоруми пандемия, ба қайд гирифта шудани штаммҳои нави коронавирус COVID – 19, ба сар бурданд.

Ба ҳолати 06.12.2021 раванди паҳншавии пандемия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ин қарор мебошад:

1.Ҷумҳурии Қазоқистон –ҳамагӣ 975782 ҳ. (12785 фавтида).

2.Ҷумҳурии Ӯзбекистон – ҳамагӣ 194333 ҳ. (1418 фавтида).

3.Ҷумҳурии Қирғизистон – ҳамагӣ 183649 ҳ. (2760 фавтида).

4.Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамагӣ 17095 ҳ. (124 фавтида).

Танҳо Туркманистон аз аввал мавҷудияти коронавирусро дар ин кишвар эътироф накард. Дар давраи пандемия аз ҳама бештар Ҷумҳурии Қазоқистон осеб дидааст. Дар он то 1 миллион нафар гирифтори коронавирус шудаанд. Шумораи қурбониён низ то ба 13 ҳазор нафар расидааст. Ин омор рӯ ба афзоиш аст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар давоми соли 2021 тамоми давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, барои аз байн бурдани коронавирус чораҳои дахлдорро андешиданд. Дар ин муддат бо роҳи ворид кардани ваксинаҳои русӣ, хитоӣ, америкоиву англисӣ, ваксинатсия ё эмгузаронии ихтиёрии саросарии аҳолӣ, ҷорӣ кардани чорабиниҳои сахти санитариву - карантинӣ сурат гирифт. Ин имконият дод, ки суръати паҳншавии пандемия коҳиш дода шавад.

Ба ин нигоҳ накарда, ин хатар имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ аз байн бурда нашудааст. Қариб ҳамарӯза дар миқёси ҷаҳон пайдошавии штамм ё намудҳои нави коронавирус ба қайд гирифта мешавад. Созмони ҷаҳонии беҳдошт (СҶБ) моҳи ноябр – декабри соли 2021 пайдошавии штамми тозаро бо номи «омикрон» эълон дошт. Тибқи маълумоти расонаигардида, «омикрон» хусусияти дубора заҳролуд кардани одамони қаблан мубталои коронавируси COVID-19 бударо, дорост. Баромади «омикрон» - ро мутахассисони тиб ба кишварҳои Африқои Ҷанубӣ нисбат медиҳанд. Дар натиҷаи омӯзиш муайян гардидааст, ки ба «омикрон» асосан ҷавонони то 20 - 30 сола, мубтало шудаанд. Ба ақидаи олимон ин навъи коронавирус бо суръати бисёр баланд паҳн шуда истодааст. Аллакай онро дар Исроил, ИМА, Канада, Иттиҳоди Аврупо ва баъзе кишварҳои дигар муайян намудаанд. Аксарияти давлатҳои ҷаҳон нисбати Африқои

Ҷанубӣ режими сахти карантиниро ҷорӣ карда истодаанд. **[9.с. 9]**

Ба мақсади ҷилавгирӣ аз нуфузи «омикрон» ба Осиёи Марказӣ кишварҳои минтақа чораҳои пешгирикунанда меандешанд. Масалан, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон аз 3 декабри соли 2021 вуруди шаҳрвандони 11 давлати африқоӣ ва парвозҳои ҳавоиро бо Миср ва баъзе кишварҳои африқоӣ, қатъ кардаанд.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки ҷаҳон ҳоло ҳам давраи пандемияро аз сар гузаронида истодааст ва таҳдиду хатари штаммҳои нави коронавирус дар Осиёи Марказӣ аз байн нарафтаанд.

**5.Истифодаи технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта» дар фазои Осиёи Марказӣ**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми соли 2021 бар зидди кишварҳои Осиёи Марказӣ абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ба мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегиашон, аз технологияҳои гуногуни «ҷангҳои омехта», ба монанди: «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҷангҳои муҳоҷиратӣ», «ҷангҳои иқтисодӣ», «ҷангҳои таҳримӣ» ва ғайра, истифода карданд. Чунончи, дар чорчӯбаи «ҷангҳои иттилоотӣ» барои ҷалб кардани кишварҳои минтақа ба лоиҳаҳои иқтисодиашон (Федератсияи Россия – Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, ҶХХ – Як камарбанд – Як роҳ, ИМА –G 5 + 1 ва ғайра), иттилооти муфидро оид ба бартарии лоиҳаи худ нисбат ба лоиҳаи рақибонашон, пахш мекарданд.

«Ҷангҳои иттилоотӣ» - ро, инчунин, неруҳои оппозитсионии дар хориҷ ва дохилбудаи давлатҳои Осиёи Марказӣ пиёда намуданд. Дар марҳилаи ҳозира неруҳои оппозитсионии кишварҳои минтақа инҳо мебошанд: Ҷумҳурии Ӯзбекистон – ҳизби оппозитсионии «Эрк» (роҳбар - Муҳаммад Солеҳ); Ҷумҳурии Қазоқистон – «Интихоби

демократии Қазоқистон» (роҳбар – Мухтар Аблязов); Ҷумҳурии Қирғизистон – «Иттиҳод» (роҳбар - Айдарбеков Чингиз), «Бутун Кыргызстан» - (роҳбар Мадумаров Адахан); Туркманистон - «Интихоби демократии Туркманистон (роҳбар – Мырат Қурбонов)»; Ҷумҳурии Тоҷикистон – ПМТ (роҳбар - Муҳиддин Кабирӣ).

Аз ҷумлаи онҳо, танҳо аҳзоби оппозитсионии Ҷумҳурии Қирғизистон дар дохили кишвар фаъолият дорад. Ҳизбҳои оппозитсионии чор кишвари боқимонда, хориҷ аз кишвар мебошанд. Тайи соли 2021 аҳзоби мазкур бо пахши дезинформатсия ё иттилооти бардурӯғ дар фазои Осиёи Марказӣ мубориза бурданд. «Ҷангҳои иттилоотӣ» - и неруҳои мазкур мавзӯъҳои зеринро дарбар гирифтанд:

-озод кардани зиндониёни сиёсӣ, лағви интихоботи президентии соли 2021 (Ҷумҳурии Ӯзбекистон);

-қатъ кардани таъқиби оппозитсионерҳои дар хориҷбуда, гузаронидани ислоҳотҳои воқеии парламентӣ ва президентӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон);

-бекор кардани натиҷаҳои интихоботии парламентии соли 2021, ҳалли мушкилотӣ сарҳадӣ, экологӣ (Ҷумҳурии Қирғизистон);

-озод кардани зиндониёни сиёсӣ, манъи таъқиби неруҳои оппозитсионии дар хориҷбуда, таъмини озодии баён ва ғайра (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон).

Дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ бо истифода аз омили муҳоҷирони меҳнатӣ чандин сол аст, ки аз тарафи Федератсияи Россия «ҷангҳои муҳоҷиратӣ» татбиқ карда мешавад. Солҳои охир чунин ҷангҳо ҷанбаи сиёсӣ гирифтаанд. Ҷониби русӣ фақат нисбати муҳоҷирони кории кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё – Қирғизистон, Қазоқистон (узви комилҳуқуқ), Ӯзбекистон (нозир), дар масъалаҳои ҷойи кор, иқомат ва ғайра имтиёзҳо

ҷорӣ намуда, нисбати муҳоҷирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви ИИАО намебошад, мушкилоти гуногун эҷод карда истодааст. Масалан, солҳои охир мақомоти русӣ дар самти коҳиши шумори муҳоҷирони дар бахши манзилию коммуналӣ ва сохтмонҳои Москва кор кунанда, ки аксариятро тоҷикон ташкил медиҳанд, чораҷӯӣ доранд.

Чунин ҳолат ба зиддиятҳои мухталиф байни муҳоҷирони меҳнатӣ сабаб мешавад. Аз ҷумла, соли 2021 дар шаҳрҳои гуногуни Федератсияи Россия «ҷангҳои муҳоҷиратӣ» - и воқеъӣ, хусусан байни муҳоҷирони тоҷику қирғиз, ӯзбеку қирғиз рух доданд.

Илова ба ин, дар соли сипаришудаи давраи коронавирусӣ дар чанд шаҳрҳои Федератсияи Россия муноқишаҳои этникӣ байни муҳоҷирон ва аҳолии маҳаллӣ ба қайд гирифта шуд, ки ба муносибатҳои байниэтникӣ дар ин давлат, таъсири манфӣ расонид. Таҳлилгарон ва коршиносони рус ба ин ақидаанд, ки тасмими ҷониби Федератсияи Россия оид ба иҷора додани чандин ҳазор гектар заминҳои ҳосилхез ба фермерҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар оянда метавонад вазъияти этникии ин кишварро боз ҳам вахимтар созад. Зеро қарор аст барои коркарди ин заминҳо муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби миллиятҳои дигари Осиёи Марказӣ ҷалб гарданд.

Бо «ҷангҳои муҳоҷиратӣ» мафҳуми дигар «бухрони муҳоҷиратӣ» вобастагии зич дорад. Соли 2021 марҳилаи навбатии сар задани буҳрони муҳоҷиратӣ мустақиман бо Афғонистон вобастагӣ дорад. Ин буҳрон аз 15 августи соли 2021, ки он ба таърихи ба сари қурат расидани ҳаракати «Толибон» рост меояд, оғоз гардид. Дар натиҷа, садҳо ҳазор сокинони Афғонистон барои ҳифзи ҷони худ аз зулми «Толибон» макони будубоши худро тарк карда, аз Афғонистон фирор карданд. Мардуми вилоятҳои шимоли

Афғонистон, ки асосан аз тоҷикону узбекон иборатанд, ба сӯи марзи Тоҷикистону Ӯзбекистон шитофтанд. Ҳазоратаборони Афғонистон бошад роҳи Эронро пеш гирифтанд ва ғайра. Бошандагони вилоятҳои марказӣ ва Кобул кишварҳои ғарбиро интихоб карданд. Чунин ҳолат вазъияти бе ин ҳам вазнини иқтисодии кишварҳои мизбонро душвортар намуд.

Баъзе кишварҳо, ба монанди Белоруссия, Федератсияи Россия бухрони муҳоҷиратии кунуниро ба пиёда кардани манфиатҳои сиёсии худ истифода бурданӣ мешаванд. Мисоли равшани он вазъият дар сарҳади Белоруссия ва Полша мебошад. Ҷониби Белоруссия дар ҳамдастӣ бо Федератсияи Руссия талош карда истодааст, ки бо истифода аз муҳоҷирони афғону курди сарсону овораи дар марзи Польша ҷамъшуда, ба Иттиҳоди Аврупо фишор оварда, аз зери таҳримҳои иқтисодии он бароояд.

Солҳои охир абарқудрати ҷаҳонӣ ИМА ва шарикони аврупоии он барои пешсафиро аз даст надодан бар зидди рақибони асосӣ – даъвои пешсафидошта, яъне ҶХХ ва Федератсияи Россия технологияҳои «ҷангҳои таҳримӣ», «ҷангҳои иқтисодӣ», «ҷангҳои тиҷоратӣ», «ҷангҳои дипломатӣ» ва ғайраро татбиқ карда, вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии ин кишварҳоро заъиф сохта истодааст. Дар натиҷа ин кишварҳо ахиран ба таварруми пулии шадид ва омилҳои дигари манфӣ дучор гардидаанд. Дар навбати худ, ҶХХ ва Федератсияи Россия маҷбуранд бо қимати баланд ҳам бошад, нисбати ИМА ва ИА чораҳои ҷавобӣ андешанд.

Ин муқобилаи абарқудратҳо ба робитаҳои ҶХХ ва Федератсияи Россия бо шарикони стратегиашон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир мегузорад. Ба ин асос, соли 2021 дар минтақа болоравии қимати нархҳо ба маводи

мавриди ниёзи аввалиндараҷа, сӯзишворӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Пандемияи коронавирус COVID - 19 ба зуҳури технологияҳои нави ба ин бало вобастаро на танҳо дар ҷаҳон, балки минтақаи Осиёи Марказӣ низ мусоидат кард. Чунончи, имрӯз технологияҳои зерин: «ҷангҳои коронавирусӣ», «ҷангҳои воксинӣ» ва ғайра ривоҷ пайдо кардаанд. Ба ақидаи мо, ба истифодаи ин технологияҳо бештар корпоратсия ва созмонҳои саноати дорусозии ҷаҳонӣ (фармацевтика) робитаи мустақим доранд. Маҳз онҳо барои ба фурӯш баровардани маҳсулоти зидди коронавирусии худ ба рақобат пардохта, ташаббускори пайдоиши навъҳои нави коронавирус дар ҷаҳону минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд. Ин ҳам бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки худи коронавирус, «омикрон» ва штаммҳои дигар, маҳсули ихтирооти лабораторияҳои махсуси махфиёнаи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ ба ҳисоб мераванд.

**Омилҳои дохилиминтақавӣ:**

**1.То ба охир ҳал нашудани масъалаҳои баҳсбарангези сарҳадӣ байни баъзе кишварҳои минтақа (Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Ҷумҳурии Қирғизистон)**

Соли 2021 барои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ниҳоят душвор буд. Муноқишаи низомии моҳи апрел рухдода боиси талафоти ҷонии сокинони ҳарду тарафи марз, тахриби даҳҳо манзили истиқоматии шаҳру деҳоти наздисарҳадӣ ва қатъ гардидани робитаҳои дуҷонибаи тоҷику қирғиз дар ҳамаи самтҳо гардид. Ҷониби Қирғизистон яктарафа хатти сарҳадро баста, рафтуомади одамон, гардиши молу нақлиётро манъ кард ва эълон

намуд, ки чунин ҳолат то пурра ҳал нагардидани масъалаи мазкур боқӣ хоҳад монд.

Баъд аз ҳодисаҳои апрелӣ то охири соли 2021 дар марзи тоҷику қирғиз ҳолатҳои рабудани одамон, сангпартоиҳо байни аҳолии наздисарҳадӣ дар минтақаҳои тоҷикии Б. Ғафуров, Ворух, вилояти Ботканди Қирғизистон сурат гирифтанд, ки сари вақт аз ҷониби мақомот пешгирӣ гардиданд.

Дар робита ба ин, дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Қирғизистон «ҷангҳои иттилоотӣ» - и мақсаднок алайҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳандозӣ гардидааст. Ҷониби Қирғизистон дар ҳолати бавуқӯъпайваста Ҷумҳурии Тоҷикистонро айбдор дониста, ҳамарӯза мавҷи иттилооти бардурӯғу ғаразнокро аз тариқи сомонаҳои интернетӣ ва ВАО – и дохилӣ ва хориҷӣ, паҳн менамояд.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Қирғизистон барои таҳкиму тақвияти иқтидори низомии худ, талош карда истодааст. Ба ин харидории тайёраҳои бесарнишини ҷангии истеҳсоли русӣ (Орлан) ва туркӣ (Байрактар) ва силоҳу муҳиммоти дигар, шаҳодат медиҳад. Аз ин лиҳоз, имкони дар оянда бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани баҳсҳои сарҳадӣ аз тарафи Ҷумҳурии Қирғизистон вуҷуд дорад.

Холатҳои ҳамонанд соли 2021 дар қисматҳои баҳсбарангези сарҳадии байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон низ, ба қайд гирифта шуд. Барои мисол, нимаи моҳи апрели соли 2021 дар минтақаи Кара - Суйи вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон митинги эътирозии сокинон баргузор гардид. Сабаби он қарори бе мувофиқа қабулгардидаи комиссияи байниҳукуматӣ дар бораи ба ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон додани беш аз 50 ҳазор га. замин ва обанбори Кампиробод буд **[10.с. 13]**.

14 ноябри соли 2021 бошад дар маҳалли Таза – Суйи вилояти Ҷалолободи Ҷумҳурии Қирғизистон ҳолати

интиқоли ғайриқонунии чорво ба ҷониби Ӯзбекистон аз тариқи минтақаи аломатгузорӣ нашуда аз тарафи сарҳадбонони қирғиз бо истифода аз силоҳи оташфишонӣ пешгирӣ карда шуд. То ба ҳол аз 1378 км хатти сарҳадии ӯзбеку қирғиз, 15% - и он аломатгузорӣ нашудааст. Манотиқи мазкур то имрӯз осебпазир ба ҳисоб рафта, дар онҳо мунoқишаҳои сарҳадӣ сари чанд вақт ба вуқӯъ мепайванданд **[11.с. 13]**.

**2.Мушкилоти энергетикӣ, обию экологӣ ва ғайра**

Соли 2021 чун солҳои пешин, кишварҳои Осиёи Марказӣ дучори мушкилот дар соҳаҳои энергетика, об ва экология буданд. Омилҳои асосии ин мушкилот ҳамоно бо гармшавии ҳаво, обшавии пиряххо вобастаанд, ки ба норасоии об оварда расониданд. Чунин ҳолат ба иқтисодиёти кишварҳо зарари ҷиддӣ дорад.

Ин проблема сол то сол басо актуалӣ шуда истодааст. Дар давоми соли 2021, хусусан мавсими баҳору тобистон Тоҷикистон ва Кирғизистон ба давлатҳои поёноб - Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон, ки ба камбуди об мувоҷеҳ шуданд, кӯмак расониданд. Ин ба кам гаштани захираҳои об дар обанборҳои калон гардид. Хусусан аз ин Ҷумҳурии Қирғизистон зарар дид. Камшавии об дар обанбори калонтарини Токтогул боиси буҳрони энергетикӣ дар ин кишвар гардид, ки дар давоми фасли зимистон мушоҳида гардид. Дар ин кишвар лимити барқ ҷорӣ карда шудааст.

Маҳз масъалаи норасоии об аҳолии наздисарҳадии Тоҷикистону Қирғизистонро ҳамасола ба даргириҳо мекашад. Соли 2021 низ истисно набуд.

Назар ба фарзияҳои баъзе олимон гармшавии глобалӣ ё ҷаҳонии иқлими рӯйи замин ба он оварда мерасонанд, ки аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ дарёҳои хурд хушк

мешаванд. Калонтарин дарёҳои Осиёи Марказӣ то 10 – 15% камоб шуда, ба бӯҳрони экологӣ сабаб мешаванд. **[12.с. 14]**

Аз гуфтаҳои боло чунин хулосаҳо бармеоянд:

1.Дар қаламрави Афғонистон аз тарафи абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ бозии сиёсии нав бо такя ба ҳаракати Толибон ҳамчун абзор оғоз гардида, идома дорад, ки таҳдиду хатарҳои террористию экстремистиро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дучанд гардонидааст.

2.То ба охир ҳал нагардидани баҳсҳои марзӣ дар фазои Осиёи Марказӣ ба ҳамгироии дохилиминтақавӣ таъсири манфӣ мерасонад ва аз ин омил абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ метавонаннд ба манфиати худ истифода кунанд.

3.Ба ҳамгироии ҳаматарафаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба дар соли 2021 пандемияи коронавируси COVID - 19 таъсири манфӣ расонид.

Дар шароити бавуҷудомада, кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд баҳри таъмини амнияти минтақа, рафъи ҳарчи зудтари баҳсҳои марзӣ, муқовимат ба коронавирус ва навъҳои нави пайдошавандаи он ва омилҳои дигари боздорандаи ҷараёни ҳамгироии дохилиминтақавӣ, чораҳои муштараконаи дахлдор андешанд.

## Адабиёти истифодашуда:

1.Выступление Президента РУ Ш. Мирзиёева на юбилейном саммите ШОС// Электронный ресурс/Режим доступа/https://president.uz/ru/lists/view/3936/Дата обращения: 02.10.2021/ **[1.с.2]**

**2.**Выступление Президента Казахстана Касым-Жомарта Токаева на заседании Совета глав государств-членов ШОС //Электронный ресурс/Режим доступа/ https://www.akorda.kz/ru/speeches/external_political_affairs/ext_speeches_and_addresses/vystuplenie-prezidenta-kazahstana-kasym-zhomarta-tokaeva-na-zasedanii-soveta-glav-gosudarstv-chlenov-shos/ Дата обращения: 02.10.2021/ **[2.с.2]**

3.Лидеры ШОС обсудили ситуацию в Афганистане // Электронный ресурс/Режим доступа/ https://www.aa.com.tr/ru/ Дата обращения: 01.10.2021/**[3.с.2]**

4.В Бишкеке не рассматривают вопрос о признания правительства «Талибана» // Электронный ресурс/ Режим доступа/https://www.aa.com.tr/ru/мир/в-бишкеке-не-рассматривают-вопрос-признания-правительства-талибана-/2411448/ Дата обращения: 22.11.2021/ **[4.с.3]**

5.Мягкая сила Великого Турана// Электронный ресурс/ Режим доступа/https://paruskg.info/glavnaya/189188-mjagkaja-sila-velikogo-turana.html/ Дата обращения: 21.11.2021/ **[5.с.5]**

6.Ш. Мирзиеев озвучил на Стамбульском саммите общетюркские инициативы - туризм, рукописи, Арал//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://centrasia.org/newsA.php?st=1636737300Ъ/ Дата обращения: 17.11.2021./**[6.с.7]**

7.«Тюркский мир» против «русского мира» и споры вокруг Сауле Омаровой в США//Электронный ресурс/ Режим доступа https://stanradar.com/news/full/47471-tjurkskij-mir-

protiv-russkogo-mira-i-spory-vokrug-saule-omarovoj-v-ssha.html / Дата обращения: 22.11.2021/ **[7.с.7]**

8.В Кыргызстане может появиться военная база Турции// Электронный ресурс/ Режим доступа/. https://paruskg.info/novosti/189103-v-kyrgyzstane-mozhet-pojavitsja-tureckaja-voennaja-baza-mnenie.html/ Дата обращения: 18.11.2021/ **[8.с.8]**

9.К. Степунин. Штамм "омикрон" оказался наиболее опасен для молодых людей// Электронный ресурс/Режим доступа/ https://www.mk.ru/social/2021/11/28/shtamm-omikron-okazalsya-naibolee-opasen-dlya-molodykh-lyudey.html/ Дата обращения: 28.11.2021/ **[9.с.9]**

10.Обмен на землю, что Бишкек предложид Ташкенту и Душанбе.// Электронный ресурс/Режим доступа/com/ru/v–obmen-na-zemliy-chto-bishkek-predlozhit-tashkentu – i-dushanbe/a - 57286941/ Дата обращения: 19.06.2021/ **[10.с.13]**

11.На границе Кыргызстана и Узбекистана произошел инцидент с применением оружия// Электронный ресурс/ Режим доступа/https://rus.ozodi.org/a/na-granitse-kyrgyzstana-i-uzbekistana-proizoshel-intsident-s-primeneniem-oruzhiya/31560579.html/ Дата обращения: 21.11.2021/ **[11.с.13]**

12. Дефицит воды в Центральной Азии: как Узбекистану и его соседям спастись от засухи// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://uz.sputniknews.ru/20210715/defitsit-vody-v-tsentralnoy-azii-kak-uzbekistanu-i-ego-sosedyam-spastis-ot-zasuxi-19700909/ Дата обращения: 29.11.2021/ **[12.с.14].**

**Нусратуллои НАЗАРИЁН**
*донишҷӯйи соли чоруми бахши ҳуқуқшиносии ДМТ*

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯза нишон медиҳад, ки тамоили миллигароӣ дигарбора шиддат гирифта, пояҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо бо назардошти арзишҳо ва манофеи миллӣ шакл мегиранд. Фарҳанги миллӣ бошад тавассути ташаккули мафкураи миллӣ ва истеҳсолоти иқтисодӣ рушд намуда, ба ҷаҳониён муаррифӣ мегардад. Яке аз омилҳое, ки сабаби ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ гаштааст, ин пайдоиши ҳаракатҳои озодихоҳи миллӣ ҷиҳати дарёфти истиқлол ва таъмини инкишофу ҳимояи арзишҳои муштараки онҳо мебошад. Маҳз ҳифзи арзишҳо ва дастовардҳои таърихию фарҳангӣ ба шаклгирии чунин давлатҳо боис гашт. Аз дигар тараф, фароҳам овардани шароит ҷиҳати мустақилона муайян сохтани масири инкишоф ва тараққиёти миллат, инчунин талош баҳри ормонҳои миллӣ давлатҳоро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ водор месозад. Миллати озодро шарти зарурӣ ин аст, ки дар сатҳи умури давлатдории миллӣ низоми қонунгузории давлатиро, ки асоси амният ва тартибот мебошанд дар пайвастагӣ бо арзишҳои миллӣ ва иродаи мардум мустақилона муайян намояд. Чунин раванд яке аз падидаҳои истиқлоли миллӣ мебошад. Дар замони муосир вуҷуд доштани истиқлоли миллӣ василаи муҳим баҳри рушди давлатҳои мутамаддин ба шумор меравад. Зеро ҳеҷ як давлати миллӣ бидуни роҳандозии муносибатҳои хориҷӣ ва пешбурди

манофеи миллӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ наметавонад рушд намояд. Давлатҳое, ки имконияти мустақилона муайян намудани муносибатҳои дохилию беруниро доранд ва дар баробари ин иқтисоду сиёсати онҳо вобастагии шадид ба давлати дигар надорад, метавон гуфт, ки онҳо истиқлоли воқеии миллиро касб намудаанд. Бояд тазаккур дод, ки мавҷудияти истиқлоли миллӣ ин зинаи аввали бунёди давлат ба шумор меравад. Зинаи баъдӣ бошад ин ҳифзи арзишҳои миллӣ ва бунёди кафолатҳо баҳри пойдории давлати миллӣ аст. Ба андешаи С.Е Рибаков "**Миллат ин ҷомеаи иборат аз афроди дорои арзишҳои муштарак аст, ки онҳоро дар сабки фарҳанг ва шеваи зиндагӣ нишон медиҳанд".** Яъне миллатро маҳз ҳамин арзишҳои муштарак муттаҳид менамояд ва асоси таъмини ваҳдати миллӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ ҳифзи ин арзишҳо муҳим аст ва дар муносибатҳои байналмилалӣ бошад ҳимояи манфиатҳои миллӣ аввлавиятро касб менамояд. Давлатҳое, ки масъалаи ҳифзи арзишҳои миллиро муҳим арзёбӣ менамоянд, ин маънои фурӯгузории манфиатҳои дигар халқиятҳоро надорад, балки барномаҳои сиёсӣ бар асоси эҳтиром ба арзишҳои онҳо роҳандозӣ мегарданд. Бо ин тариқ, миллат дар фазои истиқлол қобилияти мустақилона инкишоф намуданро соҳиб мегардад. Баҳри пойдории давлат ва ҳифзи истиқлоли миллӣ матраҳ кардани як қатор кафолатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст. Ба хотири таъмини авлавияти арзишҳои миллӣ додани кафолатҳои ҳуқуқӣ аз масъалаҳои калидӣ ба шумор рафта, барои рушди кафолатҳои дигар замина фароҳам меоварад.

Зеро самтҳои асосии рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатро асосҳои ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузории давлатӣ муайян месозад. Бо дарки ин ҳама масъалаҳои ҳаётан муҳим барои як миллат, имрӯз давлатҳо

низоми қонунгузории миллиро тақвият дода, ҷиҳати таҳкими давлатдории миллӣ аз ин масир гом бардоштанд. Дар шароити кунунӣ инъикос ва ҳимоя кардани арзишҳои миллӣ дар Қонуни асосӣ ва бад-ин васила таъмини ташаккули мафкураи миллӣ яке аз ҳадафҳои аслии давлати мо бояд бошад. Зеро маҳз Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ баҳри муайян намудани рушди минбаъдаи давлат ва инкишофи мафкураи миллӣ дар доираи арзишҳои мушаххас метавонад нақши таъйинкунанда дошта бошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси манофеи миллӣ такя намуда, шурӯъ аз дебочаи он ва тамоми меъёрҳо, баҳри ҳифзи арзишҳои миллӣ хидмат менамоянд. Дебочаи Конститутсияи ҶТ қисми таркибӣ, муқаддима ва ё оғози он буда, баёнгари ҳадафҳои олӣ ва ориентатсияи миллии мост. Ин санади олии ҳуқуқӣ халқи Тоҷикистонро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон эълон намудааст. Дар баробари ин арзишҳое, ки халқи тоҷик нисбат ба онҳо эҳтироми хосса дорад, хусусан истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ, якпорчагии Ватан аз қабили арзишҳои бунёдии ҷомеа мебошанд. Инчунин дар Конститутсияи ҶТ ҳадафҳое, ки миллати тоҷик баҳри онҳо талош мекунад, аз ҷумла бунёди ҷомеаи мардумсолору адолатпарвар, ҳуқуқбунёду қонунсолор дарҷ гардидааст, ки онҳо ба таври ғайримустақим барои шаклгирии мафкураи созанда ва зеҳниятсозӣ бар асоси арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд. Дар ҳоли ҳозир масъалаи муҳими ҷомеаи мо маҳз зеҳниятсозӣ бо такя ба арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Рушди технологияи информатсионӣ ва роҳ ёфтани унсурҳои таъсиррасони фазои маҷозӣ ба мафкураи инсонҳо масъалаи зеҳниятсозиро ҳассос гардонидааст. Зарурати ҳифзи арзишҳои миллӣ дар сатҳи Конститутсия ва дигар санадҳои амалкунанда, аз ҷумла дар робита ба ин ҷараён мебошад. Арзишҳои миллӣ маҷмӯйи

андӯхтаҳову дастовардҳо ва ормонҳову ғояҳои олии миллиро инъикос менамояд. Ташаккули арзишҳои миллӣ дар зеҳни афроди ҷомеа барои шаклгирии ваҳдати миллӣ мусоидат менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ баҳри таҳкими давлатдорӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гашта, зеҳниятсозиро дар барномаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, инчунин дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ роҳандозӣ намудааст. Василаҳое, ки баҳри ташаккули мафкураи миллӣ истифода мешаванд, бояд аз арзишҳои миллӣ сарчашма гирифта, таҷассумгари манфиатҳои умумимиллӣ бошад. Ба сифати ин василаҳо метавон якчанд принсипҳои дигари Конститутсияро номбар намуд, ки имкон аст онҳо чун арзишҳои миллӣ шакл гирифта, ба ҳадафи умумимиллӣ табдил биёбад, ки миллат баҳри он талош меварзанд. Ба ҳайси ғояҳои бунёдӣ метавон моддаи 1-и Конииститутсияро мисол овард, ки омадааст: **Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад**. Арзиши волое, ки дар ин моддаи Кониститутсия дарҷ гардидааст, ин соҳибихтиёрӣ мебошад. Зеро ормони миллатҳо дар тӯли таърихи башарият ин талош баҳри соҳибихтиёрӣ ва ба даст овардани истиқлоли давлатӣ будааст. То имрӯз низ бархе миллатҳо ҷиҳати ба даст овардани он талош меварзанд. Ин аст, ки истиқлол ва озодии миллӣ ба сифати арзиши меҳварӣ барои миллат ба шумор рафта, ҳадафи аслӣ ин мустаҳкам ва ҳифз намудани он аст. Принсипи соҳибихтиёрӣ, ки дар Конститутсия дарҷ гардидааст, қадами устувор баҳри ҳифзи мустақилияти давлат ва мустаҳкам намудани истиқлоли миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун як ормон ва ҳадафи асосӣ қарор додани ҳифзи соҳибихтиёрӣ, шаклгирии ин принсипро ҳамчун арзиши миллӣ таъмин мекунад. Фароҳам овардани шароит ҷиҳати муттаҳидии ҷамъият атрофи ин принсип ва талош баҳри

ҳифзи он замина баҳри ташаккули мафкураи миллӣ мебошад. Ҳифзи арзишҳои миллӣ дар баробари ташаккули мафкураи миллӣ сурат мегирад. Мафкурасозӣ бояд тавре сурат бигирад, ки бо истифода аз масоили моддӣ ва маънавӣ афроди ҷомеаро ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ моил бисозад. Муайян намудани ҷанбаҳои иқтисодии мафкурасозӣ инчунин таъмини инкишофи маънавиёти ҷомеа бар асоси арзишҳои миллӣ, асоси ҳифзи соҳибихтиёрии давлат мебошад. Зеро дар давлати миллӣ принсипи соҳибихтиёрӣ, таҳкими истиқлолияти давлати ҳамчун арзиши олӣ бояд шакл гирад. Ҷамъият бояд зарфияти фаҳмиши арзишҳоро дошта дар ҳаёти воқеӣ баҳри арҷгузорӣ ва ҳифзи онҳои онҳо талош варзад. Арзишҳои миллӣ он ормонҳое мебошанд, ки миллат онҳоро ба сифати ҳадафи рушдманд қарор дода баҳри он талош меварзанд, вале ин талошҳо аз сатҳи дарки ҳодисаҳои воқеӣ ва раванди инкишофи арзишҳо сарчашма мегирад. Аз ин рӯ муҳаё сохтани фазои бози фикри ва бунёди андешаи миллӣ ҷиҳати ҳифзи арзиш ва истиқлоли миллӣ амалҳои зарури ба ҳисоб мераванд. Яъне пойдории соҳибихтиёрии давлатиро аз мафкураи ҷомеа муайян намудан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар илми давлатшиносӣ дар баробари мафҳуми соҳибихтиёрии давлатӣ ва соҳибихтиёрии халқ, ки дар моддаҳои якум ва панҷуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ гардидаанд, мафҳуми соҳибихтиёрии миллӣ низ маъмул аст. Соҳибихтиёрии миллӣ ба маънии мафҳуме, ки дар боло истифода намудем, яъне истиқлоли миллӣ низ фаҳмида мешавад. Аммо дар шарҳу тавзеҳи ин ду мафҳум маълумоти кофи мавҷуд нест, зеро дар матлабҳои илми ба таври маҳдуд истифода мешаванд. Вале маънои аслии мафҳуми соҳибихтиёрии миллиро дар фарқгузори бо соҳибихтиёрии давлатӣ метавон равшану возеҳ маънидод намуд. Зеро соҳибихтиёрии миллӣ аз соҳибихтиёрии давлатӣ

сарчашма мегирад ва маънии аслии он аз ин ҷо падид меояд. Дар маънои соҳибихтиёрии давлат ин волоияти ҳокимити давлатӣ дар дохил ва мустақил будани он дар муносибатҳои беруна фаҳмида мешавад, яъне мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар муайян ва амалисозии сиёсатҳои дохилӣ ва берунӣ озод буда, бе дахолати кишварҳои бегона онро роҳандозӣ менамоянд. Соҳибихтиёрии миллӣ ба сифати сарчашмаи ҳокимият баромад намудани халқ зоҳир мегардад. Ҳарчанд зери мафҳуми халқ ақаллиятҳои гуногун ҷой дошта бошанд ҳам, аммо аксари онро намояндагони як миллат ташкил медиҳанд ва бо иштирок дар ташкилу фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ соҳибихтиёрии миллии хешро таъмин месозанд. Маҳз изҳори иродаи онҳо дар интихоботу раъйпурсӣ ва ба ин тарз иштироки онҳо дар идоракунии давлатӣ соҳибихтиёрии миллиро ба вуҷуд меоварад.

Бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд на танҳо мақсади халқи Тоҷикистон, балки орзу ва ормони тамоми мардуми сайёра аз оғози таърих будааст. Инсонҳо бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва давлати озоду демократиро рисолати худ шумурда баҳри он мубориза бурдаанд. Баъзе арзишҳои умумибашарӣ дар ҳар минтақа вобаста аз зарфияти зеҳнӣ хусусияти миллиро низ касб намудаанд. Аммо ин маънои хоси як миллат будани ин ғояҳоро надошта аз дигар ҷиҳат арзиши универсалӣ мебошад. Махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳамчун арзишҳои миллӣ ҳифз шуда дар сатҳи Конститутсия ба онҳо кафолат дода мешавад. Ин кафолат заминаи ҳуқуқии бунёди давлат бар асоси ин принсипҳо буда, миллати тоҷик чун арзиши миллӣ онро пазируфта баҳри ривоҷи унсурҳои давлати демократӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои ҳуқуқии давлат талош меварзад. Бояд тазаккур дод, ки асоси давлати

демократӣ ва ҳуқуқбунёдро ин бартарии ҳуқуқ ва таъмини волоияти қонун ташкил медиҳад. Ин аст, ки баҳри ташкил ва фаъолияти мақомотҳои олии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқи хизмат намуда, ба ин тарз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ волоияти қонун таъмин карда мешавад.

Конститутсия инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати ягона эълон намудааст, ки ин принсип аз марзи муайян ва мавҷудияти низоми ягонаи қонунгузорӣ ва идораи давлатӣ дар тамоми ҳудуди давлат дарак медиҳад. Ин принсип ҳудуди паҳншавии соҳибихтиёрии миллиро дар доираи давлат муайян ва таъмин намуда, ҳифзи сарҳади давлатиро ҳамчун вазифаи асосӣ муайян сохтааст. Ягонагии ҳудуди давлат ва тақсимнашаванда будани он кафили таъмини соҳибихтиёрӣ мебошад. Махсусан дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи сарҳади давлатӣ принсипҳое мебошанд, ки аз ягонагии давлат сарчашма гирифта ҳамчун арзиши миллӣ ташаккул ёфтаанд.

Чунин нуктаҳои Конститутсия ба таври ғайримустақим баҳри ҳифзи дигар арзишҳои миллӣ мусоидат менамоянд, аммо барои ҳамчун арзиш шакл додани ин онҳо таҳия ва амалӣ намудани як қатор барномаҳо, қабули дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ зарур аст. Яъне ин ғояҳо дар зинаи баъдӣ бо равшантар ҷилва додани андешаҳои миллӣ ва ҷой намудани онҳо дар зеҳни ҷомеа ҳамчун арзиши миллӣ шинохта мешаванд.

Таҳавулотҳои сиёсӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, ки ҷанбаҳои манфии он ҳамчун хатаре ба арзишҳои миллӣ арзёбӣ мегарданд, давлатҳои миллиро ҷиҳати ҳифзи ин арзишҳо водор сохта аст. Алалхусус роҳ ёфтани арзишҳои гуногун ба ҳавзаҳои фарҳангӣ ва омезиши онҳо зарурати ҳифз ва таъмини инкишофи арзишҳои миллиро ба миён овардааст.

Дар ин хусус Э Геллнер дар асари худ "Пришествие национализма. Мифы нации и класса" чунин менависад, ки: **"Давлат ва ҳукумат танҳо дар он сурат қонунӣ ҳисобида мешавад, ки фарҳанги махсусро муаррифӣ, ҳимоя ва инкишофи онро таъмин намояд".** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ доираи манфиатҳои миллиро муайян намуда, имкониятҳои инкишофу тараққии фарҳанги миллиро фароҳам сохтааст, ки муҳимтарини ин имкониятҳо ғояҳои Конститутсия ҷиҳати ҳимоя аз арзишҳои миллӣ мебошад. Аз ҷумла ҳифзи арзишҳои миллӣ дар қолаби аслии он ҳамроҳи умумиятҳои миллӣ аз қабили рамзҳо, забон, фарҳанг ва тарзи зист тавассути кафолатҳои ҳуқуқӣ муҳим мебошанд. Тибқи муқаррароти моддаи 44-и Конститутсия "ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар шахс аст". Дар баробари ин Қонуни асосии кишвар бевосита ба муҳимияти муқаддасот ва арзишҳои миллӣ ишора намуда, ҳимоя ва таъмини инкишофи онҳоро вазифаи давлат ва миллат қарор додааст. Махсусан эътирофи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ бахри рушди арзишҳои миллати тоҷик маҳсуб мегардад. Забон аз муҳимтарин унсуре мебошад, ки арзишҳои таърихии миллатро бо вазъи кунунӣ пайваст намуда, муҳимияти онҳоро инъикос менамояд. Раванди рушди забони тоҷикӣ дар тӯли чанд садсолаи охир буд, ки миллати тоҷикро бахри бунёди давлати миллӣ моил ва ноил сохт. Ба даст овардани истиқлоли миллӣ низ аз мавҷудияти забони миллӣ вобаста буда махсусиятҳои давлати миллӣ дар он зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити инкишофи давлатҳои миллӣ зарурати инкишоф додани забони миллӣ меафзояд. Ба ҳайси забони давлатӣ эътироф намудани забони миллӣ доираи инкишофи онро васеъ намуда, дар ин миён роҳандозӣ намудани воситаҳо ҷиҳати рушд ва инкишофи он дар дохил ва берун аз давлат муфид мебошад. Зеро дар

раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо ҳимоя, балки муаррифӣ ва тарғиби фарҳанг ва арзишҳои миллӣ низ муҳим мебошад. Алалхусус мавқеъсози дар ҳавзаҳои фарҳангӣ баҳри арзишҳои миллӣ, инчунин дарёфти роҳу воситаҳо ҷиҳати рушд ва ҳифзи онҳо аз масоилҳои мубрам ба шумор мераванд. Имрӯз давлатҳо бо истифода аз зарфияти иқтисодӣ инкишофи забони миллиашонро берун аз давлат роҳандозӣ менамоянд. Ин ҷараён на танҳо ҷиҳати васеъ намудани ҳудуди забони онҳо мебошад, балки бад-ин васила минтақаҳои гуногунро таҳти нуфузи худ қарор медиҳанд. Дар ҳоли ҳозир инкишофи забони миллӣ василаи рушди иқтисоди миллӣ қарор гирифта аст. Ҳимояи забон ҳамчун арзиши миллӣ унсури мукаммалсозии пояҳои давлати миллӣ буда, таъмини рушди мунтазами он яке аз абзорҳои мустаҳкам намудани истиқлоли миллӣ мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ, ки як қатор меъёрҳои он аз қабили давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, демократи, дунявӣ ва ягона будани Тоҷикистонро муайян сохта, ҳамчун арзиши миллӣ шакл гирифтаанд, баҳри ташаккули давлати миллӣ хидмат менамоянд. Вале бо назардошти таҳаввулотҳо дар фазои сиёсии ҷаҳони имрӯза ва зарурати ҳифзи арзишҳои миллӣ дар қиболи хатароти рӯзафзун, лозим аст ҷиҳати мустаҳкам намудани ҷойгоҳи миллат дар дохили давлат, мафҳуми давлати миллӣ дар илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ васеъ истифода шуда ба сифати як мафҳуми илми пазируфта ва бо як таърифи мушаххас маънии он баён гардад. Дар ин замина ҷой додани ин мафҳум дар низоми қонунгузори, алалхусус мустақиман дар сатҳи Конститутсия эътироф намудани Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ амри зарури мебошад. Дар ҳоли ҳозир аксар давлатҳо хусусан давлатҳои пасошӯравӣ дар Конститутсияи хеш мавқеи миллат ва миллӣ будани

давлатро муайян сохтаанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ чунин иқдомҳо қобили қабул мебошанд. Ҳатто дар Конститутсияи нави Федератсияи Россия истилоҳи соли 2020 бо вуҷуди давлати сермиллат ва федералӣ будан ба халқи рус мақоми махсуси "миллати давлатсоз" (государствообразующая нация) дода шудааст, ки тарҷумаи дурусти он "миллати соҳиби давлат" мебошад. Аз ин рӯ, лозим аст то барои ҳифзи арзишҳои миллӣ унсурҳои қонунгузориро истифода намуда, ба ин тарз системаи сиёсии давлатиро ба сифати системаи миллӣ рушд бидиҳем. Ин омилҳо на фақат барои ҳифзи арзишҳои миллӣ муфид буда метавонанд, балки ҷиҳати рушди минбаъдаи онҳо шароит фароҳам оварда, кафили бақои давлати миллӣ мебошанд.

## ХИРАДГАРОӢ, ФАНОВАРӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Муҳаммадалӣ МУЗАФФАРӢ**
*доктори илмҳои фалсафа,*
*профессор, узви вобастаи АМИТ*

# МАЪНО ВА МАЗМУНИ МАФҲУМҲОИ "ИНТЕЛЛЕКТ", "ХИРАД" ВА "МЕНТАЛИТЕТ" ДАР АДАБИЁТИ ФАЛСАФӢ

**(таҳлили муқоисавӣ)**

### Маънои классикии мафҳуми "интеллект"

Дар луғати энсиклопедӣ маънои мафҳуми "интеллект" чунин шарҳ дода шудааст: интеллект (аз калимаи лотинии "intellectus" – маънояш маърифат, фаҳмиш, ҳуш) қобилияти тафаккур, маърифати ақлиро ифода мекунад. Тарҷумаи лотинии мафҳуми юнонии "нус" (хирад) муродифи "интеллект" дониста шудааст. Чунин тафсир аз маънои классикии ин мафҳум шаҳодат медиҳад, вале ин маънои классикӣ дар адабиёти равоншиносӣ масъалаи духурагии ифодашавии маънои объект ва ҳолатҳои инсониро ба миён овардааст.

Дар муқоиса бо мафҳумҳои дигари ҳолатҳои равониро ифодакунанда, мафҳуми "интеллект" ду маънои ҳолати равонии инсонро дар бар гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми "интеллект" дар бештари маврид ҳолати хоси зуҳуршавии хирадро дорад. Дар муқоиса бо ҳолатҳои дигари равонӣ аз қабили раванди дарк, хаёл, ирода ва ғ. маҷмӯи қобилияти хирадиро мазмунан дар бар мегирад.

Дар забони тоҷикӣ, чунонки маълум аст, ҳолатҳои равонии инсон ба тариқи зайл тасниф шудаанд: Дар маънои аслӣ-

этимологӣ истифода набурдани ин ва ё он мафҳум ба духурагӣ ва номуайянии маънои объект, яъне ашё ва ҳодисаҳо оварда мерасонад.

Агар раванди ташаккул ё маънои классикии мафҳуми "интеллект"- ро мушоҳида намоем, ба назар мерасад, ки ин мафҳум ҳамеша дар маънои қобилияти фикрии инсон ба кор бурда шудааст. Дар чунин маъно мафҳуми "интеллект" муродифи мафҳуми "хирад" пазируфта мешавад. Вале ҳангоми дар маънои васеъ истифода бурдани мафҳуми "интеллект" тобиши маъноии он норавшан мегардад.

Тахмин меравад, ки мафҳуми "интеллект" бо маъно ва этимологияи худ муродиф ё мазмунан шакли дигаргуншудаи мафҳуми "энтелехия" бошад. Мафҳуми "энтелехия" дар асарҳои Арасту мазмун ва мақоми хосеро соҳиб аст. Ба монанди он ки аз Пифагор "адади бузург", аз Афлотун "эйдос", аз Кант "ашёи дар худ" ва аз Гегел "рӯҳи мутлақ" боқӣ мондаанд, "энтелехия" низ ҳамчун мақулаи асосӣ аз Арасту боқӣ мондааст.

Баъдан, пас аз омӯзиш ва тарҷумаи асарҳои Арасту ба забони арабӣ ин мафҳум бо каме дигаргунии овозӣ дар забони арабӣ қабул шудааст ва Ибни Сино ин мафҳумро дар шакли аслӣ истифода бурдааст. Дар бораи ба забони лотинӣ ва аз забони лотинӣ ба дигар забонҳо паҳн шудани мафҳуми "интеллект", бинобар набудани далелҳои таҳқиқотӣ, мафҳуми интеллекти лотиниро тахминан аз "этелехия"- и юнонӣ сарчашмагирифта мешуморанд. Асоси чунин шарҳ аз он бармеояд, ки асарҳои Арасту аввалан аз забони лотинӣ, ба забони арабӣ тарҷума шудаанд ва шояд аз забони арабӣ баъдан ба забони лотинӣ тарҷума шуда бошанд. Аз эҳтимол берун нест, ки истифодаи мафҳуми "энтелехия"- и юнонӣ аз тарафи Ибни Сино асоси эътироф гардидани мафҳуми "энтелехия" дар шакли "интеллект"- и лотинӣ бошад.

Дар ҳар сурат, маънои субстансионалӣ доштани мафҳуми "интеллект" аз он бармеояд, ки мавриди арзёбӣ қарор гирифтани сифатҳои субстансия, бояд яке аз сифатҳои асосии он, "хиради ноб" ҳисобида шавад. Бо ибораи дигар, сифатҳои субстансионалӣ ва ё ҷавҳарии инсон ва олам дар баробари "ҳастии мутлақ" ва ё "хиради ноб" аст, чунки сифатҳои субстансионалии оламу одам яканд.

Арасту дар баробари истифода бурдани мафҳуми "энтелехия", маъно ва мақоми ин мафҳумро равшан месозад.

Ҳангоми дар бораи табиати "рӯҳ" сухан гуфтан, Арасту алоқамандии "рӯҳ"- ро бо ҷисм таъкид мекунад. Дар ин бора ӯ чунин мегӯяд: "...моҳият... (ҳамчун шакл) ин энтелехия мебошад, пас аз ин бармеояд, ки "рӯҳ" энтелехияи ҷисм аст".[1]

Дар муқоиса бо андешаи Афлотун, ки моҳиятро қисми таркибии рӯҳ мешуморад, Арсату моҳиятро ҳамчун "...яке аз ҷинсҳои ҳастӣ..." мепиндошт. Мутобиқи ин андеша, "...ба моҳият, аввалан моддиёт, ки худ бо худ ягон ашёи муайяне нест; дувум, шакл ва образ, ки тавассути онҳо моддиёт ягон ашёи муайяне ба ҳисоб меравад ва сеюм, он чи ки аз модда ва шакл иборат аст".[2]

Аз гуфтаҳои дар боло зикршуда, чунин хулоса бармеояд, ки моҳият гуфта, Арсату на танҳо "рӯҳ"- ро ҳамчун энтелехия, балки ҷисми инсонро низ дар назар дорад. Шояд чунин хулосабарории мо аз ҳақиқат дур бошад, вале сифати асосие, ки "энтелехия"- ро шарҳ медиҳад, маънои субстансионалии мафҳуми "хирад" аст. Мафҳуми "интеллект", ки ба андешаи мо, маънии этимологии он аз мафҳуми "энтелехия" сарчашма мегирад, ҳамчун сифати субстансионалӣ дар маънои хирад, ба

[1] Аристотель. Сочинения в 4-х т./Пер. с древнегреч. - М.: Мысль. 1976-1984. - (Филос. наследие). – С. 394.
[2] Там же. Т.1. – С. 395.

кор бурда мешавад. Вале бояд қайд намуд, ки мафҳуми “хирад”, ки муродифи интеллект эътироф шудааст, ду маъноро ба худ гирифтааст. Шарҳи ин ду маъноро мо дар таҳқиқи мавзӯи ба хирад бахшидашуда баррасӣ хоҳем кард. Аз ин рӯ, маънои классикии мафҳуми “интеллект” бо шарҳи мақулаи “энтелехия” рост меояд.

**Мафҳуми “хирад” дар шарҳу тафсири антропологӣ**

Тасаввуре, ки инсонро аз олами ҳайвонӣ ҷудо месозад, ба инсон чунин бартариятеро пешниҳод намудааст, ин қобилияти хирадии ӯст. Ин қобилият, ки дар ҳама забонҳои қавмҳои фарҳангӣ дида мешавад, бо мафҳумҳои ба ҳам муродиф ифодашаванда, аз ҳама қобилиятҳои равонии инсон ба монанди ҳис, дарки интуитивӣ тафовут дорад. Ин қобилият ба қуввае табдил ёфтааст, ки миёни фарҳангиён бо воситаи таълим, омӯзиш ва бо тариқи мафҳум ифодашаванда, садсолаҳо боз ба тамаддуни башарӣ хизмат мекунад. Ин қобилиятест, ки мо бо тавассути он якдигарро мефаҳмем, аз ахбороти нав бохабар шуда, онро аз як насл ба насли дигар интиқол менамоем. Бо чунин қобилият мо якдигарро мефаҳмем, андешаро қабул мекунем, вайро арзишгузорӣ намуда, мепазирем ва ё онро инкор мекунем. Ин аст, ки мутафаккирон аз давраҳои қадим то имрӯз ин қувваро мепарастанд ва онро ситоиш мекунанд. Гарчанде, ки Кант ин қувваро қобилияти эҷоди принсипҳо ва хулосабарорӣ медонад, вай бешубҳа, то андозае сабабгори иштибоҳот дар масъалаи арзишгузории хирад гардидааст. Ин иштибоҳот таҳкурсии дуруст арзишгузорӣ накардани ҷумла мутафаккирони баъдина гардид.

Иштибоҳ дар фаҳмиши табиати хирад, дар таърихи фалсафа хеле аён ба назар мерасад. Ин қувваи фарққунандаи табиати инсонӣ аз ҳайвонӣ дар баҳсҳои фалсафӣ моҳиятан чандон равшан нагардид. Бештари мутафаккирони баъд аз

Кант дар фалсафаи асрҳои XVII – XVIII андешаҳои мухолифи якдигар баён намуда буданд. Пеш аз ҳама, ин мухолифат миёни муайян намудани таносуби “хирад” ва “ҳуш” сурат гирифт, ки дар натиҷа раванди дарки ашё ва олами берунаро аз диди чунин андешаҳо, бояд аз хирад оғоз намуда, дар ҳуш хотима медоданд. Чунин андеша, албатта, хилофи табиии амали хирад ва қудрати тавонии он буд. Ин натиҷагирӣ ба иштибоҳҳои дигаре дар чорчӯбаи назарияи маърифат роҳ кушод.

Омӯзиши табиати инсон нишон медиҳад, ки танзим ва системавӣ будани узвҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва хирадӣ ҳақиқатест, ки ба ҳақиқати ҳастии инсон баробар аст. Инсон, пеш аз ҳама, системаест, ки се ҷанбаи табиати ӯ бо ҳам тавъам, созгор ва яке дигареро пуркунанда ва ҳамдигарро пойдор нигоҳдоранда мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки ин маҷмӯи мувофиқ ва сохтори системавии узвҳои ҷисмонию равонӣ ва хирадӣ натиҷаи амали қонунҳои таҳаввулӣ мебошанд. Ҳазорсолҳо узвҳои ташаккулёбанда дар ҳамкорӣ бо якдигар системаи ҳаётро пойдор нигоҳдоранда, ба вуҷуд овардаанд. Ин система аз се қисм таркиб ёфта, қисми нигоҳдорандаи ду колбади дигарро “хирад” ном ниҳодаанд. Аз ин рӯ, дар тинати инсонӣ низоми идорашавандае бо роҳнамоии хирад ба миён омадааст.

Акнун андешаҳои фалсафаие, ки амали “ҳуш”- ро ба дараҷаи фаъолияти “хирад” мебардоранд, натиҷаи дуруст арзиш нагузоштан ба ҷавҳари инсонӣ, яъне хирад аст.

Олами атроф ва ҷисми инсон маҳсули таҳаввуланд. Он чи ки сурат гирифт ва дигаргун шуд, ҳатман қувваи шаклофарӣ кори худро дар дигаргун намудани шакл ба анҷом мерасонад. Шакл бошад, ба итмом расидани чунин қувва ва ба шакли аввалаи худ, яъне ба нестӣ омада расиданаш ҳатмист. Бо ибораи дигар, баргаштани шакл ба ибтидои худ бозгаштест ба

шакли аввалаи худ. Чунин тағйирёбӣ, албатта, колбади ҷисмониро ҳамеша ҳамсафар аст. дарки олами беруна ва аз он ҷумла дарки худи ҷисми инсон, маълум аст, ки ба воситаи ҷисм муяссар намегардад. Ҷисм бошад танҳо олотеро мемонад, ки ҳамчун восита барои дарк хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҳолатҳои равонӣ, ки муҳимтарини онҳо вазифаи дарк намуданро иҷро менамоянд, панҷ ҳисси қабулкунанда буда, дар доираи "ҳуш" низоми дарк ва натиҷаи он, мутамарказ гардида, вазифа ва майдони амали худи "ҳуш"- ро муайян месозанд. Муайянии ин доира имкон медиҳад, ки маълумоти даркгардида бе каму кост дар оинаи хирад ошкор шуда, мавриди арзишгузорӣ қарор гиранд. Бо ин амал вазифаи "ҳуш" ба анҷом намерасад. Дараҷаи дарки ҳар як узви ҳисро ҳуш санҷида, ба "хирад" пешниҳод менамояд, чунки хулосабарории "хирад" аз дуруст будани сифати дарки ҳисси панҷгона вобастагӣ дорад. Чунин вазифа бар дӯши колбади равонӣ гузошта шудааст.

Дар адабиёти равоншиносӣ, мутаассифона, мавқеи "ҳуш" муайян нашудааст, гарчанде дар равоншиносии классикӣ ин мавқеъ хеле равшан баррасӣ шудааст. Дар қатори равандҳои равоншиносии муосир, мафҳуми "ҳуш" ҳамчун раванди мустақили фикрӣ зикр нашудааст. Ин норасоӣ, ба андешаи мо, аз замони ба равоншиносӣ ворид гардидани таҷриба ба миён омада, то ҳол дар китобҳои дарсӣ чунин ҳолат идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои таҷрибавӣ (эксперимаенталӣ) намегузоранд, ки равандҳои психикӣ дар шакли нисбатан мустақили худ, даркшаванда бошанд. Бинобар ин таҷрибаомӯз танҳо машғули натиҷагирии амалҳои равонӣ гардида, аз фаъолияти нисбатан мустақили ҳар як ҳолати психикӣ дар канор мемонад.

Аз ин лиҳоз, мавқеи ҳолати "ҳуш" аз чорчӯбаи қувваҳои равонӣ номуайян ва алоқамандии амали узвҳои ҷудогонаи ҳиссӣ бо "хирад", бидуни шарҳ ва тафсир мемонад. Дар чунин ҳолат ба назар мерасад, ки вазифаи "хирад" бевосита натиҷагирӣ намудан аз узвҳои ҳис мебошад.

Да ин ҷо, як омили асосие, ки алоқамандӣ ва пайваст шудани ахбороти ҳиссӣ ба хирадро дар назар дорад, бояд нодида намонад. Агар ҳар як ҳисси панҷгона дар алоҳидагӣ, бе мутамарказие, ки бо воситаи фаъолияти "ҳуш" қобили қабули хирад мегардад, амал кунад, пас маълумоти пурраро дар бораи ашёҳои олами беруна дастрас намудан ғайриимкон мебуд. Ин ҳолат ба он далолат мекунад, ки миёни ҳисси панҷгона ва "хирад" бояд қуввае мавҷуд бошад, ки ахбороти гуногунро нисбати ашёи беруна дар шакли пурра ва бо ҳам пайваст ба ихтиёри "хирад" гузорад. Ин қувваро қувваи "ҳуш"- ӣ номанд ва далели дигари мавҷудияти чунин қувва шаклгирии раванди маърифат ба ҳисоб меравад.

Тақсимбандии шаклҳои маърифат аз маърифати "ҳуш"- ӣ оғоз гардида, баъдан бо маърифати ҳадсию матнӣ ба итмом мерасад. Ин далели мавҷуд будани дараҷаи болоравии қувваи ҳушии инсон аст.

Қуввaи "ҳуш"-ӣ санҷишкунанда ва арзишгузоранда набуда, танҳо мутамарказкунандаи маълумоти аз ҳис воридшуда аст. Бидуни фаъолияти "ҳуш" ва ё қуввaи равонии мутамарказкунанда, алоқамандии ҳиссиёт ва хирадро фаҳмидан ғайриимкон аст.

Чунин вазъият (яъне ба инобат нагирифтани қуввaи "ҳуш") дар сохтори равонии инсон, ба "бегонашавӣ"- и мафҳуми "ҳуш" аз равоншиносӣ оварда расонид. Бесабаб наст, ки ҳангоми таҳқиқоти фалсафӣ, асосан, мавриди баррасии шаклҳои маърифат, мутахассисони соҳаи фалсафа мафҳуми "ҳуш"- ро яке аз мафҳумҳои бунёдии гносеологӣ баррасӣ

менамоянд. Шояд пазироиши мафҳуми “ҳуш” аз тарафи файласуфон боиси хориҷ шудани мақулаи “ҳуш” аз доираи равоншиносӣ гардида бошад. Дар ҳар сурат, мафҳуми “ҳуш” бояд яке аз мафҳумҳои бунёдии равоншиносӣ ҳисобида шавад.

Масъалаи “хирад” маълум аст, ки дар назарияи маърифат ва ҳастишиносӣ мақоми хосеро соҳиб аст.

Бояд қайд намуд, ки “колбад”- ҳои инсонӣ ба се намуд гурӯҳбандӣ шудаанд: колбади ҷисмонӣ, колбади равонӣ ва колбади хирадӣ.

Аз ин рӯ, хирад, ки яке аз колбадҳои инсонро ташкил медиҳад, дар сохтори равандҳои равонӣ дохил нашудааст. Ин колбад натанҳо дар андешаҳои фалсафӣ, балки дар илмҳои гуманитарӣ, асосан дар адабиёт мавриди ситоиш қарор гирифтааст.

Хирад, ки намуди дурустии фикр, андешаҳои солим ва ҳатто ифодакунандаи сифати инсонӣ гардидааст, яке аз мақулаҳои бунёдӣ дар таърихи назарияи маърифат ва антропология қарор дорад.

Тафсири моҳияти “хирад” боиси пайдо шудани андешаҳои гуногун гаштааст. Азбаски мавзӯи “хирад” берун аз проблемаҳои равоншиносӣ қарор дорад, ҳамчун мақулаи фалсафӣ ҳамеша предмети омӯзиши гносеология ҳисобида мешуд.

Хирад ҳамчун қувваи фаҳмиш дар ҷисми инсон мавқеи арзишгузор, пазиранда, қубул кардан, инкор намудан ва ғайраро соҳиб аст.

Чунонки қайд гардид, мафҳуми “хирад” дар адабиёти фалсафӣ асосан дар маънои хиради аз дониш сарчашмагиранда омӯхта мешавад. Дар чунин маъно хирад муродифи фаҳмиш, дониш ва маърифат фаҳмида шудааст. Ин гуна таъриф худи мафҳумро мушаххас гардонида, маънои

дувуми онро коста мегардонад. Аз ин рӯ, шарҳи антропологии мафҳуми "хирад" бештар ба мазмуни мафҳум рост меояд. Дар маънои антропологӣ, мафҳуми хирад аз ду ҷанбаи сифатӣ иборат аст; яке, хиради бо дониш омехта ва ё хиради мазмунан аз ахбор ё тасаввур дар бораи ашёҳо иборат буда, дувум, хиради субстансионалӣ, ки вайро "хиради ноб" гӯянд.

Масъалаи хирад дар таърихи фалсафа, чунонки гуфта шуд, мавриди баррасӣ ва баҳсу мунозараҳои тӯлонӣ қарор дошт. Реалистон чунин ақида доштанд, ки таркиби хирад аз дониш беш нест ва вай атрибути дувумини рӯҳ ҳисобида мешавад. Дигарон хирадро вазифаи ақл мешумориданд. Материалистон бошанд, чунин меҳисобиданд, ки хирад маҳсули химиявиест, ки аз элементҳои моддӣ ташкил ёфтааст.

Аз нуқтаи назари ваҳдат ва ягонагӣ, "хирад" дар маънои субстансия, яъне хиради берун аз дониш ё "хиради ноб" (Кант) ҳолат ва ҳақиқатест, ки аз муносибатҳои объект ва субъект берун аст.

Одатан, мо дар зери мафҳуми "хирад", фаҳмиш ва ё амали аз дониш ҳосилшударо дар назар дорем. Дар ин амал муносибати объект ва субъект сурат гирифта, фаҳмидани объект барои субъект муяссар мегардад.

Фаҳмиши реалистӣ низ ба он далолат мекунад, ки субъект танҳо дар ҳолати мавҷуд будани объект метавонад ошкор гардад. Натанҳо реалистон ва материалистон, балки бисёре аз мактабҳои фалсафӣ хирадро берун аз дониш тасаввур карданашон ба мушкилоти нофаҳмӣ оварда мерасонад.

Аз дониш таркиб ёфтани хирадро бояд эътироф намуд, вале дар баробари ин, "хиради ноб"- ро ҳамчун хиради субстансионалӣ бояд пазируфт. Ба ин маънӣ, ки хирад дар партави объект ва ё субъект дарк мегарадад, вай ҳамчун дониш сурат гирифта, даркшаванда мегардад. Ин даркшавандагӣ рӯшноии дар фазо тобонро мемонад, бо он

шарт ки агар паҳншавии рӯшноӣ пайдо нагардад, худи рӯшноиро дар фазо дидан, ғайриимкон мебуд. Хиради ноб низ ҳамчунин ноаён боқист. Агар объекте пайдо нашавад ва тавассути он донише ҳосил нагардад, дар бораи мавҷуд будани "хиради ноб" маълумоте пайдо нахоҳад шуд.

Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки агар хирад бе мавҷуд будани объект дарк нагардад, пас далели мавҷуд будани чунин чизи бесифат дар чист? Дар мавҷуд будани субстансия набояд шакку шубҳа бошад, чунки субстансия худ дар худ ошкор, худбасанда буда, ҳоҷат ба далели дигаре нест.

Мавҷуд будани далел танҳо ба он далолат мекунад, ки худи хирад вуҷуд дорад. Дар ҳақиқат, сурат гирифтани ҳар як далел мавҷуд будани хирадро металабад. Агар хирад мавҷуд намебуд, фаҳмиши ашё ё чизе ғайриимкон мебуд. Зоҳиршавии саробмонанди хирад, ки дар муносибати объект ва субъект сурат мегирад, дар се шакл пайдост: дар шакли субъекти фаҳманда, объекти фаҳмидашаванда ва дониш.

Агар тасаввур карда шавад, ки ҳангоми маризии сар ва аз кор баромадани майна худи хирад низ аз байн рафтанаш мумкин, пас бояд фаҳмид, ки мавҷуд будан ва ё фаҳмидани он ки инсон дорои майнаи сар аст, бе мавҷуд будани хирад, муяссар намегардад. Фаъолияти майнаи инсон метавонад бозистад ва ё дуруст амал кунад, вале пайдо шудан ва аз байн рафтани қувваи майна низ, мавҷуд будани хирадро металабад.[3]

Аз ин рӯ, на таҳлили равонӣ ва на таҳлили дигари илмӣ наметавонад мавҷуд будани Хирадро инкор кунад, чунки инкор кардани чизе ё ашёе мавҷуд будани хирадро металабад.

Хирад масъалаест, ки ҳама гуна дониш, ҳама суолу ҷавоб, баҳсу мунозира, ҳама гуна фарҳанг, ҳама тасдиқу инкор аз

---

[3] Ниг. Анчел Е. Мифы потрясенного сознания. М., 1979.

мавҷуд будани хирад вобаста аст. Аз ин рӯ, хирад моҳият аст, ки асоси ин моҳиятро худ дар худ мавҷуд будани он ташкил медиҳад.

Ба ибораи дигар, касе ки исботи мавҷуд будани хирадро металабад ва далеле баҳри далел ҷустуҷӯ мекунад, ба монани касест, ки алангаи оташро бо сӯзишворӣ хомӯш намудан мехоҳад.

Ҳангоми фаҳмиши моҳияти хирад, ки худ принсипи асосист, фаҳмидан лозим аст, ки хирад худ дар ҳеҷ сурат ҳамчун объект намуддор нахоҳад шуд.[4]

Дар ҳолати ҳамчун объект намудор нашудани объект, пас маъно ва моҳияти худфаҳмӣ ва худшиносӣ дар чист? Дуруст фаҳмидани моҳият, ки худ хирад аст, танҳо инкор намудани сифатҳоест, ки ба "ман"- и инсонӣ дахл надоранд. Мо одатан андеша дорем, ки хиради худро чун объект бифаҳмем ё гумон мекунем, ки моҳияти мо – худ – кайфият дорад ва ё ранҷур аст. Дур шудан аз чунин тасаввурот танҳо ба воситаи такрори андешаҳои дар матн зикршуда, муяссар мегардад.

Андеша дар бораи он ки хирад худро мефаҳмад, худро ошкор месозад, ба ақидаи мо, нодуруст аст. Агар чунин ҳолат бо хирад рӯй диҳад, агар ба тариқи рамзӣ баён созем, "ба воситаи пойҳои худ дар китфҳои худ баромадан аст".

Бояд тасдиқ намуд, ки хиради ноб ҳамчун субстансия ягон атрибутеро дар худ надорад, пас хирад наметавонад худ дар худ амале дошта бошад, Дар чунин ҳолат натиҷаи дигаргуншавиро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, хирад бо ҳеҷ ваҷҳ дмгаргуншаванда нест ва шакле низ надорад.

Дар ҳолати набудани хирад тағйирёбӣ низ ғайриимкон аст. Тағйирёбӣ ду ҳолатро тақозо дорад. Пеш аз ҳама, дар ҳолати ягон ашёи моддиро аз як шакл ба шакли дигар табдил додан,

[4] Ниг. Тулин С. Человеческое понимание. М., 1984.

масалан, як асбоби тиллоиро ба асбоби дигар табдил додан. Дувум, ҳангоми табил ёфтани як моеъ ба моеи дигар, масалан, мубадал шудани шир ба равған ва ғайра. Вале ин ду навъи тағйирёбӣ ба "хиради ноб" иртиботе надоранд.

Аз сабаби дар "хиради ноб" вуҷуд надоштани сифат ва нишона, вай аз дигаргуншавии сифат ва нишона озоду дар канор аст. Аз ин рӯ, "хиради ноб" моҳиятан якнамуд ва абадист. Дар ҳолати дигаргун будани табиати ӯ, пойдории кайҳон аз имкон берун мебуд ва оламро торикии абадӣ ҳукмфармо мегашт.[5]

Чунон ки қайд гардид, хиради ноб аз дидгоҳи ваҳдат ё назарияи ягонагии ҳастӣ аз санавият холӣ ва муносибате бо ҳолат ва ашёи дигаре надорад.

Агар "хиради ноб" аз ҳама мавҷудоти шаклгирифта тафовут дошта бошад, пас олами моддӣ, ки аз ашё ва шаклҳои гуногун иборат аст, чист ва чигуна аст? Дар ҳақиқат, кайҳони моддӣ аз шаклҳои гуногун иборат буда, бо тариқи объективӣ дарк мегардад.дар ҳақиқат, олами моддиёт дар шакли саробмонанд ҳамчун иштибоҳ, дар хиради мо аксшавандааст. Сабаби аксшавандагиро дуруст нафаҳмидан  ва арзишгузорӣ накардан аз тарафи инсон сурат мегирад. Вале ин даркшавандагӣ ҳамчун омил дар хиради (аз дониш асосёфта) мо, бо ҳеҷ далел ягонагии хиради нобро халадор намесозад. Аз тарафи дигар, шаклҳои олами атроф моҳиятан наметавонанд аз хирад бутун ҷудо бошанд. Ин ҳолат ба монанди он аст, ки агар мо акси моҳро дар об дарк намоем, моҳи дар об буда, саробро мемонад, вале мавҷуд будани сароб ба моҳи аслии дар осмонбуда вобаста аст. Як ва ду инъикоси моҳ дар об дар ҳеҷ сурат ягонагӣ ва ҳақиқати моҳи осмонро халалдор нахоҳад сохт. Ҳамчунони дигар инъикоси олами моддӣ дар хиради мо,

[5] Ниг. Циолковский К.Э. Грезы о земле и небе. Тула. – 1986.

наметавонанд хиради нобро халалдор созад. Аз тарафи дигар, дарёфи бевосита дарки моҳияти худи инсон аст.

Инъикоси бевоситаи аз аъзоҳои ҳиссӣ пешниҳодшударо дарк меноманд. Дар ни ҷо суоле ба миён меояд, ки дарки бевосита гуфта, чиро дар назар доранд. Агар дарки бевосита вуҷуд дошта бошад, пас дарки бовосита гуфта чиро меноманд? Он ҳолате, ки мо олами берунаро дарк менамоем, дарки бовосита ҳисобида мешавад. Пас дарки бевосита чист? Дарки бевосита гуфта, дарёфтеро гӯянд, ки моҳиятро бевосита, бидуни ҳис ва тафаккур дарёфт мекунад. Ин ҳолатро танҳо хиради ноб дорад, чунки моҳияти вай бесабаб ҳувайдост. Аз сабаби он ки моҳияти "хиради ноб" ҳувайдо шудан аст, вай барои судури худ ба ҳеҷ чиз ё воситае эҳтиёҷманд нест. Чунин ҳолат далели объект набудан, асоснок будан ва худ дар худ тасдиқ будани "хиради ноб" аст.

Дар се ҳолати инсонӣ: ҳолати бедорӣ, хоби хоббинӣ ва хоби бехоббинӣ "хиради ноб" гуногун тафсир шуданаш мумкин.

Дар ҳолати бедорӣ, инсон тасаввуре дар бораи "хиради ноб" дорад. Дар ҳолати хоби хоббинӣ андешаҳои рӯзона дар шакли ғайритабиии дар назар ҷилвагаранд, вале дар ҳолати хоби бехоббинӣ "хиради ноб" ҳамчун рушноии ҳамешатобанда шӯълавар буда, боиси дар партави тобиш махлут будани "ман"- и инсон гардидааст.[6]

Дар ҳолати бедорӣ низ равшангари ҳолати дарк ҳам "хиради ноб" аст, вале аз сабаби мавҷуд будани манбаҳои дигари рӯшноидиҳандаи ёрирасон, (офтоб, ситорагон ва ғайра) вай дар ҳолати ноаён мавҷуд аст.

Аз ин ҷо маълум гардид, ки ҳамчун моҳият "хиради ноб" ба ягон объекте вобаста ва пайваста нест ва ҳамеша ҳамчун нурафкани се ҳолати инсонӣ қарор дорад. Танҳо тавассути

[6] Дар ин ҷо "ман"- и инсон мурадифи "хиради ноб" омадааст.

дарки нодурусти омехтасозии ин моҳият, ҳама ҳолатҳоро махлут сохта, таҷрибаи онҳоро дар худ дарёфт мекунанд. Бо сабаби дар ҳеҷ чиз ва бо ҳеҷ шакле махлут набудан, мо чунин хирадро "ноб", яъне беолоиш ва пок мешуморем.

Алоқамандии субъект бо объект ҳамеша саробмонанд аст, чунки муносибат доштан ба ашёи дигар хоси "хиради ноб" нест. Тасаввур дар бораи як будани хиради ноб бо интеллект сабабе мегардад, ки мо хиради нобро фикркунанда ва амалкунанда мепиндорем. Дар ҳақиқат амалкунанда ва фикркунанда интеллект аст, на "хиради ноб".

Аз тарафи дигар, "хиради ноб" ҳамчун ҳақиқати реалӣ, худ асоси кайфият ва хушнудист. Мо ҳама чизи даркшавандаро баҳри муҳаббати ба "хиради ноб" дошта, эътироф намуда, дӯст медорем. Моҳияти инсон (хиради ноб), ки ҷавҳари асосии ӯро ташкил медиҳад, барои инсон наздик ва эътирофшуда ба ҳисоб меравад. Ба монанди он ки кӯшиши дидани овоз ва бӯй аз ҳақиқат берун аст, кӯшиши дарёфти сифати моҳият низ бенатиҷа хоҳад монд.

Хиради ноб, ки асоси ҳамагуна ҳиссиёт, хотира ва ғайра ҳолатҳои равонии инсон аст, бинобар ин вай ҳақиқати реалии асил ва абадӣ шуморида мешавад.

Ба тариқи хулосавӣ бояд таъкид намуд, ки хиради ноб абадӣ ҳамчун ҷавҳари кайҳон ва субстансияи нахустин ҳамеша дурахшон, ҳамчун ҳастии мутлақ ва бениёзи кулл боқӣ хоҳад монд.

## Масъалаи менталитет дар адабиёти гумантирию иҷтимоӣ

Пас аз баррасии мафҳуми "интеллект" ва масъалаи хирад дар маънои антропологии он, бояд қайд намуд, ки мафҳуми "менталитет" аз ҷиҳати семантикӣ бо мафҳумҳои дар боло зикршуда, алоқамандии мазмуниро доро мебошад. Ҳангоми шарҳи табиати инсон дар адабиёти фалсафӣ-антропологӣ

одатан ҷисмҳои биологӣ, яъне тани инсонро аз ду ҷисми дигари ӯ: равонӣ ва хирадӣ, ҷудо месозанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки қисми хирадии инсон аз ҷисми биологӣ ва равонии он болотар ва пояндатар аст. Аз рӯи шарҳи антропологӣ моддиёти ҷисми биологӣ ва равонии инсон ҳамеша даргузар ва тағйирёбанда буда, танҳо колбади хирадии инсон поянда ва барҷо боқӣ хоҳад монд.

Вале колбади хирадие, ки дар ҷисми инсон мавҷуд аст, худ "хиради ноб"- и дар боло зикршуда нест. Хиради ноб худ ҷавҳар ва субстансияи инсон ва кайҳон эътироф шудааст.[7] Хиради инсон, ки танҳо ба табиати ӯ тааллуқ дорад, маҷмӯи дониш ва маълумоте мебошад, ки инсон дар раванди ҳаёти шахсии худ доираи фаҳмиши ҳар як фардро ташкил медиҳад. Аз натиҷагирӣ аз ин доира шахсияти нотакрори ҳар як фард сарчашма мегирад. Мазмуни пурраи ин маълумот симои фарҳангиии шахсро меофарад. Азбаски фарҳанги ҷамъиятро маҷмӯи донишу малакаи одамони дар ҷамъиятбуда ташкил медиҳанд, дуруст аст, ки хусусияти хирадии одамон таҳкурсии афкори ҷомеаро муайян месозад. Ин таҳкурсӣ ҳамеша дар ҳолати дигаргуншавӣ ва ташаккулёбӣ қарор дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки менталитети[8] ҷомеа ва ё миллат гуфта, хиради миллатро дар назар доранд.

Дар фарҳанги ҷомеа андешаҳое низ вуҷуд доранд, ки тибқи онҳо менталитет то андозае ҷузъи хислати миллӣ ҳисобида мешавад. "Хислати миллӣ" мафҳуми мураккабтар аз "менталитети миллӣ" ба ҳисоб меравад.

---

[7] Ниг. Ҳайати муаллифон. Пути за пределы "эго" трансперсональная переспектива. М., 1996.

[8] "Менталитет" калимаи лотинӣ буда, дар маънои хиради миллат ва ҷомеа фаҳмида мешавад.

Мафҳуми “менталитет”- ро, одатан барои муайян намудани сифатҳои шахсӣ истифода мебаранд. Дар ҳар сурат, барои майян намудани хусусияти фарҳангии мардум мафҳуми “менталитет” истифода бурда мешавад.

Барои муайян намудани менталитети шахс мебоист хусусиятҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва равонии фард ба инобат гирифта шаванд. Пас муайян намудани дараҷаи менталитети миллат бо назардошти ахлоқи миллат, дараҷаи зебоишиносӣ ва меъёрҳои арзишгузории мардум ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар фарҳанги муосир меъёрҳои баҳодиҳии менталитети миллӣ, мутаассифона, дучор намеоянд. Таъкиди фарҳанги классикӣ ва арзишгузорӣ ба ин фарҳанг бештар ба назар мерасад. Албатта, фарҳанги муосир бе алоқамандӣ бо фарҳанги гузаштагон шуда наметавонад. Дар ҳар сурат, фарҳанги имрӯза то андозае инъикоси ҳастии металитети миллат ба шумор меравад.

Гуфтан лозим аст, ки менталитети ин ва ё он миллат, мутаассифона, то ҳол на дар адабиёти классикӣ ва на дар адабиёти муосир, муайян нашудаанд. Ҳангоми дар бораи ин ва ё он миллат баҳодиҳӣ намудан, бештар сифатҳои урфу одат ва расму оини ин ва ё он халқро номбар мекунанд. Чунин арзишгузорӣ ба маъно ва мундариҷаи мафҳуми “менталитет” мувофиқ намеояд.

Чунонки қайд гардид, менталитети миллӣ тарзи дар ҳаёт истифода бурдани қобилияти интеллектуалии ин ва ё он халқ, мардум ва ғайра мебошад.

Хиради миллӣ яке аз мафҳумҳои пурмазмуни этнологӣ ба шумор меравад. Дар фарҳанги муосир асоси хиради миллиро, пеш аз ҳама, дар забони миллат ҷустуҷӯ доранд. Албатта, мақоми забон дар пайдоиш ва ташаккули хирад басо назаррас аст, вале хиради миллӣ ва забони миллат ду ҷузъиёте мебошанд, ки ҳангоми муайян намудани менталитети миллат

ин ду ҷанба ҳатман инъикосшаванда ба назар мерасанд. Дар ҳар сурат, хислати миллат таҳкурсӣ барои ташаккулёбӣ ва сурат гирифтани менталитети миллӣ ҳисобида мешавад. Менталитети миллат ба ғайр аз таҳкурсии худ – хиради миллӣ, ки дар шаклҳои гуногуни фаъолияти интелектуалӣ зоҳир мегардад, ки аз сифат ва муносибатҳои иҷтимоӣ иборат буда, бапуррагӣ бо онҳо алоқамандӣ дорад. Гарчанде таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ ба менталитети миллӣ назаррас бошад ҳам, вале чунин муносибатҳо шакли менталитети миллиро тағйир дода наметавонанд.

Масалан, хислати инсон то як синну соли муайян дар ташаккулёбӣ қарор дорад. Ҳангоми ба синни муайян расидан, хислат хусусияти асосии худро баъдан тамоми умр нигоҳ медорад. Таъсири муҳити атроф ба дигаршавии хислат оварда мерасонад.

Ба ҳамин монанд, менталитети миллӣ низ ҳангоми ба қолаби муайян ворид гаштан, аз таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ берун мемонад.

Тафовут миёни менталитети миллӣ ва хислати миллӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҷавҳари менталитети миллиро хиради дар ҷомеа[9] мавҷудбуда, ташкил мекунад. Хислати миллӣ бошад ҷавҳари худро дар доираи ахлоқи ҷомеа бояд ҷустуҷӯ кунад. Аз ин ҷо, урфу одат ва расму оини мардумӣ ҷузъиёте мебошанд, ки бештар дар хислати миллӣ ошкор мегарданд.

Таҳлил ва таҳқиқи мафҳуми "менталитет" нишон медиҳад, ки барои муайян намудани мелталитети миллӣ бояд меъёрҳои арзишгузории чунин менталитет дар доираи фарҳанги ҷомеа муайян гардад.

---

[9] Хиради ҷомеа гуфта, шуури ҷамъиятиро дар назар доранд.

## Адабиёт


1. Аристотель. Сочинения в 4-х т./Пер. с древнегреч. - М.: Мысль. 1976-1984. - (Филос. наследие).
2. Анчел Е. Мифы потрясенного сознания. М., 1979.
3. Тулин С. Человеческое понимание. М., 1984.
4. Пути за пределы “эго” трансперсональная перспектива. М., 1996.
5. Циолковский К.Э. Грезы о земле и небе. Тула, 1986.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*антрополог-инсоншинос*

## ҶОЙГОҲИ АНТРОПОЛОГИЯ ДАР ТАСНИФОТИ АРАСТУ ВА АБУНАСРИ ФОРОБӢ

Миёни муҳаққиқон ва файласуфон сари таснифоти илмҳо ва ҷойгоҳи антропология ҳамчун илми алоҳида баҳсҳои ҷиддие матраҳ нагардидааст, аммо воқеиёте дар ин замина ба мушоҳида мерасад. Муҳитар аз ҳама, баҳс сари таснифоти илмҳо, чи дар осори файласуфони юнонӣ ва чи дар мероси файласуфони форсу тоҷик собиқаи тӯлонӣ дорад. Ин аст, ки мо ба чунин баҳсе иқдом мекунем ва саравввал ба масъалаи ҷойгоҳи антропология дар таснифоти Арасту таваҷҷуҳ намуда, пасон масъалаи марбутаро дар низоми таснифотии Арастуи сонӣ – Абунасри Форобӣ дунбол мекунем.

Файласуф ва мутафаккири юнонӣ Арасту аз аввалин донишмандонест, ки дар таърихи тамадуни башарӣ тавонистааст, илмҳои замони хешро ба низом дароварда, таснифоти илмҳоро ба роҳ монад. Ҳанӯз Арасту илми ҳикматро дар тақсимот  ба ду қисмат тақсим намуда буд. Фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ, ки дар фалсафаи назарӣ масоили физикию метафизикӣ матраҳ гардида, масоили ахлоқӣ, зебоишиносӣ, суханварӣ, сиёсат ва шеъру адабиёт ба қисмати фалсафаи амалӣ дохил карда мешуданд. Метавон рисолаи ӯро “Дар бораи Нафс” аз аввалин ва асоситарин таълифоти фалсафаи антиқа ҳисобид, ки дар он масоили антропологӣ баррасӣ гардидаанд. Маҳз дар ҳамин рисола Арасту дидгоҳи антропологии хешро дар бораи нафс ва ҳалли

масоили психофизиологиро дар табиати инсон баррасӣ менамояд.[1]

Масоили антропологиро Арасту дар осори ахлоқӣ, сиёсӣ ва поэтикии худ ифода менамояд, ки онон дар таснифоти мутафаккир марбут ба ҳикмати амалиянд. Дар ин маврид махсусан метавон рисолаи ӯро "Дар бораи нафс" қайд намуд, ки маҳз масоили антропологӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар мавҷуди зинда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қобили қайд аст, ки Арасту масоили антропологиро дар рисолаҳои этика, дар бораи нафс, сиёсат ва поэтика дарҷ намудааст ва ин қисматро, ки ба ҳикмати амалӣ дохил мекунад, бунёди онҳоро инсон ва муносибату ҳамгирой ва тарзи такомули инсон ташкил медиҳад. Дар тақсимбандии арастуӣ мантиқ, метафизика, физика ва риторика бо масъалаи инсон алоқамандии бавосита доранд. Зеро инсон пеш аз ҳама дар муҳити муйаяни табиӣ ба сар мебарад ва он ҷузъе аз коинот аст ҳамчунин ба табиати зинда мансуб буда, ба қонуниятҳои он мутобиқ аст. Масъалаи инсон ки бевосита ҷамбаҳои дохилӣ ҷиҳати равонии зиндагии инсон ҳамчунин ташаккули анвои зиндагӣ дар замин махсус дар рисолаи "Дар бораи нафс"и Арасту инъикос ёфтаанд. Ҳамин аст, ки Арастуро поягузори илми равоншинсоӣ низ меноманд. Дар асоси ҳамин асари Арасту чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ даҳҳо асарҳои ҳамсони асари Арасту ба вуҷуд омадаанд, ки маншаи асосиашон рисолаи "Дар бораи нафс"и Арасту ба ҳисоб мерафт.

Дар шинохти моҳияти инсон таълимот "Дар бораи нафс" дорои аҳамияти қобили мулоҳиза аст. Тамоми фалсафаи назарии Арасту ҷиҳати маърифати инсон шурӯъ намуда аз асрори зуҳури нафс нигаронида шудааст. Ҳамин аст, ки Арасту ноогоҳона низоми фалсафии худро аз метафизика

[1] Мухаммад-Али М. Введение в антропологию. Душанбе, 1999. С. 27

шуруъ наменамояд. Ҳарчанд ӯ дидгоҳи устодаш Афлотунро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, вале дар баробари ин, ӯ таълимот дар бораи шакл ва ҳаюлоро дар доираи ягонагии нафсу ҷисм асоснок менамояд.

Арасту дар бораи моҳияти нафс сухан ронда пайвастагии онро бо шакл, яъне бо ҷисм қайд менамояд. Мутафаккир ин маъниро чунин қайд менамояд, ки " ... Моҳият... ( ҳамчун шакл) ин энтелехия аст;  стале быт ва нафс ин Энтелехияи ҷисм аст".[2]

Ба фарқ аз Афлотун, ки моҳиятро як ҷузъе аз нафс медонист, Арасту моҳиятро "як аз анвоъи вуҷуд" медонад. Ба назари ӯ " ... ба моҳият аввалан модда, ки худ ба худ ҳеҷ аст ва чизеро ифода наменамояд; дуввум шакл ё симо, ки тавассути он ҳеҷ ба худ муаяниву ном мегирад; саввум он чи ки аз материя ва шакл таркиб ёфтаанд;"[3]

Аз ин таъриф чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки Арасту дар моҳияти инсон на танҳо нафсро ҳамчун энтелехия, балки ҷисми моддии инсонро низ энтелехия медонад. Ҷисм дар ин маънӣ ба ҳайси имкониятҳо ва шакл ҳамчун энтелехияи инсонӣ баромад мекунад. Моҳияти инсон ҳамчун нафс ва ҳамчун ҷисм ба назари Арасту дар он ифода меёбад ки "... нафс ин энтелехияи аввали ҷисми табиӣ аст, ки дар он узвҳо зуҳур меёбанд."[4]

Дар бораи табиати инсон ба таври маҳз Арасту аз дуализим пайгирӣ мекунад. Барои мутафаккир танҳо Энтелехия метавонад ба ҳайси синоними ягонагӣ ва ё ҳастӣ дар маҷмуъ баромад намояд. Ба назари ӯ "Ҳарчанд ягонагӣ ва

[2] Арасту. Осор дар 4 ҷилд. Ҷ.1. С. 394

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Ҳамон асар. С. 395.

ҳастӣ маъниҳои гуногун доранд, аммо энтелехияи ягонагӣ ва ҳастӣ дар маънии онҳо нуҳуфтааст".[5]

Дар бахши таълимоти ахлоқӣ Арасту низ худи мафҳуми ахлоқ ва ҳамчун илми алоҳида баррасӣ шудани онро ба миён мегузорад ва бо тафовут аз таълимот дар бораи нафс, ки ҷамбаҳои равонӣ ва ботинии инсонро бозгӯ мекунад, ахлоқ бештар ба ҷиҳати берунӣ ва рафтори зоҳирии инсонҳо алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ аҳамияти асосии ахлоқ ҷиҳати тарбияти баланди ахлоқии инсон ҳамчун мавҷуди зинда ба ҳисоб меравад. Яъне дар ин марҳилаи ахлоқист, ки инсон аз дигар анвои мавҷуд бо доштани амалҳои накукорона фарқ менамояд. Мундариҷаи ин таълимот ва асоси онро накукорӣ ташкил медиҳад, ки тибқи таълимоти Арасту онро метавон ба ду тақсим намуд: накукории ахлоқӣ (ҷавонмардӣ, мардонагӣ, меъёрпазирӣ ва ҳақиқатнигорӣ). Инчунин накукории дианоэтикӣ (ҳакимӣ ё донишмандӣ, муҳокимаронӣ ва амсоли ин).

Аз рисолаҳои ахлоқии Арасту "Ахлоқи никомах" муҳим ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин китоб ахлоқро ба ҳайси илми мустақил баррасӣ намуда, дар он ҳадафнок масъалаи инсон тарзи таҳқиқи масоили рафторӣ ва муайян намудани баъзе аз ҳолатҳои пушидаву номуаяне, ки дар ахлоқи инсонанд, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Тавре дар раванди таҳаввули худ таълимот дар бораи нафс пояи асосии ба вуҷуд омадани равоншиносӣ гардид, илми ахлоқ низ дар раванди таҳаввули хеш яке аз пояҳои ба вуҷуд омадани илм дар бораи инсон яъне антропология гардидааст.

Ҷанбаҳои муффассали баррасии масоили писихологиву ахлоқиро дар табиати инсон метавон дар рисолаи "Ахлоқи Никомах"и Арасту дучор омад. Дар ин асар ҳамчунин дар

[5] Арасту. Осор дар 4 ҷилд. Ҷ.1. С. 395.

баробари масоили писихологиву ахлоқӣ боз масоили сотереологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дорои аҳамият низ ҳастанд. Маҳз дар ҳамин асар Арасту масоили накукориро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба назари Арасту " Накукорӣ ба се навъ тақсим мешавад: берунӣ, пайваст ба нафс, ва пайваст ба ҷисм. Он чи пайваст ба нафс аст мо онро накукорӣ ба маънои том ва бартар медонем..."[6]

Маънои мундариҷавии категорияҳои фавқуззикрро метавон дар муқоисаи хислатӣ бо мафҳумҳои психологӣ аз қабили мавриди тамйиз қарор дод.

Яке аз накукории ахлоқиро, ки Арасту ба он таваҷҷуҳ менамояд, накукорӣ дар хислат ва дар ҷони инсон аст. Ин навъи накукорӣ бо зиндагии ҳамарӯзаи инсонҳо алоқаи бевосита дошта инсонро вазифадор менамояд, ки ба тақдир тан надода ва тақдирсози худ бошад ва имконияти дохилии худро ҷиҳати амалӣ намудани он равона созад. "Арасту масъалаҳои ахлоқиро дар муқаддимаи қисмати чоруми осораш қайд мекунад Ф.Х. Кеседи барои он ки ба мардумон кӯмак намоӣ ва ҷомеаро такомул диҳӣ ахлоқ ниоят зарурӣ аст. Баръакси Суқрот накукорӣ азхуддуркунӣ ва донишро Арасту бори аввал дар таърихи таълимоти ахлоқӣ пайванд менамояд ба накукории ахлоқӣ аз ҳама муҳим ба ҳолатҳои хостан, орзу кардан ва ирода намудан".[7]

Қобили қайд аст, ки дар системаи фалсафии Арасту махсусан дар метафизика низ масоили инсонӣ мавриди баррасии бавосита қарор мегиранд. Ҳарчанд дар ин қисмат баҳс байни ду мафҳуми асосӣ шакл ва ҳаюло сурат мегирад, вале дар маҷмуъ он дурро низ метавон ба табиати инсон

[6] Ҳамон асар. С.22

[7] Кеседи Ф.Х. Этические сочинения Аристотеля. В книге Аристотель. Соч в 4-х томах. Т 4. С.22

ҳамчун таносубу алоқамандӣ байни ҷисму нафс арзёбӣ намуд. Дар рисолаи стагиритаи Арасту консепсияи асосии сохтори низоми фалсафии ӯ ки масоили ҳастишиносӣ махсусан шаклу ҳаюлоро баррасӣ мекунад ва дар он чор навъи ҷумбиш ё ҳаракатро баррасӣ менамояд.

Дар қисмати мантиқ низ Арасту онро ҳамчун афзори дуруст андешидаан, тамйиз кардани байни ҳақиқату ғайри ҳақиқат ва тарзи дурусти шинохти ҷаҳон, ки он ҳам бевосита ба инсон алоқаманд аст мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тавре Вефе Асмус дар пешгуфтори китоби Арасту "Метафизика" қайд менамояд: "Ин китоб (Метафизика) дар дарозои қарнҳо мавриди омӯзиши файласуфони Шарқ ва Аврупо буд. Ҳар кас ин китобро омӯхт, вай фалсафаро омӯхт. Ба умқи он ворид мешавад ва тамоми мушкилӣ ва таноқузро аз худ дур менамояд ва худро ба қуллаи болотаре расонида аз маҳдудсозӣ хешро мераҳонад. Ин аст, ки Арасту ба ҳайси муаллими башарият шинохта шудааст".[8]

Масоили зиёде, ки ба он таваҷҷуҳи хосса Арасту зоҳир менамояд, ин масоили табиату моҳияти инсон аст. Ҳамчунин масоили соотерологӣ аз ҷониби мутафаккир мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар муқоиса ба ин масоил, мутафаккир баррасии масоили эсхатологӣ ва пайдоиши инсонро камтар мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ба назари донишманди тоҷик М.Музаффарӣ дидгоҳҳои зиёди баррасии масоили антропологиро дар осори Арасту метавон дар расоили физикӣ, космологӣ, этикӣ ва таълимот дар бораи ҷомеа ва сиёсат дарёфт намуд. Ба таври ҷамъбастӣ дидгоҳи антропологии мутафаккир рӯи масоили табиат,

[8] Асмус В. Метафизика Аристотеля. Аристотель. Соч. в трех томах. Т.1. С.50

моҳият, пайдоиш ва роҳҳои такомули табиати инсон мутамаркиз мегардад.[9]

Таърихи масоили антропологӣ дар фалсафаи асримиёнагии Шарқи мусалмонӣ дар чорчӯбаи тақсимбандии улум, ки ҳанӯз дар фалсафаи антиқӣ аз ҷониби Арасту сурат гирифта буд бо таъсирпазирӣ аз ин таснифот анҷом дода шудааст.Дар маҷмӯъ, ҳамин тарзи тақсимоти илм ва ҳамин принсипро, ки аз осори Арасту маншаъ мегирад, метавон дар файласуфони машоияи шарқӣ, бахусус дар тақсимбандии улуми Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино мушоҳида намуд. Мусаллам аст, ки ташаккулёбии дидгоҳи фалсафӣ, илмӣ ва ҷаҳонбинии машоиёни шарқӣ бо таъсири дидгоҳи энсеклопедии Арастуи мутафаккир ташаккул ёфтааст. Мусаллам аст, ки осори Арасту таъсири зиёдеро ба мактаби машоияи шарқӣ гузошт, ки зимни он як равияи бисёр фарогир ва бисёр машҳур шакл гирифт. Он ҳануз дар замони худаш аз доироти фалсафи юнонӣ берун рафта, дар асри миёна як ҷузъи таркибии тамаддуни исломӣ гардид ва мутафакрриронеро аз қабили Ал-Киндӣ, Ибни Боҷа, Ал-Форобӣ, Ибни Сино, Умари Хаём ва Ибни Рушд барои фарҳанги ҷаҳонӣ ба миён овардааст.

Таъсири осори Арасту ба тамоми машшоиёни шарқӣ эҳсос мешавад. Зеро аксари файласуфони машшоӣ бо такя ба назариёти Арастуву Афлотун масоили ҳастишиносӣ, назарияи маърифат, инсоншиносӣ ва масоили ахлоқию зебоишиносиро баррасӣ намудаанд. Махсусан тақсимбандӣ ва таснифоти илмҳо, ки аз ҷониби Арасту сурат гирифта буд, он имкон дод ҳамин тарзи тақсимотро донишмандони машшоияи шарқӣ, бахусус Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино истифода намоянд.

---

[99] Мухаммад-Али М. Введение в антропологию. Душанбе, 1999. С. 28

Абунасри Форобӣ ҳамчун муаллими сонӣ, баъд аз Арасту дар фалсафаи машшоия  мақом дорад. Ӯ дар таърихи фалсафаи асри миёнаи Шарқ аввалин файласуфест, ки рисолаеро бо номи «Иҳсо-ул-улум»  таълиф карда, донишҳои гуногуни асри худро дастабандӣ кардааст.

“Иҳсо-ул- улум” китобест, ки Абунасри Форобӣ сабаби таълифи онро чунин баён медорад: “ Қасди ман аз ин китоб он буд, ки илмҳои машҳурро яке бишуморем. Ва ба иҷмоли аз мавзӯъ ба ҳар яке аз онҳо огоҳ шавем ва ҳар якеро, ки ҷузъҳое бошад ба аҷзои он воқеъ гардем ва ҳамчунин аҷзои он аҷзо. Ва онро дар панҷ фасл овардем. Нахуст дар илми  забон ва аҷзои он, дуюм  дар улуми таъолим, сеюм дар илми табиӣ  ва аҷзои он  ва чаҳорум дар илми илоҳӣ ва аҷзои он,  панҷум дар илми маданӣ ва аҷзои он  ва шашум илми фиқҳ ва илми калом.»[10]

Дар муқоиса ба Арасту, ки фақат илмҳои ақлиро ё (ҳикмати фалсафаро) тақсимбандӣ карда буд, дар дастабандии Абунасри Форобӣ баробари қисматҳои фалсафа, инчунин илмҳои ғайри фалсафӣ, монанди забон ва фиқҳро дар таснифоти хеш шомил кардааст.

Таснифоти илм, дар назари Абунасри Форобӣ, иборат аз:

1. Забон (шомили луғат ва қоидаҳои алфоз, сарф ва наҳв).
2. Мантиқ (мақулаҳо ибораҳо, қиёс, бурҳон, ҷадал, софистика, хитоба ва шеър).
3. Риёзиёт ё таъолим (илми адад, ҳандаса, манозир, нуҷум, илм - ул - асҳол ва илм ал-ҳиял).
4. Табииёт (манзараи табиат, манзараи олам, мавҷудият ва нобудшавӣ, чизҳои осмонӣ, маъданҳо, наботот, ҳайвон ва нафс).
5. Илми илоҳӣ ё мобаъд-ут-табиа.

---

[10] Ҳанна ал-Фохӯрӣ  ва Халилал-Ҷур.  Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Теҳрон, 1377.  С . 398-400.

6. Илми маданӣ (дар бораи саодат ва ахлоқ ва рафтори инсонҳо).
7. Илми фиқҳ.
8. Илми калом мебошад. [11]

Ҳарчанд дар ин тақсимот инсон ва табиату моҳияти онро Форобӣ ба таври алоҳида баррасӣ наменамояд, вале аз бандубасти онҳо пай бурдан мумкин аст, ки меҳвари ин тақсимотро инсон ташкил медиҳад. Масалан, ӯ илми забонро дар ибтидо меоварад, ки он шомили луғат ва қоидаҳои алфоз, сарф ва наҳванд, ки ҳамаи онҳо пайванд ва иртибот бо инсон доранд; Илми мантиқ низ, ки шомили мақулаҳо ибораҳо, қиёс, бурҳон, ҷадал, софистика, хитоба ва шеър дониста мешавад, агар ба таҳқиқ ба дарунмояи он нигарем, хоҳем дарёфт, объекти асосии он низ тарзи дурусти андеша ва тамйизи ҳаққу ботил ба инсон бармегардад. Дар илми риёзӣ, ки шомили илми адад, ҳандаса, манозир, нуҷум, илм - ул - асҳол ва илм ал-ҳиял аст, агарчӣ инсон дар онҳо бевосита матраҳ ҳам набошад, вале бавосита мавриди баррасӣ қарор мегирад, зеро дар ҳамаи ин улум маърифати инсонӣ мавриди назар аст. Дар мавриди баррасии табиёт, ки фарогири улуме аз қабили манзараи табиат, манзараи олам, мавҷудият ва нобудшавӣ, чизҳои осмонӣ, маъданҳо, набототҳайвон ва нафс аст метавон ҳамбастагии инсону табиат ва инсону набототу ҳайвонот ва дараҷаҳои рушди нафсро мушоҳида намуд. Дар илми илоҳӣ ё Мобаъ ут табиа агар чи баррасии улуми илоҳист, дар он низ ҷойгоҳу дараҷаи инсонӣ низ равшан мешаванд. Илми маданӣ, ки шомили саодат ва ахлоқу рафтори инсонҳо ё ба ибораи дигар улуми ахлоқу зебоишиносӣ ва сиёсату иқтисодро фаро мегирад предмети бевоситаи онҳоро инсон ва масоили марбут ба инсон ташкил

[11] Ҳақиқат Абуррофеъ. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Техрон, 1372. С. 80.

медиҳад. Илми фиқҳ ва илми калом низ идомаи ҳамин улуманд, ки барои риояти чорчубаҳои ҳуқуқуи исомӣ ва маърифати он тақсимбандӣ шуда объекти онҳо низ метавонад инсон бошад.

Ба ин тартиб мулоҳиза метавон кард, ки Абунасри Форобӣ донишҳоро ба шеваи Арасту тақсим накардааст ва ду илми дигар яке фиқҳ  ва дигаре калом, ки аз улуми исломӣ  ба шумор меравaнд ва дар асри ӯ аҳмияти босазое доштаанд, бар онҳо биафзуд[12].

Фалсафаи Абунасри Форобӣ, ба гуфтаи  Ҳанна - ал –Фохурӣ ва Халил ал – Ҷарр, омезише аст аз ҳикмати Арасту ва навафлотунӣ, ки ранги исломӣ ба худ гирифтааст. Ӯ дар мантиқ ва табииёт арастуӣ аст, дар ахлоқу сиёсат афлотунӣ, дар мобаъд - ут- табиъа плотинӣ, пеш аз ҳама ҳакиме аст таълимоти ислом ва фалсафаро омехта дар ҳар ҳол пуштибони дини ислом аст. Ӯ дар фалсафа бунёдгузори барҷастаи як низоми фикрӣ  буд ва саросари зиндагии хешро ба тафаккур ва тааммул  гузаронд ва худро аз ошӯбҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ барканор дошт. Ӯ осори фаровоне аз худ ба ҷой гузошт. Табақабандии илмии ӯ дар таърихи  андешаи исломӣ нахустин кӯшиш аст, ки дар ин замина ба амал омадааст. [13]

Баъди тақсимоти илм аз тарафи Арасту, дар фалсафаи Шарқ Абунасри Форобӣ нахустин файласуфе буд, ки системаи тақсимоти илмии Арастуро боз ҳам такмил дод, шохаҳои он вобаста ба тараққиёти  илмҳои назарию амалӣ зиёдтар ва гуногунтар шуданд.

---

[12] Ниёзӣ Ёрмуҳамад Бобо. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо//дисертатсияи докторӣ. Душанбе, 2020
[13] Таърихи фалсафа дар ислом . Ҷ.1. Тасниф ва кӯшиши Мир Муҳаммади Шариф. Теҳрон, 1362. С. 826-643.

Ба гуфтаи Расул Ҳодизода, Абунасри Форобӣ маҷмӯи дониш ва фанҳои гуногунро на ба номи фалсафа, балки ба истилои “илм-ул-улум” зикр намудааст. Дар ин тақсимот ду нуқтаи фарққунанда нисбат ба тақсимоти Арасту мавҷуд аст. Аввал ин ки шумораи илмҳо ва гурӯҳои илмҳо назар ба тақсимоти Арасту хеле зиёд аст. Дуюм ин ки пайдоиши баъзе илмҳо мисли фиқҳу калом, бевосита ба пайдоиши Ислом ва идеологияи он вобаста аст.[14]

Дар муайян кардани мавзӯъ ва моҳияти дониши илмӣ ва хусусияти ҳар як бахшҳои илмҳо дар асрҳои миёна Абунасри Форобӣ нақши муҳим бозидааст, ки барои рушди минбаъдаи илмҳои табиӣ ва фалсафӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳақиқони осори Форобӣ муътақиданд ки меъёрҳои аслии тақсимоти илм аз ҷониби Абунасри Форобиро масъалаи маърифатшиносӣ ва ҳастишиносӣ ташкил медиҳад. Абунасри Форобӣ маълум кардааст, ки инъикоси олами беруна ба узвҳои ҳисси инсон метавонад ақлро водор созад, то маъалаҳои ҳастӣ ва маърифатро тасниф кунад. Яъне бештар илмҳои ақлӣ мавриди тақсимоти ӯ буд. Дар ҳоле ки дар замони ӯ илмҳои нақлӣ низ маъмул буданд. [15] Агар ба ҳамин муҳокима такя намоем, метавон натиҷагирӣ намуд, ки меъёр ва ҳадафи дарунмояи Форобӣ аҳ таснифоти илм инсон ва маърифати инсонӣ будааст.

Абунасри Форобӣ мушкилоти таснифоти илмро на дар як рисола, балки дар чанд рисолаҳои худ ба тарзҳои гуногун пешниҳод мекунад. Дар рисолаи “ Муқадима ба мантиқ” донишҳои илмиро аз нигоҳи шаклҳои мантиқ баррасӣ карда, ба улуми қиёсӣ (силлогизм) ва ғайри қиёсӣ тақсим месозад.

[14] Ҳодизода. Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. Душанбе: Адиб, 1988. С. 288. С.91-93
[15] Хайруллоев М.М. Форобӣ: эпоха и учение. Ташкент. 1975. С. 252. С. 197.

Дар илмҳои қиёсӣ фалсафа, диалектика (санъати баҳс), риторика ва поэтикаро ворид месозад. Дар илмҳои ғайри қиёсӣ он намуди донишҳоеро ворид месозад, ки хусусияти амалӣ доштаанд, мисли тиб, кишоварзӣ, косибӣ ва ғайра. Дар рисолаи "Китоб-ат – тафсил –ас-саодат" ҳамаи донишҳоро ба назарӣ ва амалӣ тақсим мекунад. Фалсафаро низ Ӯ ба ду бахши назариявӣ ва амалӣ ҷудо месозад.

Меъёри дигаре, ки ӯ дар тақсимоти илм истифода кардааст ва донишҳои илмиро баррасӣ намудааст, ин тақсимоти мавзӯии донишҳо мебошад. Тақсиомти мавзӯии донишҳоро Абунасри Форобӣ бештар дар рисолаи машҳури худ "Китоб фи исо ал- улум ва ат- таъриф" ё номи ихтисоршудааш "Иҳсо –ул-улум" мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Хулоса, таснифоти илм аз назари Абунасри Форобӣ бо такя ба илмҳои замони худаш воқеъият дошта, дар асоси усулҳои маърифатшиносӣ ва ҳастишиносӣ тасниф мекунад. Ҳар илм ҷанбаи муайяни ҳастиро меомӯзад, ки хусусиятҳои воқеияти реалиро ифода мекунад. Фарқияти байни илмҳо пеш аз ҳама дар мавзӯъ ва масъалаҳои мавҷуд буда матраҳ мешавад.

Фарқияти таснифоти илми Абунасри Форобӣ аз таснифоти илми Арасту дар он аст, ки таснифоти Абунасри Форобӣ бештар хусусияти динӣ дошта, дар аввали силсиламаротиби илмҳо на метафизика, балки теология гузошта шудааст. Дар таснифоти илми арастуӣ метафизика бештар масоилеро баҳс мекард, ки қонуниятҳои абстрактию умумии воқеиятро ифода мекунад, дар ҳоле ки дар метафизикаи Абунасри Форобӣ дар баробари ифода кардани қонунҳои абстрактӣ ва умумии воқеият, инчунин ба исботи вуҷудияти Худо низ мепардозад, яъне фалсафаро бо бинишҳои динӣ омезиш медиҳад.

Фарқияти дигаре, ки дар тақсимбандии Абунасри Форобӣ мавҷуд аст, илмҳо бештар дар асоси хусусиятҳои олами

объективӣ ташаккул ёфта, дар робитаи байниҳамдигарӣ қарор доранд. Таснифи Абунасри Форобӣ, ки робитаи байниҳамдигарии илмҳоро устувор нигоҳ медорад, дар ибтидо илмҳоеро асос гузоштааст, ки хусусияти таълимӣ ё педагогиро доранд. Яъне барои ворид шудан ба илм, пеш аз ҳама, аз рӯи омӯзиши забон ва мантиқ шурӯъ бояд кард. Бинoан аз ин шеваи тақсимот метавон дарёфт, ки меҳвар ва меъёри таснифоти Форобиро дар тақсими илм инсон ташкил медиҳад[16].

Таснифоти Абунасри Форобӣ дар замони худаш комилтарин таснифоти илмҳои aқлию нақлие буд, ки баъдан ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб таъсири амиқ гузоштааст. Махсусан, таснифи илми Абунасри Форобӣ барои Ибни Сино яке аз сарчашмаҳои асосии таснифоти илм ба ҳисоб мерафт.

[16] Ниёзӣ Ёрмуҳамад Бобо. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо//дисертатсияи докторӣ. Душанбе, 2020

**Нурмуҳаммад САФАРЗОДА**
*адабиётшинос*

## БОЗТОБИ УНСУРҲОИ ФАРҲАНГИ МАРДУМ ДАР ШЕЪРИ УСТОД ЛОИҚ

Фарҳанги мардум ва ё адабиёти омиёна мероси фарҳангии арзишмандест, ки аз сина ба сина ва аз насл ба насл мегузарад ва орзуву ормонҳои бадеиву зебопарастонаи мардуми одиро ифода менамояд. Ин фарҳанг ҳанӯз дар замони хеле қадим, дар давраи ташаккули афкори бадеӣ ба вуҷуд омада, дар пайвастагӣ бо раванди умумии адабӣ то ба дараҷаи як адабиёти густурда расидааст. Дар адабиёти мардумӣ муҳимтарин махсусиёти зиндагии мардумӣ инъикос гардида, тақдир, орзуву омол ва сарнавишти халқ бо забони ширину равон ифода мешавад. Аз ҳамин сабаб, муҳаққиқон омили асосӣ ва бунёдиеро, ки боиси пайдоиши ин фарҳанг мегардад, орзуву ормонҳои мардуми ранҷбар дар қолаби эҷоди бадеӣ донистаанд. Дар замони Шӯравӣ ин мафҳум бо истилоҳи “халқияти адабиёт” маълум буд ва фаҳмиши имрӯзаи фарҳанги мардумиро ифода менамуд. Мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский шояд аз аввалин муҳаққиқоне буд, ки ба мафҳуми “халқияти адабиёт” таваҷҷуҳ намуда, таъкид кардааст, ки “дар асари бадеӣ “инъикоси хусусиятҳои индивидуалӣ ва характерноки халқ, зоҳир намудани рӯҳияи ҳаёти дохилӣ ва ботинии ӯ ба ҳама тобишҳои типии он, ба ҳама хусусиятҳо ва обуранги хоси он” халқият аст”[1].

[1] Иқтибос баргирифта аз китоби: Шукуров М. Анъана, халқият ва маҳорат. - Душанбе: Нашдавлтоҷ, 1964. С.85-86.

Мутаассифона, он арзишҳое, ки ба тафаккури зебоипарастии мардуми одӣ хос мебошанд, дар адабиёти китобӣ, хосатан дар эҷодиёти шоирони гузашта камтар роҳ ёфтаанд. Зеро сиёсати замон ва пешвоёни адабиёти дарборӣ имкон намедод, ки дар марказҳои адабӣ мероси фарҳангии мардум мавриди тарғибу омӯзиш қарор дода шавад. Бо вуҷуди ин ки ташаккули фарҳанги мардум хеле дер ба амал омада буд, он барои зуҳури адабиёти китобӣ заминаҳои воқеиро ба вуҷуд овард.

Дар рӯзгори мо бархе бо нияту ҳадафҳои муайян ҳувияти миллии кишварҳои соҳибтамаддунро нишон гирифта, мехоҳанд, дар тафаккури мардум ба ҷойи фарҳанги асили миллӣ бераҳмиву бадкуниширо ба вуҷуд оваранд ва насле беоянда ва беҳувияти миллию динӣ замину замонро ба нестӣ барад. Ин қасд ва нияти бепояи ҷаҳонхоҳон ҳамеша мардумони сайёраро таҳдид мекард, хосатан дар солҳои охир зери мафҳуми “ҷаҳонишавӣ” ин ҳадаф бо либосҳои шинаму дилкаш бештар таваҷҷуҳи насли имрӯзро ба худ ҷалб карда истодааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти ин таҳдидҳо ва ҳифзи фарҳанги ҳазорсолаи ниёгон солҳои 2019 – 2021-ро “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон доштанд, то мардуми тоҷик дар замони пуртаззод ва пурихтилоф арзишҳои миллии худро омӯзад, донад ва дар ҳифзи онҳо ҳамеша омода бошад. Ин тасмимро Пешвои миллат бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ, шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ ва воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа гирифта, институтҳои илмиву таҳқиқотӣ ва умуман, қишри зиёии мамлакатро муваззаф сохтанд, ки ба масъалаҳои таҳқиқу таблиғи худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ,

пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа ҷиддӣ таваҷҷуҳ намоянд. Дар доираи Паёми соли 2019 Пешвои миллат назди ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони азиз, ки таърихи миллат барояш азиз аст, чунин масъалагузорӣ намуданд: "Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем"[2].

Чи хеле ки мебинем, барои ҳифз ва бузургдошти фарҳанги мардумӣ, пеш аз ҳама, пажӯҳиш ва омӯзиши суннатҳои он зарур мебошад, то насли оянда аз шинохти дурусти он дар канор намонад. Яке аз роҳҳои дигари ҳифзу нигаҳдошт ва тарғибу ташвиқи анъанаву суннатҳои халқӣ, ки дар фарҳанги мардумӣ мунсаҷим шудаанд, баррасии осори адибон ва фарҳангиён мебошад, зеро ағлаби онҳо аз унсурҳои фарҳанги омма баҳраҳо бурда, сатҳи эҷодии худро боло бардоштаанд ва яке аз онҳо шоири шаҳир ва дардошнои мо устод Лоиқ Шералӣ мебошад.

Устод Лоиқ аз солҳои 60-уми қарни XX сар карда, дар мақолаҳои худ анъана ва расму ойинҳои мардумро инъикос

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019. www.prezident.tj

намуда, барои эҳё ва густариши ҷашну маросимҳои миллию мардумӣ нақши муҳим бозида, дар дифоъ аз суннатҳои миллӣ алайҳи сиёсати замон ҳадафмандона қад алам намуд. Устод Лоиқ Шералӣ дар ин муборизаҳо ҳамеша дар радифи донишмандон ва эҷодкорони миллатдӯст қарор дошта, дар дифоъ аз ҳуқуқи тоҷикон, забон ва фарҳанги миллии онон кӯшишу талоши зиёд намудааст. Аз аввалин нигоштаҳои шоир бармеояд, ӯ бо тарғиби фарҳанги мардум садои эътирози худро аз нуқсон ва норасоиҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии кишвар баланд намуд. Аз ҳар мисраи сурудаҳои ӯ дарк кардан мумкин аст, ки вай на фақат дар зери таъсири фарҳанги омма буд, балки ҳар унсурҳои фарҳанги мардумро хеле дақиқ омӯхта, онҳоро аз назари эҷодӣ коркард ва бо маҳорати баланди эҷодӣ дар мавридҳои муносиб баҳри бедор намудани тафаккури миллӣ истифода намудааст. Аз мутолиаи дақиқи ашъори ӯ маълум мешавад, ки суннатҳои мардумӣ дар шеъри ӯ вобаста ба шавқу эҳсоси мардум коркарди махсус ёфтаанд, бинобар ин шеъри Лоиқ дар мусиқии мардумӣ, дар суҳбатҳои намояндагони табақаҳои гуногун ва чорабинию маъракаҳо ҳамеша ҷойгоҳи худро дошту дорад.

Устод аз таърихи пурфоҷиаи миллати тоҷик огоҳӣ дорад ва медонад, ки аз ҷабру зулм ва бедодию ранҷи Искандар, истилои бераҳмонаи араб, хунрезиҳои Чингиз, бераҳмию сарбуриҳои Темур ва Темуриён миллати "сарсон дар сарои таърих" – тоҷик аз тамоми имконоти иҷтимоию сиёсӣ маҳрум монд ва маҳз ҳамин арзишҳои мардумӣ ва забони тавонои ӯ дар арсаи таърих мавҷудияташро дар ҳар гӯшаву канори сайёра нигоҳ дошт. Устод Лоиқ аз ин бераҳмиҳои таърих ба ҳайрат меояд ва суоле ба миён мегузорад, ки ҳар як фарзанди ин миллати ҷафокашидаро ба андеша мебарад:

*Шаҳидони кафангулгуни тоҷик,*
*Замин гарқа шуда дар хуни тоҷик.*
*Магар дар арсаи таърихи золим,*
*Бувад қурбон шудан мазмуни «тоҷик»?!*

Дар ашъори шоир калимаи "тоҷик" зиёда аз 353 маротиба такрор шудааст ва дар ҳар маротиб шоир як фоҷеаи ин миллатро ёд мекунад ва хонандаи худро аз ҳаводису рӯйдодҳои хатарзо ҳушдор додан мехоҳад.

*Ҳалқа чандон танг шуд, ки оқибат,*
*Тоҷик аз тоҷик будан хаста шуд.*
*Дур шуд аз хеш чун милоди хеш,*
*Бо ҳама ворастагӣ вобаста шуд.*
*Ду абаршаҳри Аҷам зери табар шуд,*
*Ду қадамгоҳи бузургон доми дам шуд.*
*Баъд аз он гарданфарозиҳои фарҳангиву сарҳангӣ*
*Гардани тоҷик хам шуд...*

Ҳамин гуна фоҷеаҳои дирӯзу имрӯз, ки ба нестии мардуми тоҷик равона шуда буданд, Лоиқро маҷбур сохтааст, ки шохисҳои миллии кишвари азизашро дар шеър зинда кунад ва онҳоро барои ҳамеша дар қалби таърих ҷовидон созад. Шоири азиз ва ҷовидонаи мо, агар фоҷеаи миллати тоҷикро баён кунад, онро тарзе коркард мекунад, ки хонанда худро яке аз муҷримони он медонад ва ё агар яке аз суннатҳои мардумро ба ҷомаи шеър дарздӯзӣ намояд, хонанда онро боифтихор ба бар кардан мехоҳад. Лоиқ ҳаргиз ба гузаштаи миллати худ нафрат надорад ва ин ҳисси бадбиниро нисбати ниёгон дар зеҳни хонандаи худ таҳмил кардан намехоҳад. Масалан, дар шеъри "Китобони шаҳид" шоир дар симои ҳар як китобе, ки душманони миллат дар оташи қаҳру ғазабу нодонии худ даронданд, нобуд сохтанд ва сӯхтанд, ҷавонмардонеро мебинад, ки дар майдони ҳарбу зарби таърих бар алайҳи

бераҳмиҳои душманони инсоният ҷангида, бо ин ҷасорати худ мағлубнопазирии халқи тоҷикро нишон додаанд:

*Шумо ҳам аскаре будед, бас размоварӣ кардед.*
*Шумо ҳам сафдаре будед, алҳақ сафдарӣ кардед.*
*Шумо бо ақлҳои тира ҷангидед,*
*Шумо бо магзҳои хира ҷангидед,*
*Шумо бо зуъми кӯрони замони хеш,*
*Шумо бо бугзу ноинсофии хонандагони хеш ,*
*Чи ҷанги беамон кардед, к-охир қаҳрамон мурдед.*
*Кунун ман аз замону аз ҳақиқат як талаб дорам,*
*Ки аз баҳри шумо ҳам ҳайкале созанд*
*Ба сони ҳайкале бар ёдгори аскари гумном,*
*Ва тарҳи ӯ чунин бошад:*
*Китоби даргирифта дар сари дасте,*
*Зи ҳар сафҳа шароре барҷаҳад ҷовид,*
*Шароре барҷаҳад то хонаи хуршед...*
*Шумо ҳам баски машъал будаед андар замони хеш,*
*Ки бо нури шумо меҷуст инсоне ҷаҳони хеш...*

Аз мутолиаи дақиқ ва амиқи ашъори ӯ бармеояд, ки шоир зимни офаридани маъниҳои тозаи шоирона ва эҷоди саҳнаҳои ҷолиби зиндагӣ дар шеъраш коркардҳои махсус ёфтааст, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз: зиндагии шоир ва ҳасби ҳоли мардум, мазмунҳои иҷтимоӣ, бузургдошти модар, тасвири баъзе саҳнаҳои ишқу ошиқӣ, вусъатбахшии дунёи тахайюл, тасвир ва образофарӣ ва амсоли инҳо.

Шеъри Лоиқ ин зиндагиномаи худи ӯст. Агар ба рӯзгори ӯ таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки шоир бисёр мазмунҳои нодирро аз зиндагии мардум, ки бо худи ӯ бархӯрд шудааст, баргирифтааст. Танҳо шоири азизи миллат ҷойгоҳи истифодаи ҳар унсури мардумиро пайдо карда, онро бо

"тешаи хаёл" коркард карда, дар пайкари шеъри худ ҷой додааст.

Модар ва бузургдошти он яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти Лоиқ Шералӣ мебошад. Дар зери мафҳуми вожаи "модар" шоир тамоми расму ойини рӯзгори тоҷиконаро дар доираи тасвирҳои воқеӣ ва дилкаш ғунҷондааст. Ҳамзамон шоир зимни тасвири симои модар маъниҳое дарёфтааст, ки бузургиву фидокориҳои модари тоҷикро таҷассум менамоянд.

*Як асо бори ғами пирит натвонад кашид,*
*Эй сабурият фузун аз сангу сандон, модарам,*
*Сӯи лаб нобурда, нон аз дасти ларзонат фитад,*
*Боз ҳастӣ бо аҷал дасту гиребон, модарам...*

Шоир дар эҳтиром ва бузургдошти падар низ мехоҳад ҷавонмардии гузаштагонамонро ба тасвир кашида, аз ойинҳое, ки дар байни тоҷикон маъмул буд, ёд кунад ва онҳоро дар симои падари худ ба ҷилва дароварад:

*Падарам, эй падари деҳқонам,*
*Ту ҳамехостӣ деҳқон бошам.*
*Наравам як қадам аз деҳ берун,*
*Бандаи мазҳабу имон бошам.*

*Ту ҳамехостӣ Қуръон хонам,*
*Ки аз ӯ маърифате боло нест.*
*Ту ҳамехостӣ мулло бошам,*
*Баски дар деҳкада як мулло нест.*

*Ту ҳамехостӣ, ки ҳамраҳи ту*
*Тухм пошам ба заминҳои куҳан.*
*Даравам гандуму хирман кӯбам,*
*Давр гардам чу ту гирди хирман.*

Рӯзгори кӯдакии мо дар домони модар ва дар гоҳвора бо дасту пойи баста сар мешавад ва дар байни мардуми тоҷик маъракаи гаҳворачунбон хеле маълум мебошад. Занони

куҳансоли диёр бар сари гоҳвора ҷамъ меоянд ва бо дуову ниёиш ба рӯзгори гаҳворагии тифл ҳусни оғоз мебахшанд. Устод Лоиқ ба ин анъанаи неки мардумӣ таваҷҷуҳи хос дорад ва аз он маъниҳои тозаеро коркард намуда, дар чашми хонандаи шеъри худ саҳнаҳои пурҳикматеро ба намоиш мегузорад:

*Чу аз модар ба дунё омадам ман,*
*Маро дар гоҳвора баста буданд.*
*Сари гаҳвораам биншаста ёрон,*
*Бароям номи лоиқ ҷуста буданд.*

*Ду дасту пои ман муҳкам бубастанд,*
*Ки донам қадри дасту пои озод.*
*Дилам мисли асир озодӣ ҷӯяд,*
*Биҷӯяд дар ҷаҳон паҳнои обод.*

*Маро дар гоҳвора баста буданд,*
*Ки аз баҳри халосӣ ёбам имкон,*
*Ки то дар ҷунбиши гаҳвораи хеш*
*Барои худ шавам тақдирҷунбон.*

*Маро дар гоҳвора баста буданд,*
*Ки қадри хонаободӣ бидонам.*
*Кушоям худ гиреҳ аз мушкили худ,*
*Зи хурдӣ қадри озодӣ бидонам.*

Соли 2000 Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар дар бораи устод Лоиқ тадқиқоти пуразишеро таҳти унвони "Лоиқе чун Лоиқе"[3] анҷом дода, аҳамияти силсилаи "Модарнома"-и шоирро дар инъикоси равшани суннату ойинҳои мардумӣ

[3] Номи тадқиқоти Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар аз як шеъри худи устод Лоиқ гирифта шудааст. Бо сабабҳои номаълум бархе ифодаи "Лоиқе чун Лоиқе"–ро бемантиқ қаламдод мекунанд. Дар ҳоле ки ин рисола аз назари устод Лоиқ гузашта, барои чопаш ризоият дода буданд.

донистааст: "Лоиқ он мушаххасотеро, ки ҳангоми эҷоди шеъри "Ба модарам" истифода кард ва басаропойи қаҳрамони лирикиаш пироҳани хоси миллӣ пӯшонид, дар шеърҳои ошиқиаш ба кор бурд ва миллияти сурудаҳои худро ба маротиб афзуд"[4]. Ин баҳои шоирро месазад ба ҳар шеъри силсилаи "Модарнома" нисбат дод, зеро дар ҳар як шеъри ба модар бахшидааш шоир тавонистааст, як ё якчанд ойини мардумӣ ва ё арзишҳои миллиро дар либоси бадеият ба ҷилва биоварад.

Баччагӣ айёми хеле дилангез ва зебои умри инсон аст. Шоир дар шеъри "Баччагӣ", ки ба бародараш Шариф бахшида шудааст, беҳтарин лаҳзаҳои ин даврони бебозгашт ва беғамиро ба риштаи тасвир мекашад. Дар ин ҷо шоир бештар аз рафтани умри одам ба афсӯсу дареғ ёд мекунад ва ба ин васила таваҷҷуҳи хонандаро ба суннатҳои мардумӣ, ки ба ин даврон иртибот доранд, ҷалб месозад ва дар онҳо ҳикмату маънии тозаро мепӯшонад. Ба ёди шоир "суруди яккафарёд"-е, ки "шабонгоҳии хирманкӯб" мардуми кӯҳистон мехонданд, меояд ва воқеоти ин айёмро дар дили ӯ бедор менамояд. Вале ҳама ин баробари умри гузарон аз дасти одам меравад ва ин рафтанҳоро шоир бо ин байт хеле ҷолиб ҷамъбаст менамояд:

*Дарего, баччагӣ ҳамчун гули каҳ бод шуд, тай шуд,*
*Аз он хирман мани дунёнадида мисли дон мондам.*

Дар ин ҷо шоир "бачагӣ"-ро ба "гули каҳ" ташбеҳ медиҳад, ки аз бозёфтҳои шоиронаи Лоиқ мебошад. Агар шоир, аз як ҷониб, давраи хирманкӯбии мардуми тоҷикро пеши назар оварад, аз ҷониби дигар, онро аз ҷумлаи ташвишҳои даврони бачагии худ қаламдод мекунад.

Дар ин рӯзгори заҳмату меҳнат дар хаёли шоир саҳнаи дигар намоён мешавад, ки духтари даравгари кӯҳистонӣ

[4] Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе.- Душанбе: Сурушан, 2000. С.20.

суруди нолаомезе бар лаб баҳори умрашро мегузаронад. Дар тасвири ин манзара ҳам таваҷҷуҳи шоирро “мухраи мор” ва “рӯмоли шоҳӣ” ба худ ҷалб менамояд, ки ҳар яки онҳоро метавон аз унсурҳои фарҳанги мардумӣ донист:

*Суруди нолаомези даравгардухтареро ёд меорам,*
*Ба гардан муҳраи мору ба сар рӯмоли шоҳӣ дошт.*
*Ду рухсори сафедаш сӯхта аз гармии хуршед,*
*Нигоҳи шармгине, пурсукуте, бепаноҳе дошт.*

Шоир ба хотири он ки ин рафтанҳоро ҷуброн намояд, боз мехоҳад чун кӯдаке ба дунёи баччагӣ баргардад ва дар оғӯши ин дунёи зебову нотакрор суннатҳои мардумиро зинда созад ва ба умри худ ва ҳамсолонаш маънии тоза бахшад:

*...Вале якумр мехоҳам бад-ин сон зиндагӣ кардан:*
*Баҳорон бойчечак чида овардан ба ҳар як хона яктоӣ,*
*Ки то аз дасти ман бинанд рӯи навбаҳоронро,*
*Гули дидори он зебоарӯси рӯзгоронро.*

*Дигар давлат намехоҳам аз ин дунёи пурсавдо,*
*Тамоми умр мехоҳам бад-ин сон зиндагӣ кардан,*
*Тамоми умр кӯдак будану тифлона хандидан,*
*Зи огози баҳори зиндагӣ пайгом овардан...*

Дар шеъри муосири тоҷик чунин тарзи тасвир ва аз ҳар як ҷузъиёти фарҳанги мардумӣ маъниҳо бардоштан назир надорад ва бо боварӣ метавон гуфт, ки истеъдод ва маҳорати баланди суханварӣ танҳо ба Лоиқ даст додааст, ки чунин лаҳзаҳои зебои зиндагии мардумро бо диди тоза нигарад ва дар онҳо даврони гузаштаи мардумро зебову дилнишин ба ҷилва дароварад.

Лоиқ на фақат ба суннатҳои мардумӣ назари нек дорад, ҳамчунин баъзе расму одати мардуми кӯҳистонро айнан дар либоси шеър ороста мегардонад, то худи хонанда аз он саҳнаи ҷолиб маъние пайдо намояд. Масалан, дар шеъри “Ду

масчоҳӣ дар овринг" шоир лаҳзаеро пеши назари хонанда меоварад, ки дар тангроҳи кӯҳистон ду масчоҳӣ бо маркабҳои пурбори худ рӯ ба рӯ меоянд. Дар ин роҳҳои тангу торик бояд яке аз мусофирон роҳро барои мусофири дигар озод кунад. Мувофиқи расму одоти мардуми ин диёр, он маркаб бо соҳиби худ роҳ меёбад, ки бораш бақадртар бошад. Саҳнаи хеле ҷолиб ва ҳадаф аз бархӯрди ду соҳибмаркаб тарғиби ҳимматбаландӣ ва ҷавонмардии мардуми кӯҳистон мебошад, ки бидуни ҷангу гиребондарронӣ ба якдигар эҳтиром мегузоштанд. Бо вуҷуди ин шоир дар мақтаи шеъри мазкур хонандаро водор месозад, ки дар сари рафтори ин мусофирони кӯҳистонӣ андеша намояд ва хулосабарорӣ кунад:

*Қазоро рӯзи равшан ё намози шом*
*Агар дар овринге нобаҳангом*
*Ду масчоҳӣ*
*Зи дунболи ду маркаб –*
*Маркаби пурбор бо ҳам рӯ ба рӯ меомаданд,*
*Агар имкони вопас рафтани маркаб намебуд,*
*Хару бори касе беқадртар бошад,*
*ба ҷанҷоле наарзад,*
*Ба дарё, ё ба варта мефиканданд*
*аз сари мардӣ,*
*Ки то бору хари боқадртар осон гузар созад...*
*Чӣ ҳикмат дорад ин ҳиммат? Нафаҳмидед?...*

Дар ашъори Лоиқ истифодаи зарбулмасалу мақол бисёр ба назар мерасад. Зарбулмасалу мақол ва ибораҳои маҷозӣ хазинаи бузурги фарҳанги мардумӣ буда, шоирону нависандагон онҳоро барои пурobуранг ва таъсирбахш ифода ёфтани сухан истифода мебаранд. Бояд қайд намуд, ки истифодаи ин воҳидҳои забонӣ аз эҷодкор маҳорати хеле баланди эҷодиро тақозо мекунанд. Яке аз воситаҳои эъҷози

ҳунари шоир ин, пеш аз ҳама, дар мавриди муносиб истифодаи зарбулмасалу мақол ва ибораҳои маҷозӣ ба ҳисоб меравад. Лоиқ Шералӣ ин воситаҳои муассири суханро дар шеъри худ хеле фаровон истифода менамояд.

Масалан, дар ин рубоӣ шоир ифодаи "**гилеми худро аз об кашидан**", яъне *аз уҳдаи зиндагии худ баромадан ва* "**гилем шудан**", яъне соҳибном шуданро хеле устодона истифода менамояд:

*Ҳар дам ба рӯи бори ман сарбор мезананд,*
*Доғи дигар ба синаи афгор мезананд.*
*Гуфтам, **гилеми хешро берун кашам зи об**,*
***Лоиқ гилем шуд**, ки ба девор мезананд.*

Ин ифодаро шоир дар байти зер низ овардааст:

*Фиреби дунё, гироми дилҳо битохт бар мо чу сели кӯҳҳо,*
*Гилеми худро кашидан аз об на ту тавонӣ, на ман тавонам.*

Чунин ба назар мерасад, ки мисраи дуюми байти мазкур бофтаи худи шоир мебошад, ки маънои ба ҳам наомадан ё ба муросо наомадани ду нафарро хеле хуб ифода кардааст:

*Дигар ту маро дар лаби он ҷӯй маҷӯй,*
*Оби ману ту намеравад дар як ҷӯй.*

Шоир гоҳо баъзе маҷолҳоро бо каме тағйирот кор фармудааст. Масалан, ифодаи "ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад"-ро шоир бо каме тағйирот овардааст:

*Санҷидаву дидем, басо таҷриба кардем,*
*Ҳам лаъл ба каф н-омаду ҳам ёр биранҷид.*

Зарбулмасали "хомӯшӣ тиллост" дар байни мардум хеле маълум аст ва шоир онро ба тариқи зер овардааст:

*Қадри тиллоро физоянд аз замин то осмон,*
*Хомушӣ тиллост, ин тилло чаро қимат нашуд?*

Дар ин ҷо якчанд байтҳоеро меорем, ки шоир дар онҳо зарбулмасалу мақол ва ифодаҳои маҷозиро хеле бо маҳорати баланди эҷодӣ дар пайкари шеъри худ ғунҷондааст:

***доғи фарзанд-****ғаму андӯҳ*

*Нахурда мевае аз боғи фарзанд,*

*Намирад бандае аз* ***доғи фарзанд.***

***аз ҳар саг устухоне қарздор будан-*** *қарздори зиёд будан*

*Худовандо, чӣ ҳолу рӯз дорам,*

*Ки сутхоне зи ҳар саг қарздорам.*

***хашм фурӯ бурдан****-ғазабнок нашудан*

*Хашми фурӯхӯрдаам қуббаи хокам шавад,*

*Оташи бетобиям сардии гӯри ман аст.*

***сарам ба осмон расидан-*** *беҳад хурсанд шудан*

*Ту омадӣ, зи шодиям, сарам ба осмон расид,*

*Сарам ба осмон расид, лабам ба он лабон расид.*

***даҳ панҷа ҳунар****- ҳунарманд будан*

*Мо ду бародарем, зи покизагавҳарем,*

*Даҳ панҷамон ҳунар, ки чунин даст бар сарем.*

***аз мӯй мадад ҷӯстан****- ноилоҷ мондан*

*Гаҳе занҷир бигсастам, гаҳе дар мӯй дар мондам,*

*Гаҳе аз мӯ мадад ҷустам, чу ҳукми рӯзгорам буд.*

***навбат дар осиё –*** *давр ё замони касе фаро расидан*

*Навбатат гар омада дар осиё, навбат бирон,*

*Лек исёну ғурури осиёнро гум макун.*

***устухон орд шудан–*** *таҷриба пайдо кардан, азоб кашидан*

*Осмон, дар оси ту бас устухонам орд шуд,*

*Ҳаққи навбат деҳ даме бо ишқи ҷонфарсо маро.*

***Мукофоти амал–*** *натиҷаи кору рафтори касе*

*Мукофоти амал меҷӯӣ ҳар ҷое, ки по монӣ,*

*Вале дар ҳар қадам марги муфоҷоро намедонӣ.*

Лоиқ калимаю ибораҳоеро истифода менамояд, ки дар шеъри муосири тоҷик истифодаи онҳо қариб ба назар

намерасид. Ба назар мерасад, ки шояд аҳли сухан барои истифодаи воҳидҳои забонӣ аз ҳисоби забони мардум ё ҷуръат надоштанд ва ё аз ин "хазинаи беинтиҳои халқ" бехабар мондаанд. Дар шеъри Лоиқ калимаю ибораҳо бо ду тарз -- ё ба тарзи тайёр ва ё бо роҳи истифодаи қолабҳои калимасозӣ истифода шудаанд. Масалан, шоир дар шеъри имрӯз шояд аввалин бор калимаи "оҳу" ба маънии *гуноҳ* ва "беоҳу"-ро ба маънии *бегуноҳ* истифода намуда, ин калимаи дар фарҳанги мардум нуҳуфтаро дар забони имрӯз зинда гардондааст:

*Эй рӯи ту рӯи ишқ, бар ман рӯ кун,*
*Оҳунигаҳо, маро ту беоҳу кун.*
*То хонаи гӯр рафтанам, бар хона-т*
*Як бори дигар ишорати абрӯ кун.*

Лоиқ калимаҳои суғдии "*дварванд*"-ро ба маънои "*дар*" аз забони яғнобӣ пайдо намуда, дар шеъри хед хеле моҳирона истифода намудааст:

*Шод гаштам, ки зи нав зиндагӣ огоз шавад,*
*Мардумат мисли сари қулла сарафроз шавад.*
*Шод гаштам чу ҷигарбанди саодатхоҳат,*
*Ки дварванди ту бар рӯи ҷаҳон боз шавад.*

Калимаи "талвоса" дар забони мардум ба маънии изтироб, ноороми ва беқарорӣ хеле маъмул буда, аммо дар забони адабӣ шояд камтар роиҷ бошад. Устод Лоиқ ин калимаро дар мавриди мувофиқ истифода намудааст:

*Шаборӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд,*
*Ба ҷони одамон талвосаи шабгир меояд.*

Шоир калимаи "тир"-ро ба маънии насиба ва қисмат кор фармудааст:

*Садои тир меояд, ки тири халқ коҳидаст,*
*Садои тир меояд, ки фардо дер меояд.*

Муаллифи Суруди миллии Тоҷикистон Гулназар барҳақ қайд менамояд, ки "Ибораҳое, ки ... шоирони мо фаромӯш

карда буданд, Лоиқ ба ёд овард, дар шеъраш зинда кард ва баъд дар шеъри ҳамсолону ҳамроҳон борҳо такрор шуд ва то имрӯз такрор мешавад ва ҳатто намедонем, ки онҳоро аввалин бор Лоиқ истифода кардааст”[5].

Устод Лоиқ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ хеле дилшикаста ва аз рафтору кирдори баъзе ҳаммеҳанони худ дилмонда шуд ва дар эҷодиёти ӯ ҷойи ифтихор ва сарфарозиҳоро дарду ҳасрат ва ноумедиҳо фаро гирифт. Дар шеъри “Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам” шоир аз чунин ранг гирифтани зиндагии пурфоҷеаи мардуми тоҷик ба ҳайрат омадааст:

*Ҷон ба қурбони ту , эй меҳани хунинкафанам,*
*Буди байтушшарафам, гаштаӣ байтулҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,*
*Тани танҳо ба чӣ нерӯ сафи аъдо шиканам...*
*Тоҷик андар ватани хеш чаро муттаҳам аст,*
*Ё хато рафта ба тоҷик таваллуд шуданам.*

Замоне ки созишномаи сулҳ миёни тоҷикон имзо шуд, аз нав умеду орзуи шоир зинда гардид ва аз сатрҳои манзуми устод Лоиқ оҳанги яъсу ноумедӣ барканор шуда, тараннуми сулҳу амният аҳамияти бештар пайдо кард. Шоири маҳбуби тоҷик Лоиқ Шералӣ аввалин шуда, “сулҳи деринтизор”-ро пазируфт ва бо эҳтирому самимият онро ба тамоми мардуми тоҷик муборакбод гуфт:

*...Бародарвор роҳи нурро ҷустанд,*
*Ки фардоро раҳонанд аз шаби торик.*
*Кунун огози сулҳ асту рафоҳи халқ,*
*Бувад ояндаи пурнурамон наздик!*
*Ба ин азми қавию аҳди мардона*
*Имоми ду тарафро мекунам табрик.*

---

[5] Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе.-Душанбе:«Сурушан», 2000. С. 23.

*Имоми ду тарафро мекунам табрик,*
*Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!*

Ҳамин тариқ, коркард ва бозтоби унсурҳои фарҳанги мардумӣ ба устод Лоиқ Шералӣ имкон додааст, ки расму русум ва ахлоқу одоти мардуми худро беҳтар донад ва онҳоро дар мавридҳои муносиб дар шеъри худ ҷой бидиҳад. Ӯ ҳар як ҷузъиёти суннатҳои мардумиро аввал омӯхта, онро бо тарзу усулҳои густурда дар шеъри худ ба кор гирифтааст. Дар навбати худ, шоир бо ин ибтикороти худ ба унсурҳои фарҳанги мардуми тоҷик арзиши баланди бадеӣ дода, онро дар шеъри муосир ба сатҳи як анъанаи адабӣ расонидааст.

Шоир дар баёни ормонҳояш рӯ ба арзишҳои маънавии мардум меорад ва бо мадади онҳо ба олами ботинии худ ворид мешавад, дар ҳасрати зиндагии гузаштаи худ месӯзад, ба дунёи пурфоҷеаи таърихи мардум рӯ ба рӯ меояд, дар сари ҳар "китоби шаҳид" ва "аскари гумном" модарвор гиряву шеван мекунад. Ба ин тартиб, устод Лоиқ Шералӣ тавонистааст, мушаххасоти фарҳанги мардумро хеле хуб омӯхта, онро бо як маҳорати баланд дар шеъри муосир ҷо дода, чун таҷрибаи наҷиб ва иқдоми шоиста ба наслҳои минбаъда мерос гузорад.

**Пирмаҳмад НУРОВ**
*ходими пешбари илмии Маркази*
*рушди инноватсионии илм*
*ва технологияҳои нави АМИТ*

## ҲАМБАСТАГИИ ИЛМ, ТЕХНОЛОГИЯ ВА ИННОВАТСИЯ

Пешбурди фаъолияти илмию технологӣ ва фаъолияти инноватсионӣ шарти зарурии рушди равандҳои инноватсионӣ дар ҳар як давлати рушдкарда ва рушдкунанда мебошад. Фаъолияти илмию технологӣ ба тавлид, рушд, густариш ва татбиқи донишҳои илмию техникӣ дар иқтисодиёт, аз ҷумла истеҳсолот вобаста мебошад. Он таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар ин самт ва хизматрасониҳои илмию техникиро фаро мегирад.

Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ фаъолияти эҷодӣ мебошанд ва мақсади онҳо афзун гардонидани ҳаҷми донишҳо оид ба инсон, табиат, ҷамъият, ҷустуҷӯйи роҳҳои татбиқи онҳо мебошад. Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ таҳқиқоти бунёдӣ (фундаменталӣ), таҳқиқоти амалӣ ва коркардҳоро дар бар мегиранд.

Таҳқиқоти илмии бунёдӣ аз таҳқиқоти таҷрибавӣ ё назариявӣ иборат буда, мақсад аз анҷом додани онҳо  кашфи алоқаҳои нав байни ҳодисаҳо, донистани қонунияти рушди табиат ва ҷамъият новобаста ба истифодаи мушаххаси онҳо мебошад. Таҳқиқоти бунёдӣ дар самти инноватсия марҳилаи якуми раванди ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани техника (технологияҳо)-и нав дар асоси донишҳои нави илмӣ ва қонуниятҳои навошкоргардида ба ҳисоб меравад.

Дар қиёс бо таҳқиқоти илмии бунёдӣ, таҳқиқоти илмии амалӣ ба дарёфти натиҷаҳои амалӣ ва ҳалли масъалаҳои

мушаххас равона карда шудааст. Таҳқиқоти илмии амалӣ марҳилаи дуюми раванди ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани техникаю технологияҳои нав мебошад.

Коркардҳои илмӣ корҳое мебошанд, ки барои ба вуҷуд овардани маҳсулот, маводу таҷҳизоти нав, татбиқи равандҳои нав, технологияҳо ва хизматрасониҳо ё такмилдиҳии молу маҳсулот ва таҷҳизоти кайҳо истеҳсолшуда ва ё татбиқгардида равона карда шудаанд.

Технология дар маънии одӣ маҷмуи қоидаҳо ва тарзҳои сохтан ва татбиқи техника ва табдил додани моддаҳои табиӣ ба маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар маънии васеъ бошад, он татбиқи донишҳои илмиро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ифода мекунад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ аз корҳои таҷрибавию конструкторӣ, корҳои лоиҳавӣ, корҳои технологӣ, ба вуҷуд овардани намунаҳои таҷрибавӣ ва анҷом додани озмоишҳо иборат аст.

Корҳои таҷрибавию конструкторӣ ба татбиқи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ барои сохтан (ё такмил додан)-и намунаҳои техника, мавод ва технологияи нав равона карда шудаанд. Онҳо марҳилаи анҷомёфтаи таҳқиқоти илмӣ, гузариши хос аз шароити озмоишгоҳӣ ва истеҳсолоти таҷрибавӣ ба истеҳсолоти саноатӣ мебошанд. Ба ин корҳо мансубанд:

-коркарди конструксияи муайяни объекти муҳандисӣ ва ё системаи техникӣ (корҳои конструкторӣ);

-коркарди ғояҳо ва гунаҳои объекти нав;

-коркарди равандҳои технологӣ, яъне, тарзҳои муттаҳидкунии равандҳои физикӣ, химиявӣ, технологӣ ва ғайра бо равандҳои меҳнатӣ ҳамчун системаи комил.

Мақсад аз анҷом додани корҳои таҷрибавию конструкторӣ ин сохтан (такмилдиҳӣ)-и намунаҳои маснуоти наве мебошад,

ки онҳоро пас аз озмоиши дахлдор ба истеҳсолоти силсилавӣ ва ё бевосита ба истеъмолкунанда супоридан мумкин аст. Дар ин марҳила санҷиши ниҳоии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ гузаронида шуда, асноди дахлдори техникӣ таҳия мегардад, намунаҳои маснуоти нав сохтаю озмоиш карда мешаванд.

Мафҳуми «инноватсия» маънии навигарӣ ва навҷорикуниҳоро дар соҳаи техника, технология, ташкили меҳнат ва идора, ки ба истифодаи дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешрафта асос ёфтааст, ҳамчунин истифодаи ин навигариҳоро дар соҳаҳо ва самтҳои гуногуни фаъолият дорад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ба маънии «инноватсия» объекти дар истеҳсолот дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ё кашфиёти нав татбиқшуда фаҳмида мешавад, ки он аз намунаи мавҷуда сифатан фарқ мекунад. Зимнан ин объект на танҳо дар истеҳсолот татбиқшуда, балки даромадоваранда низ мебошад.

Фаъолияти инноватсионӣ бошад, фаъолияте мебошад, ки ба истифодаи амалии натиҷаи илмӣ, илмӣ-технологӣ ва нерӯи зеҳнӣ бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти истеҳсолшавандаи нав ва ё хеле беҳтаргардида, технологияҳои истеҳсоли ин гуна маҳсулот ва қонеъ гардонидани талаботи пардохтқобилии истеъмолкунандагон дар молу хизматрасониҳои баландсифат, такмили хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.Таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои илмӣ ҳамчун манбаи ғояҳои нав дар марҳилаҳои раванди инноватсионӣ амалӣ карда мешаванд.

Натиҷаи асосии ин фаъолият ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо дар технологияҳои нав ва ё маҳсулоти нави тавассути ин технологияҳо истеҳсолшуда мебошад. Навъҳои нави технология ва ё маҳсулоти нав навсозӣ ё навгониҳое мебошанд, ки самараи иҷтимоию иқтисодииро танҳо пас аз ёфтани татбиқи амалӣ,

яъне дастрас кардан ба истеъмолкунанда ва табдил шудан ба инноватсияҳо таъмин менамоянд. Мисолҳои хоси навгониҳо намунаҳои нави технологияҳо барои истеҳсоли маҳсулот ва ё намунаҳои таҷрибавии маҳсулоти нав барои ба роҳ мондани истеҳсоли минбаъдаи силсилавии онҳо мебошанд. Инноватсия бошад, натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки фаъолияти сегонаи; а) илмию технологӣ (ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва навсозиҳои технологӣ); б) истеҳсолӣ (ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави тайёр ба истеъмол); в) тиҷоратӣ (фӯрухтани маҳсулоти истеҳсолшуда, яъне, то истеъмолкунанда дастрас намудани он)- ро дар бар мегирад. Ҳамбастагии муайян байни фаъолияти инноватсионӣ ва рушди илмию технологӣ мавҷуд аст. Аз як тараф, рушди илмию технологӣ бе рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки ҳоло шарти зарурӣ ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад, имкон надорад. Суръатгирӣ ва натиҷаҳои басифати фаъолияти инноватсиониро суръат ва сатҳи рушди илмию технологӣ муайян мекунад. Аз тарафи дигар, натиҷаҳои рушди илмию технологӣ рушди фаъолияти инноватсиониро, ки ба дастовардҳои илм ва технология такя мекунад, такон мебахшад. Дар ин маврид донишҳои нави илмию технологӣ манбаи ғояҳои инноватсионӣ мебошанд.

Раванди инноватсионӣ раванде мебошад, ки тамоми фаъолияти илмию техникӣ, истеҳсолотӣ, маркетингии истеҳсолкунандагонро фаро гирифта, дар ниҳоят ба қонеъ гардонидани талаботи бозор равона карда мешавад. Ба гуфти дигар ин раванди ба инноватсия табдил додани дониши илмӣ мебошад, ки онро ҳамчун занҷираи пайдарпайи таҳқиқоти илмӣ (бунёдӣ ва амалӣ) - коркардҳои илмӣ – технология – истеҳсолот -маҳсулот (ё хизматрасонӣ) тасвир кардан мумкин аст. Яъне, дар рафти ин ҳодисаҳо инноватсия аз ғоя то маҳсули мушаххас, технологияҳо ва ё хизматрасониҳо мерасад ва

зимни истифодаи амалӣ густариш меёбад. Дар умум раванди инноватсионӣ ба даст овардан ва тиҷоратӣ кардани ихтироот, технологияҳои нав, намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо, ҳалҳои хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, маъмуридошта ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар раванди инноватсионӣ ғояҳои илмӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ табдил меёбанд. Ин раванд марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

Марҳилаи якум - анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ; дар ин марҳила донишҳои нави илмӣ ба даст оварда мешаванд.

Марҳилаи дуюм – анҷом додани корҳои илмии таҷрибавӣ аст, ки ба муайян кардани тарзҳои татбиқи натиҷаҳои назариявӣ дар дастгоҳҳои техникӣ равона карда шудаанд; дар ин марҳила консепсияи маҳсулот, технология ё хизматрасонии нав ба вуҷуд оварда мешавад.

Марҳилаи сеюм - анҷом додани коркардҳои илмӣ аст; дар ин марҳила талаботи бозор ба ин гунаи маҳсул омӯхта шуда, корҳои таҷрибавию конструкторӣ анҷом дода мешаванд ва намунаи таҷрибавии маҳсулот ё технологияи нав сохта мешавад.

Дар марҳилаи чаҳорум намунаҳои маҳсулоти нав сохта мешавад.

Дар марҳилаи панҷум маҳсулот ё технология дар шароити бозорӣ бо мақсади муайян кардани сатҳи қонеъгардонии истеъмолкунандагон, сатҳи ҷоизи нархҳо, коркард шудани усулҳои густариши мол, усулҳои ташкил кардани реклама озмоиш карда мешавад.

Дар марҳилаи шашум истеҳсоли тиҷоратии маҳсулот ё технология ба роҳ монда шуда, маҳсулоти инноватсионӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва пас аз фурӯхта шудани онҳо истеҳсолкунанда даромад ба даст меорад.

**Фаридун ИСМОИЛОВ**
*ходими илмии шуъбаи фолклори*
*Институти забон ва адабиёти*
*ба номи Рӯдакии АМИТ*

# БОЗТОБИ ЧЕҲРАҲОИ АСОТИРӢ ДАР АШЪОРИ УСТОД РӮДАКӢ

Дар осори пурарзиши устоди шоирони Аҷам, поягузори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чехраҳои асотирӣ, фолклорӣ, таърихиву фарҳангӣ бо корномаву шахсияти онҳо бозтоб шудаанд. Маликушуаро Рӯдакӣ ҳамчун шоири тавонову донишманди нотакрор аз таърихи гузашта ва махсусан, аз чеҳраҳои мондагори қаҳрамониву паҳлавонии фолклориву асотирии бостонии ориёиву сомӣ огоҳӣ доштааст. Дар ашъори ӯ ҳама гуна ёдгориҳои таърихиву асотирӣ, бахусус, ҷойҳои таърихӣ, ёдгориҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, чеҳраҳои таърихӣ, симоҳои асотирӣ - афсонавӣ, унсурҳои асотирии тахайюлӣ, зикри номи ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Устод Рӯдакӣ дар осори хеш образҳои фолклориву таърихии Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро (Хусрави Парвиз), Рустам, Сифандиёр (Исфандёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхоро истифода намудааст ва чунин ишороти шоир гувоҳ бар онанд, ки таърихияти шеъри ӯ ниҳоят дар пояи баланд аст. Мо дар ин мақола чехраҳои қаҳрамониву паҳлавонӣ, таҷассуми ишқи поки онҳо ва бозтоби он дар шеъри Абуабдулло Рӯдакиро баррасӣ менамоем.

Дар илми бадеъ санъате, ки дар он роҷеъ ба истифодаи симоҳо ва воқеоти таърихӣ, тахайюливу асотирӣ ва ҷойҳои ҷуғрофӣ маълумот дода мешавад «талмеҳ» ном дорад. Дар ин

мавриД донишманди каломи бадеъ Тӯрақул Зеҳнӣ дар асари худ «Санъати сухан» (1967) менависад: «Дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ҳоказо санъати талмеҳ номида мешавад» [3, 301].

Санъати талмеҳ, ки дар он шоир роҷеъ ба воқеот, шахсиятҳои таърихиву асотирӣ ишорат мекунад, дар шеъри устод Рӯдакӣ низ ба таври густурда истифода шудааст. Донишманди эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар асари тадқиқотии хеш «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» андешаҳои ҷолиброро роҷеъ ба истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри Рӯдакӣ зикр намудааст: «Дар сувари хаёли ӯ (яъне Рӯдакӣ - Ф.И.) нишонаҳои фарҳанги зардуштӣ ба хубӣ маҳсус аст. Ё беҳтар аст бигӯем дар сувари хаёли ӯ аносури Эрони қадим беш аз аносури исломӣ ва арабист ва бештар шеърҳое, ки мансуб бад-ӯст ва дар онҳо сухан аз фарҳанги арабӣ ва сомӣ аст, шеърҳое аст, ки аз ӯ нест. Аз қабили: «Юсуфрӯе к-аз ӯ фиғон кард дилам» ё ин ки «Дилаш аз карашмаи Салмо чун хотири Маҷнун», ки мусаллам аз ӯ нест ва аз Қатрони Табрезист» [9, 414-423].

Аз иқтибоси боло бармеояд, ки Шафеии Кадканӣ бархе аз чеҳраҳои асотириро, ки аз фарҳанги сомӣ (арабӣ) баромаданду дар ашъори устод Рӯдакӣ номашон ба назар мерасад, бе ҳеҷ далел ба Рӯдакӣ мансуб будани он мисраъҳоро рад намуда, аксарияти чунин ашъорро мансуб ба Қатрони Табрезӣ мепиндорад. Албатта, ба ин ақида чандон розӣ наметавон шуд, зеро ҳарчанд чеҳраҳои фарҳанги зардуштӣ дар ашъори Рӯдакӣ ба таври густарда истифода шуда бошанд ҳам, шоир тавонистааст, аз симоҳои барҷастаи адабиёт ва фарҳанги арабӣ ва юнониву румӣ низ дар шеъри худ фаровон корбаст намояд. Аз чеҳраҳои таърихиву асотирии арабу юнонӣ, ба мисли Ҳотам, Маҷнун, Мусии Имрон, Исо, Сулаймон, Суқрот, Фалотун ва ғайра истифода бурдааст.

Яке аз чунин чеҳраҳои мифологии араб Ҳотами Той мебошад, ки на танҳо дар шеъри Рӯдакӣ, балки дар осори аксари шоирони форсигӯй тавсиф шуда ва махсусан дар осори шифоҳии халқи тоҷик нуфузи калон дорад. Халқи тоҷик дар бораи Ҳотами Той ва саховату ҷавонмардии ӯ нақлу ривоят, афсонаву қиссаҳои зиёдеро офаридааст, ки то ба имрӯз аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл интиқол меёбанд. Ҳотами Той яке аз шахсиятҳои маъруфи араб буд, ки бо саховат ва накӯкории худ миёни оммаи Арабу Аҷам машҳур гардид. Чеҳраи Ҳотами Тойӣ ҳамчун симои мусбат аз адабиёти араб ба фарҳангу адабиёти форсизабонон гузаштааст. Ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам дар як қатор рубоиёти омиёнаи тоҷик низ инъикос ёфтааст. Гӯяндагони мардумӣ бо шеваву лаҳни сода тавонистаанд, ки аз чеҳраҳои асотириву таърихӣ ёдовар шаванд. Ҳамчуноне, ки дар рубоии зайл гӯянда Қосимов Ҳошим маълумот медиҳад: Ҳотам шахси бадавлат ва дорои қалъаву сарватҳои зиёд будааст. Аммо дар мисраъҳои охири рубоӣ таъкид менамояд, ки ҳамаи сарвату дороии Ҳотам аз тарафи Аллоҳ аст ва то Худованд ба ӯ надиҳад, вай чӣ гуна метавонад, ки ба халқ ёрӣ расонад. Аз ин ҷост, ки Ҳотам шахси сахӣ ва родмарди роҳи Ҳақ буда, ҳамеша ғамхору мушфиқ дар хидмати мардум будааст:

*Мурге дидам нишаста дар гумбази вой,*
*Дар пешаш фитодааст, қалъаи Ҳотами Той.*
*Ин мург амон мегуфт ё розиқи хай,*
*То Ҳақ натияд, кай тияд Ҳотами Той [11, 3].*

Устод Рӯдакӣ низ дар шеъри худ аз ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам ёдовар шудааст. Аз рӯйи маълумоти маъхазҳо қитъаи зерини Рӯдакӣ ба шоҳ Наср ибни Аҳмади Сомонӣ бахшида шудааст. Шоир саховатмандиву қаҳрамонии Насрро ба Ҳотами Той ва Рустами Дастон ташбеҳ медиҳад.

Ҳотам бо родмардӣ ва хислатҳои барҷастаи худ ҳамеша вирди забони хосу ом қарор мегирад:

*Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,*
*Рустами Дастон туӣ андар набард.*
*Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,*
*Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард [1, 36].*

Дар қитъаи боло шоир бо вуҷуди Ҳотаму Рустамро аз мамдуҳи худ паст донистан, аммо дар аввал онҳоро меситояд ва ёд мекунад.

Дар байти дигар ҳамчунин аз ҷавонмардиву саховатмандии Ҳотам ёд шудааст. Дар ин байт калимаи «Ҳотамфаш» ба кор рафтааст, ки маънои шабеҳи Ҳотам, мислу монанд ба Ҳотамро ифода мекунад. Мурод аз гуфтаи шоир бисёр сахӣ ва саховатмандии Ҳотам, шахси карим будани ӯ мебошад:

*Ай дарег, он ҳури ҳангоми сахо <u>Ҳотамфаш,</u>*
*Ай дарег, он гави ҳангоми ваго Сомгироҳ [1, 94].*

Вожаи «вағо» дар байти боло ба маънии корзор, ҳангоми набард истифода шудааст. Ва ин вожа дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ ба ҳамин маънӣ оварда шудааст [10, 3137].

Дигар аз чеҳраҳои бисёр машҳури асотирӣ ва ба ҳамагон маълум Луқмони  Ҳаким мебошад, ки ӯро ҳам аҳли илму адаб ва ҳам оммаи васеи ҷомеа  мешиносанд. Луқмони ҳаким ва донишманди асотириву афсонавист, ки дар бисёр ривоятҳои мардуми Шарқ, бахусус арабҳо, эрониҳо, тоҷикон, туркҳо ва ғайра мавқеъ дорад. Луқмон  шахси донишманд ва ҳамадон будааст ва аз ин сабаб халқ ба ӯ лақаби «Ҳаким»-ро додаанд. Чеҳраи Луқмон дар байти зерини Рӯдакӣ низ як шахси ҳамадон, олиму ҳаким тасвир ёфтааст:

*Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,*
*Гӯш кун инак, ба илму ҳикмати Луқмон [1, 55].*

Ба андешаи  устод Рӯдакӣ, Луқмон донанда ва фарогири ҳамаи донишҳои замонӣ мебошад. Луқмони Ҳаким

файласуфу табиби машҳуру маъруф, фарҳехтаи илму маърифати ҷаҳонист. Ном ва хираду донишмандии ӯ ба вижа дар адабиёти классикии тоҷику форс ҷойгоҳи махсус дорад.

Мақоли халқии «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст» низ дар байни халқ то ҳол роиҷ мебошад ва мардум онро дар вақти суҳбат истифода мебаранд. Ғайр аз ин нақлу ривоятҳои зиёде дар бораи шахсият ва корномаҳои Луқмони Ҳаким дар байни халқ густариш ёфтаанд. Ин қабил нақлу ривоятҳо шаҳодат медиҳанд, ки Луқмон шахси донишманд, хирадманд, донандаи забони гиёҳҳову растаниҳо мебошад ва беморонро тавассути гиёҳҳои табобатии табиӣ муолиҷа мекунад. Маҳз ҳикмати Луқмон ва ҳунари шифобахши ӯ, ки дар миёни халқ арҷгузории бесобиқа дорад, сабаб шудааст, ки Рӯдакӣ аз вай дар шеъраш ёдовар шавад.

Ҳамон гуна, ки аз қавли доктор Шафеии Кадканӣ зикргардид дар ашъори Рӯдакӣ чеҳраҳои асотирии зардуштӣ ё ба истилоҳи дигар, симоҳои ориёӣ нисбат ба образҳои фарҳанги арабӣ бештар бозтоб ёфтаанд. Ин андеша воқеият дорад, зеро хонанда ҳангоми мутолиаи девони шоир ба зудӣ пай мебарад, ки фарҳанги миллӣ, чеҳраҳои таърихӣ ва ойину русуми суннатии тоҷикону форсизабонон дар шеъри ӯ барҷаста тасвир ёфтаанд. Яке аз ин гуна симоҳо Соми Наремон мебошад, ки устод Рӯдакӣ дар баъзе аз порчаҳои шеърии хеш аз ӯ ёд мекунад. Сом номи падари Золи Зар ва бобои Рустам буда, яке аз қаҳрамонҳои мусбату хирдварзи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин Соми Наремон қаҳрамони асотирии адабиёти форсу тоҷик гардида, чеҳраи ӯ дар адабиёти мо барҷаста арзёбӣ шудааст. Ӯ қаҳрамони ҷасур будааст. Исми вай дар адабиёти классикӣ ва асотири бостон бо номҳои «Соми Дастон» ё «Дастони Сом» низ машҳур аст. Соми Наремон дар асотири эронӣ ба сифати савори бузурги размандa ва паҳлавони беҳамто машҳур буд, ки дар байти

зерини устод Рӯдакӣ ҳам ҳамин хислату қобилияти Сом таъкид гардидааст:

*Соми суворе, ки то ситора битобад,*
*Асп набинад чун ӯ сувор ба майдон! [1, 55].*

Дар байти дигар вожаи «Сомгироҳ» зикр шудааст, ки ишора ба шахсе, ки дар қаҳрамонӣ ва садоқат шабеҳ ба Сом аст, мебошад:

*Ай дарег, он ҳури ҳангоми сахо Ҳотамфаш,*
*Ай дарег, он гави ҳангоми ваго Сомгироҳ [1, 94].*

Мавриди сухан аст, ки дар бораи қаҳрамониву корномаҳои Сом дар осори шифоҳии халқи тоҷик маълумоте зиёде мавҷуд нест. Шояд сабаб он бошад, ки халқ ӯро он қадар намешиносад ва дар бораи ӯ маълумоти кофӣ надорад. Аз ин ҷост, ки чеҳраи ӯ асосан дар осори хаттӣ густариш ва дар ашъори шуарои форсу тоҷик таҷассум ёфтааст.

Рустами Дастон номи яке аз қаҳрамонҳои афсонавии як қатор достонҳои халқии мардуми эронинажод ва инчунин, номи яке аз қаҳрамонҳои асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсист. Писари Золи Зар, набераи Соми Наремон аст. Симои барҷастаи Рустам дар адабиёт ва фарҳанги мо ба гунаи образҳои қаҳрамониву паҳлавонӣ, нерумандиву далерӣ ҷилвагар шудааст. Зеро зикри номи ӯро мо дар ашъори шоирон ва осори омиёнаи халқи тоҷик бо ҳама гуна тавоноиву нерумандиаш мушоҳида мекунем. Чеҳраи Рустами қаҳрамон дар осори шифоҳии халқи тоҷик дар рубоиву таронаҳо, ривояту афсонаҳо, қиссаву достонҳои қаҳрамонии эпоси «Гӯруғлӣ» ҳамеша ва барҷаста тасвир ёфтааст. Дар бораи Рустам дар байни халқи мо нақлу ривоятҳо ва афсонаҳои ҷолиб бо нусхаҳои гуногун густариш ёфтаанд. Чунончи, дар ривоятҳои «Ҷанги Афросиёб бо Рустам», «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам», афсонаи «Ҷанги Рустам бо дев» ва ғайра аз байни

халқ ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар Фонди фолклори тоҷик маҳфуз мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки роҷеъ ба қаҳрамонҳои «Шоҳнома» дар осори шифоҳӣ фолклоршинос С. Фатҳуллоев дар мақолаи хеш «Шоҳнома дар осори шифоҳӣ» нуктаҳои ҷолиброиброз намудааст. Тавре ӯ менависад: «Аз ин ривоятҳои халқӣ чунин бармеояд, ки қаҳрамонони «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ: Рустам, Суҳроб, Золи Зар, Рахш, Исфандиёр ва дигарон симоҳои дӯстдоштаи тоҷиконанд... Қаҳрамонони «Шоҳнома» на танҳо дар байни гӯрғулихонҳо, балки дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеа ба таври васеъ интишор ёфтаанд. Аз ривоятҳои халқӣ бармеояд, ки гӯяндагони халқӣ бо истифода аз воситаҳои тасвири бадеӣ дар забони зиндаи халқ аз Рустам ва Исфандиёр нақшҳои фаромӯшнашуданӣ офарида, бад-ин васила меҳру муҳаббати халқро нисбати «Шоҳнома» бештар гардонидаанд» [6, 122-129]. Воқеан, чунин чеҳраҳои асотирӣ дар фарҳангу адаби мо тимсоли паҳлавонӣ, ҷасуриву далерӣ, қаҳрамониву пирӯзмандӣ буда, халқ дар симои онҳо шахси боҷасорату пурқувватро мебинад.

Дар як силсила дубайтиву рубоиёти шифоҳӣ чеҳраи Рустами Достон ва аспи номии ӯ Рахш тасвир ёфтааст, ки халқ аз хислату амалиёти паҳлавон воқиф мебошад, зеро овозаи қаҳрамони ҷасуру нотарс будани Рустам дар байни халқ паҳн гардидааст. Чунончи, дар дубайтии зер мебинем, гӯянда бародари аскари худро ба Рустами Достон монанд мекунад ва таъкид менамояд, ки ӯро Рустам ном баранд:

*Ман садқа шавам чилими дар чилима,*
*Ман садқа шавам акаи аскарчима.*
*Аскараш наген, Рустами Достонаш биген,*
*Дар мийнаи аскаро гулистониш биген [13, 1, 3870, 7].*

Дар ҷойи дигар гӯянда Кабиров Набӣ аз номи аспҳои ҳазрати Алӣ ва Рустами Достон – Дулдул ва Рахш ёд мекунад.

Зимнан ба яке аз воқеаҳои дар шаби Меъроҷ рух дода, ки ба Муҳаммад (с) мансуб мебошад, ишорат мекунад. Чунончи:

*Рӯзе, ки нафас бар тани одам доданд,*
*Аввал ба забон сабақи «Алҳам» доданд.*
*Доданд ба шаби Меъроҷ ёраке ба Набӣ,*
*Дулдул ба Алӣ, Рахша ба Рустам доданд [12, 2, 1380].*

Симои Рустам дар адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик ҳамоно рамзи далериву паҳлавонист. Дар ашъори устод Рӯдакӣ ҳам ҳамин хислату махсусияти Рустам дида мешавад. Рустами Достон дар шеъри Рӯдакӣ ҳам рамзи тавоноиву диловарӣ, қаҳрамониву ҷасурӣ ва паҳлавонист. Чи тавре ки дар байти зер мебинем, номи Рустами Достон ҳамеша зиндаву ҷовид хоҳад монд, зеро шуҳрату шаъну шони ӯ номашро дар ҳар давр зинда нигоҳ медоранд:

*Рустамро ном, агарчи сахт бузург аст,*
*Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон [1, 56].*

Яке аз қитъаҳои машҳури устод Рӯдакӣ ба тавсифи шоҳ Наср бинни Аҳмади Сомонӣ бахшида шуда, шоир саховатмандиву ҷавонмардии ӯро ба Ҳотами Той ва далериву паҳлавониашро ба Рустами Дастон шабоҳат додааст. Ӯро дар набард ба гунаи Рустам мепиндорад ва таъкид менамояд, ки дар ҷанги ӯ каси дигар наметавонад то ба охир разм оварад ва пирӯз шавад. Роҷеъ ба ин масъала муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Муҳаммад Авфии Бухороӣ чунин нигоштааст: «Ва агарчи шеъри ӯ аз ҳаду ад мутаҷовиз аст, аммо он чи ин маҷмӯи онро эҳмол кунад сабт афтод, дар мадҳи Наср бинни Аҳмад мегӯяд дар асонои қасидае» [8, 246]. Ҳамин тавр, Муҳаммад Авфӣ зимнан бо овардани қитъаи шеърии поён дар мадҳи Наср бинни Аҳмад бахшида шудани онро иттилоъ медиҳад. Муҳим ин аст, ки шоир мамдуҳи хешро ба Рустами Достон шабоҳат медиҳад:

*Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,*
*Рустами Дастон туӣ андар набард.*
*Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,*
*Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард [1, 36].*

Рустами Достон дар шеъри Рӯдакӣ ҳам тимсоли нерумандиву паҳлавонӣ мебошад. Номи ӯро шоир бо сарбаландӣ ёд мекунад ва ӯ яке аз чеҳраҳои бостонии фарҳанги миллии мо маҳсуб мешавад ва ба ин хотир дар байни халқи тоҷик мардум бо орзуву умеди бедард ва нотарсу паҳлавон шудани фарзандонашон номи он қаҳрамонҳо, амсоли «Рустам»-ро мегузоранд.

Чеҳраи дигаре, ки дар фарҳанг ва адабиёти мо ҳамеша аз ӯ ёд мешавад, Исфандёр мебошад. Исми Исфандёр дар шеъри Рӯдакӣ ба шакли «Сифандёр» вомехӯрад. Сифандёр шакли кӯтоҳшудаи номи Исфандиёр буда, паҳлавони афсонавӣ, писари Гуштосп аст ва ӯро Рӯйинтан низ мегуфтанд. Яке аз қаҳрамонҳои асосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки чеҳраи Исфандёр дар байни халқ он қадар маъмул намебошад ва дар осори шифоҳӣ аз ӯ кам ёд мешавад ва номи ӯро асосан мо дар ашъори шоирони классикӣ дучор мешавем. Дар байти зерини Рӯдакӣ дар бораи размӣ Исфандёр ва ҷанговарии ӯ маълумот дода шудааст:

*В-ар-ш бидидӣ Сифандёр гаҳи разм,*
*Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон [1, 55].*

Чун Исфандёри пилтан ба набард мебаромад, дар пеши шамшеру синони вай ҳамагон тарсидаву ларзон мешуданд. Дар ин байт Рӯдакӣ аз санъати иғроқ ва муболиға истифода намуда, суханонашро бо ҳамин санъатҳо назокат бахшидаст.

Равобити адабиёти форсии тоҷик бо дигар адабиёти ҷаҳон, махсусан бо адабиёти араб собит менамояд, ки дар натиҷаи масоили сиёсиву иҷтимоӣ дар тӯли таърихи гузашта ин ду адабиёт ба ҳам таъсири мутақобила доштаанд. Манзур аз ин

суханон ин ҷо таъсирпазирии ду достони ишқӣ-романтикии адабиёти Арабу Аҷам «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки ин достонҳо ҳам дар адабиёт ва фарҳанги араб ва ҳам дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеи хоссаро доро ҳастанд.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун», замоне ки аз адабиёти араб ба адабиёти форсизабонон ворид мешавад, то ба дараҷаи яке аз достонҳои маъруфу машҳур мубаддал меёбад. Дар ин замина шоирони зиёде ба навиштани ин достон машғул шуда, арзиши онро ба дараҷаи олӣ мебардоранд. Дар адабиёти мо шоирони зиёде чун: Амир Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон дар пайравӣ ба он бо сабку равияҳои махсуси худ ин қиссаи асотириро ба риштаи назм кашидаанд.

Маҷнун ва Лайлӣ қаҳрамонони асосии достони ишқии адабиёти форсии тоҷикӣ ва дигар халқҳои Шарқ маҳсуб мешаванд. Дар "Донишномаи Рӯдакӣ" адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор роҷеъ ба таърих ва зуҳури калимаи «Маҷнун» менависад: «Вожаи «Маҷнун» аввал дар адабиёти араб сипас, дар шеъри форсу тоҷик ба туфайли моҷарои ишқи шоири ошиқпешаи араб-Қайс ибн Мураввах, ки дар ишқи Лайлӣ ақли худро бохта, лақаби Маҷнунро гирифта буд, роиҷ ва маъмул гардидааст. Дар шеъри устод Рӯдакӣ ҳам вожаи Маҷнун ишора ба қаҳрамони ҳамин қиссаи ишқии арабист» [2, 106-107].

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ чеҳраи Маҷнун ҳамчун тимсоли шахси дорои ишқи поки инсонӣ бозтоб шудааст. Номи ӯ дар фарҳанги омиёнаи тоҷик ва махсусан, дар намунаҳои осори шифоҳӣ хеле барҷаста зикр шудааст. Чунончи, дар рубоии зер гӯянда худро ба мисли Маҷнун ошиқи маҳҷур ва дурафтода мепиндорад ва пайваста ба маъшуқаи хеш дуо мегӯяд ва ҳамчунин, аз азобу уқубати ишқи

худ ёд мекунад. Ва ранҷу азоби хешро ба Юсуфи зиндонӣ ташбеҳ менамояд, ки ин манзури қаҳрамони лирикӣ ба саргузашти Маҷнуну *Лайлӣ* ва ҳамзамон ба азоби зери чоҳ афтодани Юсуф равона шудааст. Рубоӣ:

*Маҷнунаму пайваста дуо мегӯям,*
*Дар фақр фитодаям, сано мегӯям.*
*Ҳамчу Юсуф фитодаям дар зери чоҳ,*
*Бо Лайлии сухтадил видо мегӯям [7, 30].*

Ҳамон гуна ки дар боло зикр шуд, ба навиштаи А. Абдусаттор дар ашъори Рӯдакӣ низ мурод аз Маҷнун ва *Лайлӣ* ҳамон қиссаи ишқии арабӣ аст. Дар рубоии зерини Рӯдакӣ мазмуни зарбулмасали «Андӯҳи дилсӯхтагон, сӯхта донад» [5, 274], ифода ёфтааст ва ин зарбулмасал дар байни халқ дар мавридҳое истифода мешавад, ки агар шахс ягон мусибате ба сараш наояд, ба қадри он расида наметавонад.

*Ҷойе, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,*
*Он ҷо ду ҳазор найза болохун аст.*
*Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,*
*Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст [1, 68].*

Ҳамчунин, дар ин рубоӣ роҷеъ ба ҳолу аҳволи Маҷнуни ошиқи шайдо ва пурҷабру ҷафо маълумот дода шудааст. Касе, ки аз роҳи ишқ гузаштааст ва моҷарои ошиқиро паси сар кардааст, ба қадри Маҷнун мерасад.

Қитъаи шеърии дигар, ки дар байни хосу ом маъмулу машҳур аст ва Рӯдакӣ дар он тавсифи *Лайли*ву Маҷнун мекунад, ин аст:

*Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.*
*Зи оби ҷӯй ҳар соат, ҳаме бӯйи гулоб ояд,*
*Дар ӯ шустаст пиндорӣ, нигори ман рухи гулгун [4, 173].*

Дар ин абёт шоир аз санъати ташбеҳ ниҳоят моҳирона ва шоирона истифода намудааст. Ибораву таъбироти

«хандидани лола ба сони Лайло» ва «гиристани абри борандаи баҳорӣ ба сони Маҷнун» ташбеҳоти воқеӣ мебошанд, ки ҳолати руҳиву ҷисмии қаҳрамонони лирикиро ҳувайдо месозанд. Дар ҳақиқат, зебоиву матонати Лайлӣ ё маъшуқа ба мисли лолаи зебову шукуфони баҳорист, аммо гиристани абри найсони баҳорӣ бар моҷарову саргузашти Маҷнуни саҳроӣ ташбеҳи воқеъбинона мебошад. «Аз ҷӯй мудом омадани бӯйи гулоб» ба хотири он аст, ки дар он «нигори шоир» рухи гулгуни худро шустааст.

Дигар достони ишқии ҷолиби таваҷҷуҳи хосу ом гардида, достони «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки дар он моҷарои зиёде мавҷуд буда, заминаҳои асотириву афсонавӣ дорад ва ин қисса низ дар фарҳангу адаби форсӣ ва дигар мамолики мухталифи олам паҳн гардидааст. Қаҳрамонҳои асосии ин қисса Юсуф ва Зулайхо мебошанд. Юсуф яке аз пайғамбарон ва писари Яъқуб пайғамбар буд. Саргузашти ӯ пур аз моҷаро мебошад. Юсуф бо зебоиву бартарияти худ назди падар аз дигар бародаронаш азизтар буд. Мувофиқи ривояте ӯ шабе хоб мебинад, ки моҳу ситорагон дар баробараш ба саҷда афтодаанд ва ӯ хобашро ба бародарон ва падараш нақл мекунад. Аз ин пас,  бародарон ба ӯ рашку ҳасад пайдо мекунанд ва ӯро ба чоҳ меандозанд ва ба назди падар омада ба ӯ мегӯянд, ки Юсуфро гург хӯрд. Ҳамин тавр, корвоне ӯро аз чоҳ раҳо карда, ба Миср мебаранд ва ба Азизи Миср мефурӯшанд. Баъд аз ин  моҷарои Юсуф меафзояд. Зулайхо, ки номи аслии ӯро «Роил» ва мувофиқи иттилоъи ривояте «Нико» гуфтаанд, ҳамсари Азизи Миср – Қатифар ибни Раҳиб буд ва дар замони фиръавни Миср Раён ибни Валид мезистааст. Чун шавҳари Зулайхо Юсуфро аз корвоне харид, Зулайхо аз сабаби ниҳоят зебо буданаш ба ӯ дил баст. Аз ин пас, дар байни Юсуф ва Зулайхо моҷароҳои зиёде гузашт, ки

дар ашъори шоирону адибони мо дар ин хусус маълумот дода шудааст.

Дар осори шифоҳии халқи тоҷик низ аз саргузашти Юсуф ва Зулайхо маълумоти зиёдеро вохӯрдан мумкин аст. Як силсила афсонаву қисса ва ривоятҳои омиёна роиҷ мебошанд, ки дар онҳо оид ба қаҳрамонони зикршуда сухан рафтааст. Як чанд нусхаи афсонаи «Юсуф ва Зулайхо» дар Фонди фолклори тоҷик ҷамъоварӣ шудаанд, ки то имрӯз маҳфуз мебошанд. Инчунин, дар як силсила рубоиву таронаҳои ошиқонаи халқӣ дар хусуси ишқи поки онҳо маълумот дода шудааст. Масалан, дар як рубоӣ ҷавони ошиқ худро ба Юсуф шабеҳ намуда, маъшуқаашро ба Зулайхо монанд мекунад ва ба дилдодааш муроҷиат карда мегӯяд, ки «эй ёри зебо аз хона ба берун баро, то ман қомати раъно ва рӯйи зебои туро бубинам». Ва дар ин рубоӣ аз ҷудоиву фироқи ошиқи ноком иттилоъ дода шуда, ҳамчунин аз воқеаи дар зери чоҳ будани Юсуф хабар медиҳад:

*Эй ёр биё, қади раъно бинам,*
*Аз хона баро, рӯйи зебо бинам.*
*Ман Юсуфаму фитодаам дар зери чоҳ,*
*Армон дорам, рухи Зулайхо бинам [12. 2, 1380].*

Дар ашъори Рӯдакӣ зикри номи Юсуф дар се маврид истифода шудааст, ки шоир аз воқеаву ҳаводиси марбут ба саргузашти ӯ маълумот медиҳад. Аммо номи Зулайхо дар ягон маврид дар шеъри Рӯдакӣ зикр нашудааст. Дар як рубоии устод Рӯдакӣ ба Юсуф-писари Яъқуби Канъонӣ, ки яке аз пайғамбарони асотирии исроилист, талмеҳан ишора шудааст. Дар афсонаи Юсуф ва Зулайхо гуфта мешавад, ки Зулайхо ошиқи Юсуф шуд ва занони аъёни мамлакати Миср ӯро таъна карданд, аммо ҳангоме ки худи он занҳо Юсуфро диданд, аз ҳусну ҷамоли ӯ моту маҳбут монда, ба ҷойи турунҷе, ки дар даст доштанд, беихтиёр дастони худро буридан гирифтанд.

Рӯдакӣ бо ибораи «дасти занони мисриён» ба ҳамин воқеа ишорат кардааст:

*Юсуфрӯйе, к-аз ӯ фигон кард дилам,*
*Чун дасти занони мисриён кард дилам.*
*З-огоз ба бӯса меҳрубон кард дилам,*
*Имрӯз нишонаи гамон кард дилам [1, 71].*

Дар абёти дигари устод Рӯдакӣ ибораи «се пироҳан», мурод аз се пироҳани Юсуф аст, ки якеро бародаронаш бо макр хунолуд карда, Юсуфро гург хӯрд гӯён пеши падар бурдаанд; дуюм пироҳане ки аз дасти Зулайхо чок шуд ва бо тухмати ӯ Юсуфро ба зиндон андохтанд ва сеюмӣ пироҳане буд, ки бо бӯйидан ва ба чашм молидани он дидаи Яъқуб бино шуд, ишорат шуда, аз воқеияти қиссаву афсонаи саргузашти ду ошиқи маҳҷур дарак медиҳад:

*Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,*
*Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр-андар:*
*Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз туҳмат*
*Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.*
*Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,*
*Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар? [1, 44].*

Дар қитъаи боло ҳунари волои шоир дар масъалаи истифодаи талмеҳ барои ташбеҳ ҳувайдост.

Мусаллам аст, ки Рӯдакӣ шоири тавонову забардаст ва ҳофизи хушовозу машшоқи хушсадо буда, шухрати шоириву овозхонии ӯ дар Бухорову Ҳирот ва шаҳрҳои дигари ҳукумати Сомониён паҳн гардида буд. Дар байти зер ғурури шоирии ӯ боло гирифта, садову савти худро ба андалеб монанд мекунад, аммо дар мисраи дувум аз ранҷу машаққати Юсуфи зиндонӣ ёд мекунад.

*Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,*
*Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру зиндонӣ [1, 65].*

Ранҷи зиндонро Юсуф аз сабаби ҳусни зебояш кашид ва Рӯдакии шоир маҳз масъалаи ҳуснро, зебоиро, ки барои ҳар дуяшон хос ва боиси ранҷи ҳар ду гардидааст, ёд мекунад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу масъалаи мазкур баромеяд, ки устод Рӯдакӣ яке аз аввалин шоироне мебошад, ки дар ашъори хеш бо ҳунару истеъдоди фавқулодаи худ симоҳои асотирии мардумони эронитабор ва арабро фаровон истифода кардааст. Устод Рӯдакӣ дар заминаи воқеоти тахайюлии қадимаи мардумӣ ва ҳаводиси мавҷудбуда тавонистааст ашъори хешро пурарзишу хонотар гардонад.

## Китобнома ва феҳристи Фонди фолклор


1. Девони Рӯдакӣ / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.
2. Донишномаи Рӯдакӣ. Иборат аз 4 ҷилд, ҷилдҳои 1-2 / Зери назари М. Муллоаҳмад. – Душанбе: ҶММ Ксерокс Ланд, 2008. – 408 с.
3. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
4. Нуров, Амон. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990. – 368 с.
5. Тилавзод, Бозор. Зарбулмасал ва чистонҳои халқӣ ва моҳияти ахлоқию тарбиявии онҳо / Б. Тилавзод. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 292 с.
6. Фатҳуллоев, Салоҳиддин. Шоҳнома дар осори шифоҳӣ // Садои Шарқ. №12, 2016 / С. Фатҳуллоев. – Душанбе: 2016. – С. 122-129.
7. Фолклори Роғун / Гирдоварӣ, тадвин ва пажӯҳиши Рӯзии Аҳмад ва Салоҳиддин Фатҳуллоев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. –508 с.
8. بخارایی، محمد عوفی. لباب الباب. با تصحیح ا. براون و میرزا محمد خان قزوینی. جلد. 246 .1903:لیدان
9. محمد رضا شفیعی کدکنی. صور خیال در شعر فارسی/ تهران: 1387 هجری. – 423 صفحه
10. دهخدا علی اکبر. لغتنامه. جلدهای 1.2 .انتشارات دانشگاه تهران : 1379 –4798 صفحه
11. Ф.Ф: 2. 1388, 3. (Саховатмандии Ҳотами Той дар рубоӣ).
12. Ф.Ф: 2, 1380. (Рубоӣ дар бораи номи аспҳои ҳазрати Алӣ ва Рустам, Дулдул ва Рахш).
13. Ф.Ф: 1, 3870,7. ТИ6. Балҷувон. Солҳои 1949-1950. Гӯянда: Қудратова М. 51-сола.

**Меҳр СОБИРИЁН**
*пажӯҳишгари масоили иқтисодӣ*

# ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ШАРҚӢ ВА МУҚОИСАИ ОНҲО

Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи иқтисодии кишварҳои пешрафта, ҷиҳати истифода аз он дар амалисозии ҳадафҳои рушди худ, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онҳо маълумоти зиёдеро дода метавонанд. Дар воқеъ, ҳама назару гипотезаҳо дар омӯзиши рушди иқтисоди як кишвар ба далелу рақамҳо ниёз доранд. Агар як кишварро пешрафта меномем, ҳатман нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем, то барои иддаои худ далели рақамӣ дошта бошем.

Пеш аз омӯзиши моделҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба баррасии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон зарурат дорем. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо дар давраи мазкур чӣ тағйироте доштанд ва ба кадом самт ҳаракат мекарданд? Суръати рушди иқтисодии ин кишварҳоро аз рӯйи додаҳои таърихӣ дида, муайян карда метавонем, ки модели иқтисодии кадом кишвари ин минтақа бояд омӯхта кадоме аз онҳо сарфи назар шавад.

*“**Рушди иқтисодӣ абзори қавитарин барои коҳиши фақр ва беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд мебошад. Ҳам таҳлилҳои байни кишварҳо ва ҳам таҳлили кишварҳои алоҳида дар замони муайян далелҳои зиёдеро ироа мекунанд, ки барои расидан ба Ҳадафаҳои ҳазорсолаи тавсеа, рушди босуръату устувор ҳатмӣ аст**”*[7]. Нишондиҳандаҳои

рушди иқтисодии як кишвар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ(ММД), Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ), ММД-и сарона, МММ-и сарона, сатҳи бекорӣ ва ғайра мебошанд. Дар адабиётҳои иқтисодӣ миёни мафҳумҳои "рушд" ва "тавсеа" фарқият вуҷуд дорад. Рушди иқтисодиро ба маънои зиёд шудани тавлидот дар қаламрави як кишвар ироа кардаанд, аммо тавсеаи иқтисодӣ таъсири ин зиёдшавӣ ва ё пешравиро ба зиндагии мардум низ дар бар мегирад[4]. Албатта, зиёдшавии физикии тавлидоти нохолис дар як кишвар дар ҳама ҳолат таъсири мусбати худро ба зиндагии мардуми он мерасонад. Аммо агар дар баробари рушди иқтисодӣ даромади миллӣ дуруст тақсим нашавад, ин ба афзоиши хало миёни дорову нодор оварда мерасонад. Ба ҳар ҳол, ҳадафи мо омӯзиши раванди рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ мебошад, ки танҳо афзоиши физикии нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ дар ин мамлакатҳоро баррасӣ хоҳем кард. Баррасии таъсири рушди иқтисодӣ ба зиндагии мардум мавзӯи алоҳида буда, шояд дар омӯзишҳои баъдӣ баррасӣ шавад.

Аз миёни нишондиҳандаҳои зиёд мо панҷтои онро интихоб кардем: ММД, ММД-и сарона, МММ, МММ-и сарона ва сатҳи бекорӣ. Барои дарки амиқтари рушди иқтисодии як кишвар дигар нишондиҳандаҳоро низ омӯхтан мумкин аст. Аммо барои ҳадафҳои мо ҳамин панҷ нишондиҳанда басанда аст. Нахуст дар як намоя ҳамин панҷ нишондиҳандаро бо нархҳои ҷорӣ (бо доллари ИМА) дар соли 2019 барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ меорем, то як тасаввуре дар бораи ҳолати кунунии ин кишварҳо дошта бошем.

Расми 1. Намояи иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ

**Намояи кишварҳои Осиёи Шарқӣ**

(додаҳои соли 2019)

| Номи давлат | ММД (млрд доллари ИМА) | МММ (млрд доллари ИМА) | ММД сарона | МММ сарона | Сатҳи бекорӣ (%) | Шумораи аҳолӣ (млн нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чин | 14279.94 | 14246.12 | 10216.63 | 10192.44 | 5.15 | 1397.71 |
| Ҷопон | 5081.77 | 5266.95 | 40246.88 | 41713.47 | 2.40 | 126.26 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 1646.74 | 1661.05 | 31846.22 | 32122.94 | 3.75 | 51.71 |
| Муғулистон | 14.00 | 12.42 | 4339.84 | 3852.43 | 10.03 | 3.23 |

Сарчашма: Хазинаи додаҳои Бонки ҷаҳонӣ, бахши Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ

Аз рӯйи нишондиҳандаи ММД, Чин ва Ҷопон ду иқтисоди бузурги ҷаҳон мебошанд, ки мутақобилан дар ҷойи дуюм ва сеюм баъди ИМА қарор доранд. Кореяи Ҷанубӣ низ ба Даҳгонаи бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон ворид мешавад. Яъне қариб сеяки иқтисодҳои бузурги ҷаҳон дар минтақаи Осиёи Шарқӣ ҷойгир ҳастанд. Дар ҷустори пешин дидем, ки кишварҳои ин минтақа аз рӯйи захоири табиӣ ва шароити ҷуғрофӣ аз кишварҳои дигар фарқияти зиёд надоранд. Ин ки иқтисодҳои се кишвари ин минтақа (аз панҷ кишвар) дар Даҳгонаи бузургтарин иқтисодҳои ҷаҳон қарор гирифтаанд, баёнгари сиёсати дурусти ин давлатҳо буда, аҳамияти омӯзиши моделҳои иқтисодии ин кишварҳоро зиёд мекунад.

Дар миёни ММД ва МММ фарқияти камтар дида мешавад. Ин ба он маъност, ки агар ширкатҳои хориҷӣ дар кишварҳои ин минтақа зиёд ҳастанд ва як қисми даромади нохолиси иқтисодиёти онҳоро ба кишвари худ мебаранд, дар баробари ин, худи ин кишварҳо дар берун аз минтақа фаъолияти иқтисодии зиёд бурда, арзиши иловагӣ ба МММ-и худ ворид мекунанд. Аз расми боло маълум аст, ки фарқи нисбии ММД

ва МММ дар ин кишварҳо хеле ночиз аст. Танҳо дар Муғулистон он зиёдтар ба назар мерасад. Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аз хориҷ бештар аз он даромад мегиранд, ки ширкатҳои хориҷӣ аз ин кишварҳо берун мебаранд.

ММД ва МММ нишондиҳандаҳои муҳим дар омӯзиши иқтисоди як кишвар мебошанд. Аммо ин нишондиҳандаҳо вазни кишвар ва ё бузургу хурд будани онро дар назар намегиранд. Бинобар ин, барои дақиқтар муайян кардани сатҳи рушди иқтисодии як кишвар дар бештар маврид МММ-и сарона истифода мешавад. Бо вуҷуди дуюмин иқтисоди ҷаҳон будани Чин, ин кишвар аз рӯйи ниҳондиҳандаи МММ-и сарона дар радаи поёнтар қарор дошта, аз рӯйи тақсимбандии Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромади миёнаи боло дохил мешавад. Ин тақсимот дар асоси МММ-и сарона иҷро шуда, ҳар сол 1 июл баъди нашри додаҳои рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон барои соли гузашта каме тағйир дода мешавад. Дар расми 2 ин гурӯҳбандӣ оварда шудааст.

Расми 2. Гурӯҳбандии кишварҳо аз рӯйи даромад

**Гурӯҳбандии кишварҳо аз рӯйи даромад**

**(арзёбии соли 2020)**

| Гурух | Доманаи даромад |
|---|---|
| Даромади паст | <1036 |
| Даромади миёнаи поён | 1036-4045 |
| Даромади миёнаи боло | 4046-12535 |
| Даромади баланд | >12535 |

Сарчашма: Сомонаи Бонки чаҳонӣ[3]

Тибқи гурӯҳбандии боло Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромаи баланд дохил мешаванд. Муғулистон бошад ба гурӯҳи давлатҳои дорои даромади миёнаи поён медароянд. Барои муқоиса, Тоҷикистон дар ҳамин соли 2019 бо МММ-и саронаи баробар бо 1033 доллари ИМА ба гурӯҳи кишварҳои дорои даромади паст шомил мешавад. Аз расми 1 бармеоянд, ки Ҷопон аз рӯйи МММ-и сарона (41 713 доллари ИМА) дар ҷойи аввал қарор дошта, ҷойи дуюмро Кореяи Ҷанубӣ (32 123 доллари ИМА) ишғол намудааст. Сатҳи бекорӣ низ дар ҳамин ду кишвар аз ҳама пойин буда, ин нишондиҳанда дар Чин дар мавқеи қаноатбахш аст, вале дар Муғулистон аз меъёр зиёд ба назар мерасад. Аммо ин нишондиҳандаи маъмулӣ нест. Бо сабабҳои номаълуме дар соли 2019 Муғулистон сатҳи бекории аз ҳад зиёд дорад. Дар асл, додаҳои дастрасшуда нишон медиҳанд, ки аз соли 2000 то 2018 ин нишондиҳанда барои Муғулистон дар доманаи 3 то 7 дарсад қарор мегирад.

Тамоили нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар давраи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ мавриди омӯзиши мо қарор мегирад. Дар шакли намудорҳо овардани ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки ба осонӣ пасту баландиҳо дар ҳаракати ин нишондиҳандаҳо дида шавад. Танҳо модели кишварҳоеро метавон амиқтар омӯхт, ки нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии онҳо дар умум суръати баланди болоравиро дошта бошанд. Албатта, як иқтисод давраҳои рушд ва рукутро дорад. Аммо тамоили умумии он метавонад рӯ ба боло бошад ва ин болоравӣ суръати нисбатан баланд дошта бошад. Ин аст, ки бо омӯзиши нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии як кишвар мо ба натиҷа меоем, ки моделҳои иқтисодии онро бахри истифода дар амалисозии ҳадафҳои рушди иқтисодии кишвари худ мариди омӯзиш қарор диҳем ё не.

**ММД**. Дар расми 3 ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар солҳои 1960-2019 дода шудааст(танҳо барои Муғулистон додаҳо аз соли 1980 дастрас ҳатанд). Ин ММД-и воқеӣ буда, бо нархҳои устувори соли 2010 бо долларҳои ИМА оварда шудаанд. Ин ба хотири он аст, ки ҳангоми муқоисаи ММД дар тӯли солҳои гуногун таваррум ба назар гирифта шуда, муқоиса дақиқтар сурат бигирад.

Расми 3. ММД-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Аз намудори боло дида мешавад, ки ҳама кишварҳои минтақа дар ин давра рушд кардаанд. Аммо аз сабаби нисбатан хурд будани иқтисоди Муғулистон дар чунин намудор бо рақамҳои аслӣ самти ҳаракати иқтисоди ин кишвар маълум нест. Бинобар ин, намудори худро дар миқёси

логаритмӣ (логарифмӣ) месозем, то ки самти ҳаракати ҳама кишварҳо ба осонӣ дида шавад.

Расми 4. ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ (миқёси логаритмӣ)




Акнун самти ҳаракати иқтисодёти ҳар чор кишвари мавриди назари худро ба осонӣ дида метавонем. Маълум аст, ки рушди иқтисодии Ҷопон дар нимаи дуюми асри 19 оғоз шудааст. Аммо маълумоти омории он давра дастраси мо нест ва гузашта аз ин, он давраи Ҷопонро наметавон бо дигар кишварҳои ин минтақа муқоиса кард. Ба ҳар ҳол, баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон низ Ҷопон босуръат рушд кардааст ва ин давраро омӯхтан ба манфиати мост. Дар давраи мавриди назари мо Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ аз солҳои 1960 то 1990

рушди устувор доштаанд. Дар солҳои 1990-ум Ҷопон ба рукуди иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки то имрӯз натавонистааст суръати рушди иқтисодии худро зиёд кунад. Вале Кореяи Ҷанубӣ бо вуҷуди пасттар шудани суръати рушд ҳамоно ба самти боло ҳаракат дорад. Чин дар солҳои 1960-ум то миёнаҳои солҳои 1970-ум ҳеҷ рушди назаррасе надоштааст. Аввал рукут мекунад ва баъдан танҳо аздастдодаҳои худро барқарор мекунад. Вале баъди даст задани ҳукумати ин кишвар ба ислоҳоти куллӣ дар нимаи дуюми солҳои 1970-ум иқтисоди ин кишвар суръати рушди бесобиқаро ба даст меорад. Дар натиҷа, дар соли 2009 Ҷопонро гузашта, ба дуюмин иқтисоди ҷаҳон табдил меёбад. Ҳоло ҳам ин кишвар суръати рушди нисбатан баландро дорад. Кишвари Муғулистон таҷрибаи дигар дорад. Ин кишвар танҳо баъди соли 2000-ум суръати рушди нисбатан баландро ба даст овардааст. Чунононе ки дар ҷустори пешин дидем, ин пешравӣ дар натиҷаи истихроҷӣ бештари захираҳои табиии ин кишвар муяссар гаштааст.

**МММ**. МММ-и воқеӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз ММД-и воқеии онҳо кам фарқ мекунад. Инро мо дар намояи ин кишварҳо дида гузаштем. Бо вуҷуди маълумоти камтар тамоили ин нишондиҳанда монанд ба тамоил дар нишондиҳандаи ММД-и воқеӣ аст. Дар расми 5 МММ-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ оварда шудааст.

Расми 5. МММ-и воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Самти ҳаракати ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба ҳам монанд ҳастанд. Аз расмҳои 6 ва 7 дида метавонем, ки дар ин нишондиҳандаҳо Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ мавқеи баландтарро касб кардаанд. Ҷопон аз аввали давраи мавриди назари мо мавқеи аввалро касб карда буд. Вале Кореяи Ҷанубӣ дар аввал мавқеи наздик ба Чину Муғулистонро доштааст. Аммо баъдан суръати рушди бештар касб карда, аз ин ду кишвар болотар меравад ва баъди солҳои 80-ум ҷаҳиши иқтисодӣ дорад, ки ин кишварро аз рӯйи нишондиҳандаҳои мазкур ба Ҷопон хеле наздик мекунад. Муғулистон дар ин нишондиҳанда низ рушди нисбатан кам дорад. Чин аз ҳисоби зиёд шудани аҳолӣ дар ин нишондиҳандаҳо натавонистааст, ду кишвари пешсафи

минтақаро гузарад, ҳамчуноне ки дар нишондиҳандаҳои ММД ва МММ гузаштааст.

Воқеияти дигаре, ки дар ин ду расм мебинем, ин аст, ки Ҷопон аз рӯйи ин ду нишондиҳанда пайваста рушд кардааст. Суръати рушди ночизе, ки баъди соли 1991 дошт, аз ҳисоби зиёд нашудани аҳолии он ба ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ таъсири назаррас расонидааст. Дар воқеъ, агар шумораи аҳолии Чин дар муддати аз соли 1991 то соли 2019 ба андозаи 246.93 миллион нафар зиёд шуда бошад, дар ин давра шумораи аҳолии Ҷопон танҳо ба андозаи 2.34 миллион нафар зиёд шудааст. Бинобар ин, бо вуҷуди суръати пасттарини рушди иқтисодӣ дар минтақаро доштан, дар ММД-и саронаи воқеӣ ва МММ-и саронаи воқеӣ барои Ҷопон зиёдшавиро ба мушоҳида мегирем.

Расми 6. ММД-и саронаи воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ



Расми 7. МММ-и саронаи воқеии кишварҳои Осиёи Шарқӣ




Барои амиқтар дарк кардани аҳамияти иқтисодии минтақаи Осиёи Шарқӣ саҳми кишварҳои ин минтақаро дар ММД-и ҷаҳонӣ дидан лозим аст. Аз сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ ММД-и ҷаҳониро дастрас кардан имкон дорад. Аммо ММД-и кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар якҷоягӣ нестанд. ММД-и чор кишвари минтақаро (додаҳо барои Кореяи Шимолӣ дастрас нестанд) бо ҳам ҷамъ карда, ММД-и минтақаи Осиёи Шарқиро ба даст меорем. Бо истифода аз забони барномарезии “R” ин додаҳоро коркард карда, саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳониро (бо фоиз) ҳамчун нишондишандаи алоҳида ҳосил менамоем. Дар расми

8 ин нишондиҳанда дар шакли намудори хаттӣ оварда шудааст.

Расми 8. Саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳонӣ




Аз намудори боло ба осонӣ дида метавонем, ки саҳми кишварҳои Осиёи Шарқӣ дар ММД-и ҷаҳон аз соли 1963 инҷониб пайваста зиёд шудааст. Агар дар соли 1960 саҳми ин минтақа дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба 7.89 дарсад баробар буд, онҳо тавонистанд онро дар соли 1980 ба 12.07 дарсад, дар соли 2000-ум ба 19.84 дарсад ва саранҷом дар соли 2019 ба 24 дарсад расонанд. Танҳо дар даврони бухронҳои иқтисодии муайян ин сатҳ каме пойин меравад, вале дар даврони оромӣ пайваста зиёд мешавад. Дар солҳои 1970 ва 1980-ум дар пайи ҷаҳиши нархи нафт поён меравад ва дар аввали солҳои навадум каме пастшавии он ба рукути иқтисодии Ҷопон рабт дорад. Дар замони Бухрони молиявии Осиё (1997) ин нишондишанда коҳиши назаррасро дорад. Баъдан дар солҳои 2003 то 2008

тамоюли коҳишёбии муҳлатнок ба назар мерасад. Ба эҳтимоли зиёд, ин аз ҳисоби зиёд шудани ММД-и кишварҳои содиркунандаи нафту газ аст. Чунки дар ин давра саҳми онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ зиёд мешавад ва ин ба таври табиӣ саҳми кишварҳои мавриди назари моро кам мекунад. Аммо Буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008 ин бартариро аз кишварҳои содиркунандаи нафт мегирад ва саҳми кишварҳои мавриди назари мо тамоили мусбат ба худ мегирад.

Дар ҳоле ки кишварҳои Осиёи Шарқӣ аз оғози парвози озодонаи худ дар фазои сиёсии ҷаҳон тавонистанд саҳми худро дар иқтисоди ҷаҳонӣ се баробар зиёд кунанд, чунин ба назар мерасад, ки Тоҷикистони мо дар ин самт таҷриба надоштааст. Саҳми кишвари мо дар ММД-и ҷаҳонӣ дар соли 1990, охирин соли пурраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, ба 0.012 дарсад баробар буд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи ин нишондиҳанда дар соли 2000 то ба 0.003 дарсад пойин шуд. Соли 2019 саҳми мо 0.009 дарсад буд, ки ин аз соли 1990 камтар аст. Танҳо дар солҳои 2013-2015 ҳамагӣ се сол ин нишондиҳанда дар Тоҷикистон ба 0.011 дарсад шуда буд, ки мутаассифона дар солҳои баъдӣ пойин рафт. Аз рӯйи ин нишондиҳанда, мо се даҳсола боз саҳми худро зиёд карда наметавонем. Агар таъсири муҳоҷирати меҳнатиро аз ин нишондиҳанда бардорем, боз ҳам камтар мешавад. Шояд истифода аз таҷрибаи муваффақи кишварҳои Осиёи Шарқӣ мавқеи моро дар иқтисоди ҷаҳонӣ мустаҳкамтар карда тавонад.

Ҳама нишондиҳандаҳои баррасишуда дар ин ҷустор баёнгари он ҳастанд, ки кишварҳои Осиёи Шарқӣ, махсусан Ҷопон, Чин ва Кореяи Ҷанубӣ сиёсати иқтисодии дурустро ба роҳ мондаанд. Ин кишварҳо бо дарки дурусти илми иқтисод ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ тавонистанд дар як давраи кӯтоҳ дар баробари кишварҳои Ғарб қудрати

иқтисодиву технологӣ бошанд. Ба таври ҷиддӣ омӯхтани низоми сиёсиву иқтисодии ин кишварҳо ва дар заминаи он ислоҳоти бунёдӣ ворид кардан дар кишвари худ вазифаи ҳар як давлатмард ва блоки иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мебошад. Тоҷикистони азизи мо низ аз ин қоида истисно нест. Набояд бо муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодии худ бо солҳои ҷанги шаҳрвандӣ маҳдуд шуда, аз суръати рушди иқтисодии кишвари худ қаноатманд бошем. Вақт аст, ки дар масири ислоҳоти иқтисодии бунёдӣ ҷиддӣ иқдом намуда, дар заминаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, барои Тоҷикистони азиз модели беҳтари иқтисодиро таҳия ва амалӣ созем. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ тавонистанд ин иқдомро пиёда сохта, ҷойгоҳи худро дар низоми иқтисодии муосири ҷаҳонӣ касб кунанд. Мо низ бар асоси омӯзиши таҷрибаи ислоҳоти иқтисодии осиёӣ метавонем нишондиҳандаҳои болои иқтисодӣ дошта бошем.

## Сарчашмаҳо


1. Poonkulali Thangavelu Top Ten US Economic Indicators - https://www.investopedia.com/articles/personal-finance/020215/top-ten-us-economic-indicators.asp
2. Harry Mitchell. Macroeconomic Statistics - https://slideplayer.com/slide/6395272/
3. Umar Serajuddin, Nada Hamadeh. New World Bank country classifications by income level: 2020-2021 - https://blogs.worldbank.org/opendata/new-world-bank-country-classifications-income-level-2020-2021
4. M. L. Jhingan The Economics of Development and Planning. 41st Edition, Delhi-2016. P. 5.

5. Habib Ahmed Elsayir. An Econometric Time Series GDP ModelAnalysis: Statistical Evidences and Investigations. Journal of Applied Mathematics and Physics. 2018. P. 2635.
6. Elena-Adriana ANDREI. Econometric Modeling of GDP Time Series. Theoretical and Applied Economics, Volume XVIII (2011). No. 10(563). Pp. 91-98.
7. Organization for Economic Co-operation and Development, Department for Economic Development. Growth: Building Jobs And Prosperity In Developing Countries - https://www.oecd.org/derec/unitedkingdom/40700982.pdf

**Нодир НУРОВ**
*докторант (Phd)-и ДДФСТ*
*ба номи М. Турсунзода*

## МЕҲРГОН - НАМОДИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА НИШОТИ ИҶТИМОӢ

Ҳувияти миллии мардумони ҳар кишвар реша дар фарҳанг ва фарҳанг реша дар таърих дорад. Яке аз аносири асосии фарҳанг ҷашну ойинҳои бостонианд. Ҷашнҳо яке аз намодҳои фарҳангу тамаддун барои ҳар қавму миллат маҳсуб мешаванд, ки дар ҳифзу нигоҳдошти ҳувият ва эҷоди нишот ва ҳамбастагию ҳамзистии фарҳангию иҷтимоӣ нақши босазо доранд. Мардумони тоҷику форс аз аҳди бостон ҷашнҳову маросимоти хоси миллию мардуми худро доштаанд, ки ҳар кадом аз ин ҷашнҳо рафтору фарҳанги ғании чандҳазорсолаи моро бозгӯ мекунанд. Ба ибораи дигар ҷашну оинҳо ва боварҳои миллӣ рози мондагории ин сарзамину заминасози ҳамбастагӣ ва худогоҳии миллӣ буда ва ҳастанд.

Дар ҳақиқат, фалсафаи ойинӣ ва маросимии мардуми форсу тоҷик реша дар умқи таърих дорад. Донишманди эронӣ Ҳошим Разӣ умри ҷашнҳои бостонии миллиро ба умри миллату халқ баробар донистааст (10, 17). Ба василаи иҷрои маросимоти ҷашнию ойинӣ ҷомеа ва мардум зиндагии худро як навъ сару сомон мебахшанд ва аз ҳузури фаъоли худ дар арсаи вуҷуд дарак медиҳанд. Вожаи “ҷашн” дар форсии тоҷикии имрӯз ба маънои ойини шодмонӣ ба кор меравад. Шодмонӣ дар ҷаҳонбинӣ ва ҳастишиносии инсони ориёӣ як унсури асосӣ барои расидан ба зиндагии мутаолист. Мардумони форс-тоҷик аз қадим бо баргузор кардани ҷашнҳои гуногуни фаслӣ ва тафреҳоти солим ба мубориза бо

торикию палидӣ мепардохтанд ва равони афсурдаро шодӣ бахшидаву хастагиҳои фикрию ҷисмиро аз тану равон мезудуданд. Пас аз поёни ҷашнҳо хешро барои корзори зиндагӣ омода мекарданд. Бар асоси манобеи муътамади таърихӣ, дар Эрони бостон ҷашнҳои бисёр ба сурати ҳамагонӣ ва дар сатҳи миллӣ баргузор мешуд. Ин ҷашну ойинҳо аз назари чигунагӣ ва кайфияти пайдоиш ва шеваи баргузорӣ мутафовит буданд, вале вижагии муштараки бисёре аз ҷашнҳо шодию нишот, ҳамзистӣ, ҳамбастагӣ, худшиносӣ ва зиндагипарастӣ будааст.

Андешаи асили миллӣ (форсии тоҷикӣ) дар дарозои таърих новобаста ба тундбодҳои таърихию юришҳои бегонагон ҳамеша чашми умедворона ба оянда ва рӯшан доштааст ва бо барпо кардани ҷашну ойини мутааддид ба ситоиши худованд барои хилқати ҷаҳони офариниш, посдорӣ аз табиату муҳити зист ва пайравию арҷгузорӣ аз ниёкон ва дар маҷмӯъ, аз инсон пардохта, дар канори он шодмонию ба ҳам буданро низ ёдоварӣ кардааст. Дар воқеъ, яке аз далоил ва решаи асосии пойдорию мондагории ин фарҳангу тамаддун дар ҳамин ҷашнҳо нуҳуфтааст, ки шодию пойбандӣ ба фарҳанги миллиро мунтақил мекард. Нуктаи муҳими таърихӣ ин аст, ки ҳар вақт ҳукуматҳои худкома монеи барпо кардани ин ҷашнҳо шудаанд ва бо ин роҳ хостаанд онҳоро аз ҳофизаи мардум бизудоянд, аҷдодони мо аз тариқи бошукӯҳтар баргузор кардани ин ҷашнҳо бо ҳукумату мафкураҳои бегона набарду ситез кардаанд.

Дар тақвимҳои эрониён дар замонҳои мухталиф ҷашнҳои зиёди миллию фаслӣ вуҷуд дошта ва дорад, ки ҳар кадом бино бар иллату далели хоси худаш шакл гирифта ва ҳамчунон побарҷост. Бар пояи гоҳшуморӣ ва рӯзшумории Эрони бостон, махсусан дар давраи Сосонӣ сӣ рӯзи моҳ "сӣ" ва дувоздаҳ моҳи сол "дувоздаҳ" ном дошт. Ин номҳои

дувоздаҳгона дар номи рӯзҳои моҳ ҳам ҳаст ва ҳар ҷое, ки номи рӯз бо номи моҳ баробар мешуд, он рӯзро ҷашн мегирифтанд.

Дар миёни ҷашнҳои сершумор, ки дар масири таърих бо миллигароӣ ва ҳувияти миллии мо пайванд хӯрдааст, Меҳргон ҷойгоҳи шоиста дорад ва дар баробари Наврӯзу Сада муаррифгари асолати нажодию миллӣ будааст. Меҳргон низ мисли дигар иду ҷашнҳои миллӣ барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ офарида шудааст (12, 15). Аз ин ҷост, ки дар маркази таваҷҷуҳи ин ҷашн низ зиндагӣ, шинохти мақоми инсон, сохтмони зиндагии шоиста ва арзанда барои инсоният меистад. Ҷашни Меҳргон монанди ҷашнҳои дигари аҷдодӣ ҷанбаҳои амиқи фалсафӣ, иҷтимоӣ, тақвимӣ-нуҷумӣ, кишоварзӣ ва маданӣ дорад. Дар тақвими авастоӣ сол ба ду фасл – фасли тобистони бузург ва зимистони бузург тақсим мешуд, ки Наврӯз ҷашни оғози фасли тобистони бузургу шурӯи гармо ва Меҳргон ҷашни оғози зимистони бузург ва шурӯи сармо ба шумор мерафтааст. Бад-ин тартиб, Меҳргон дувумин ҷашни муҳимми эрониён бостон пас аз Наврӯз маҳсуб мешудааст. Ин ҷашн таърихи беш аз ҷаҳорҳазорсола дорад. Дар мавриди сабаби чунин ном гирифтани ҷашни Меҳргон дар манобеи таърихӣ матолиби сершуморе омадааст. Бархе номи Меҳргонро ба Меҳр ё Митро, ки ойини парастиши ӯ қариб ҳамаи ҷаҳонро дар бар мегирифтааст, нисбат медиҳанд. Меҳр аз куҳантарин ва бонуфузтарин Эзидони ҳиндуэронӣ аст, ки номи ӯ дар Авасто бо рушноӣ, дӯстӣ ва риояти аҳду паймон гиреҳ хӯрда, тарафдори ростию дурустӣ ва душмани дурӯғ муаррифӣ мешавад. Аз назари истилоҳӣ, вожаи «Меҳр» дар забони форсии бостон ба шакли мисра (migra) дар паҳлави митра (mitra) дар форсӣ ба шакли меҳр омада, ба маъниҳои фурӯғ, рӯшноӣ, дӯстӣ, пайвастагӣ, пайванд, офтоб, хуршед ва муҳаббат ба кор рафта, исми яке аз

Худоёни қабл аз зардуштӣ будааст, ки онро рабуннавъи офтоб медонистаанд (13, 2344).

Ҳамин тариқ, Меҳргон бо вожаи «митро» (меҳр) пайванди луғавӣ ва истилоҳӣ дошта, дар асотири бостонӣ ва миёнаи паҳлавӣ ба сифати Эзади фурӯғу рӯшноӣ ва аҳду паймон шинохта шудааст. Азбаски эзади Меҳр аз эътибору аҳаммияти волое миёни эрониён бархӯрдор буд, дар ин рӯз бошукӯҳтарин ҷашн баргузор мешуд ва Меҳргон назди бархе аз ақвоми куҳани эронӣ аз Наврӯз дида муҳимтар будааст. Пас аз ҷойгузин шудани адёни дигар ҳам ин кеш дар адёни баъдӣ ба суратҳои гуногун, аз ҷумла ойину русуми мухталиф ва ба вижа, дар шакли ирфон идома ёфта, баъдан сарчашмаи масеҳиятро ташкил додааст. Дар мавриди меҳрпарастӣ, ҷашни Меҳргон ва интиқоли он ба фарҳангҳои дигар, минҷумла юнонию румӣ ва тамаддуни масеҳӣ муҳаққиқони урупоӣ назари ҷолиб доранд. Шарқшиносу донишманди белжикӣ Франс Валери Мари Кумон дар китобаш «Ойинҳои Митро» чунин менависад: «Бидуни тардид ҷашни Меҳргон дар Руми бостон рӯзи пайдоиши хуршед номида мешавад ва онро sol natalis invietil, яъне «рӯзи зоиши хуршеди шикаснопазир» мегуфтаанд, ки ба рӯзи 25 моҳи декабр кашида шуд ва шумори зиёди исавиён пеш аз Исои Масеҳ ба ойини меҳрпарастӣ гаравиданд ва пас аз густариши дини Масеҳ дар Аврупо рӯзи зоиши Масеҳ қарор дода шуд. Чун исавиён намехостанд ин рӯзро ҷашн гиранд, онро ба унвони мелоди Исои Масеҳ муаррифӣ намуданд ва ҷашн гирифтанд» [5, 21898].

Иддаи дигари муҳаққиқон ақида доранд, ки дар Эрони бостон рӯзи шонздаҳуми Меҳрмоҳ Меҳррӯз ном дошт ва рӯзи меҳри ҳар меҳрмоҳро Меҳргон ном ниҳода ҷашн мегирифтанд (1, 1119-1122). Ҳусайн Масъудӣ дар китоби «Муруҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар» дар бораи пайдоиши Меҳргон навиштаст:

«Ба эътиқоди эрониён яке аз подшоҳони Эрон, ки мудате фармонравоӣ кард, Меҳр ном дошт ва ситамгар буд ва чун ҷон дод, ҷашн гирифтанд. Номи вай Меҳр буд ва чун ҷон дод, Меҳр ҷон дод гуфтанд ва ин рӯзро рӯзи аввали зимистон номиданд». Аз сабабиҳои дигаре, ки ба чунин ном гирифтани ҷашн далодат мекунад ва бештар муътабар аст, қиёми Коваи оҳангар, пирӯзии ӯ бар Заҳҳок ва бар тахти подшоҳӣ нишастани Фаридун аст. Абурайҳони Берунӣ, ки доир ба ойину маросимоти миллию мардумӣ таълифоти ҷиддӣ ба мерос гузоштааст, дар «ат-Тафҳим» навиштааст: «Меҳргон шонздаҳум рӯз аст аз меҳрмоҳ ва номаш меҳр, андар ин рӯз Афридун зафар ёфт бар Беварасби ҷоду, он ки маъруф аст ба Заҳҳок ва ба кӯҳи Дамованд боздошт ва рӯзҳо, ки сипаси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд ба кирдори он чи пас аз Наврӯз бувад» (3, 254). Балъамӣ низ таҷлили ҷашни Меҳргонро бо ҳаводиси устуравии пирӯзии Фаридун бар Беваросп (Заҳҳок) нисбат дода, таъкид кардааст: «Чун Кова тоҷ бар сари Фаридун ниҳод, рӯзи меҳр буд ва ҷашни Меҳргон аз он ҷиҳат гирифта шуд. Ва ҷун Фаридун бар тахт нишаст, адлу дод бигустарид ва меҳри ӯ андар ҷаҳон манташир шуд» (2, 1341). Ҷойи тазаккур аст, ки ба қиёми Коваи оҳангар, пирӯзии ӯ бар Заҳҳоки морон ва ба шоҳӣ расидани Фаридун нисбат гирифтани ҷашни Меҳргон аз мушаххасоти муҳимми ин ҷашни аҷдодӣ ва намоде аз зулмситезии мардуми форсу тоҷик маҳсуб меёбад. Ин нукта шаҳодати он аст, ки дар бовари иронитаборон Меҳргон ҳамчун ҷашни озодӣ, баробарӣ, додхоҳӣ ва ситамситезӣ таърифу тавсиф шудааст.

Дар манобеи муаррихони юнонию румӣ аз ин ҷашн бо номи «Митракона» ёд шудааст (11, 196). Баъдҳо ба номи Меҳргон хонда шуд ва пас аз ислом низ ба он «Меҳрҷон» гуфтаанд.

Меҳргон низ мисли соири ҷашнҳои мардумони иронитабор бо ойин ва одобу русуми хос дошт. Ин ҷашн дар Эрони бостон, маъмулан тайи 5–6 рӯз баргузор мешуд ва ому хос дар ин ҷашн ба шодию пойкубӣ ва додани ҳадя ба якдигар мепардохтанд. Дар ҳар рӯзи ин ҷашн табақаи хосе ширкат мекардааст. Нахустин рӯзи Меҳргонро Меҳргони омма (ҳамагонӣ) ва охирин рӯзро Меҳргони хосса (вижа) меномиданд. Дар бисёре аз манобеи форсӣ, аз ҷумла «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ аз Меҳргони Ом ва Меҳргони Хос ёд шудааст. Ин ҷашн низ мисли Наврӯз бо ҳузури шоҳон баргузор мешудааст. Дар ин айём мардум ба истиқболи пойиз ва меҳр мерафтанд. Дару хонаро обпошӣ мекарданд ва ба назофати хонаҳояшон мепардохтанд. Либосҳои арғувониранг мепӯшиданд ва бо набиштаи шодбошӣ (табрикномаҳо) ба табрики якдигар мерафтанд. Дар ин ҷашн таому нӯшокиҳои хос низ таҳия мешуд. Хондани суруду шеър, навохтани мусиқии махсус низ аз ҷумлаи корҳое буд, ки дар ин ҷашн анҷом мешуд. Дар «Китоби бузурги мусиқӣ»-и Форобӣ Меҳргон ба унвони мақоми ёздаҳум аз дувоздаҳмақом зикр ёфтааст. Низоми Ганҷавӣ низ дар манзумаи «Хусрав ва Ширин» Меҳргонро лаҳни бистуякум аз алҳони сигонаи Борбад зикр кардааст. Дар «Китобу-л-ағонӣ» Исфаҳонӣ ашъори зиёде, ки ба муносибати Меҳргон суруда шудааст, овардааст. Дар ҷашни Меҳргон низ чун суфраи ҳаф сини Наврӯзӣ, хони меҳргонӣ меоростанд, ки аз анвои меваҷоту сабзавот – анор, себ, ангур, гандум, лӯбиё, наск ва амсоли инҳо таркиб ёфта буд. Бо густурдани хони меҳргонӣ инсон ҳосили меҳнату заҳмати солонаашро, ки дар тирамоҳ ҷамъбаст мешавад, ба намоиш мегузошт. Аз ин лиҳоз, Меҳргон бо меҳнат ва саъю талоши фикрию ҷисмонии инсон тавъам аст. Дар айёми ҷашнӣ табақаҳои гуногуни ҷомеа бо баргузор кардани тадорукоти мухталиф, дар таҷаддуди ҷисмонӣ ва

фикрию маънавӣ, ки дар маҷмӯъ, ба фарҳанги ҳувияту худшиносӣ ва ояндасозӣ иртибот мегирифтанд, мекӯшиданд.

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ маҳал, макон, мушаххасот ва густураи ҷашни Меҳргон инъикос ёфтааст. Бино бар маълумоти манобеи мавҷуд бо шумули нигора ва мутуни бостонию навиштаҳои муаррихон, донишмандону шоирон маросимоти меҳргонӣ дар адвори Ҳахоманишию Сосонӣ бо азамати чашмгире баргузор мегардид. Дар давраҳои Ҳахоманишӣ то Ашконӣ, ки ҳанӯз кеши Меҳр дар Эрон ривоҷ дошт, дар рӯзи аввали меҳрмоҳ баргузор мешуд ва ин ҷашн дар давраи Сосонӣ ба рӯзи шонздаҳуми Меҳрмоҳ ё ҳамон Меҳррӯз аз моҳи меҳр дар тақвими эронӣ мунтақил шуд. Доир ба таҷлили ҷашни Меҳргон Абӯрайҳони Берунӣ нигоштааст: «Ин ид монанди дигар аъёд барои умуми мардум аст. Аз ойини Сосониён дар ин рӯз ин буд, ки тоҷеро, ки ба сурати офтоб буд, ба сар мегузоштанд ва дар ин рӯз барои ирониён бозоре барпо мешуд» (4, 247). Пойинтар дар мавриди суннат ва шеваи тақдимоти ҳадоёи меҳргонӣ дар дарбори мулуки Хуросон менависад: «Ва дар мулуки Хуросон расм аст, ки дар рӯзи Меҳргон ба сипоҳиён ва артишиён рахти пойизӣ ва зимистонӣ медиҳанд» (4, 249). Маросимоти меҳргонӣ баъди густариши ислом низ аз байн нарафтанд. Аз ҷашнҳои дувоздаҳгона (фарвардингон, урдубиҳиштгон ва амсоли онҳо) пас аз ислом танҳо Меҳргон ба таври расмӣ ва шукӯҳманд таҷлил мегардидааст (12, 79). Дар қарнҳои нахустини ислом дар тамоми Эрон ва ҳатто дар бархе аз навоҳии берун аз он низ роиҷ будааст. Хулафои Умавӣ, Аббосӣ ва ҳокимимони нимамустақили қарнҳои 3–4 умдатан, бо баргузор шудани ин ҷашн мухолифат надоштанд. Ҳокимони нимамустақили иронитабор ба баргузории маросимоти меҳргонӣ нисбат ба хулафои Умавию Аббосӣ аҳаммияти бештаре қоил буданд. Ашъору осори адибоне монанди Фирдавсӣ, Рӯдакӣ,

Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Дақиқӣ, Унсурӣ, Носири Хисрав, Берунӣ, Ҷаҳонгирӣ, Асадии Тусӣ ва амсоли онҳо гувоҳи онанд, ки ҷашни Меҳргон бо шукӯҳу шаҳомати вежа дар замонҳои гуногун таҷлил мегардидааст. Махсусан, дар аҳди Сомониён ба ҷашни Меҳргон арҷ мегузоштанд ва онро бо ҷалолу шукӯҳ хосу ом баргузор мекарданд. Устоди шеъри тоҷикӣ Абӯабдулоҳ Рӯдакӣ ҷашни Меҳргонро чунин тасвир кардааст:

*Малико, ҷашни Меҳргон омад,*
*Ҷашни шоҳону хусравон омад [9, 58).*

Ҳаким Фирдавсӣ пайдоши ин ҷашнро ба даврони подшоҳии Фаридун ихтисос медиҳад ва маросимоти онро чунин тасвир мекунад:

*Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор,*
*Надонист ҷуз хештан шаҳриёр.*
*Ба расми Каён тоҷу тахти меҳӣ,*
*Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ.*
*Ба рӯзи хуҷаста сари Меҳрмоҳ,*
*Ба сар барниҳод он каёникулоҳ.*
*Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,*
*Гирифтанд ҳар кас раҳи Эзадӣ.*
*Дил аз довариҳо бипардохтанд,*
*Ба ойин яке ҷашни нав сохтанд.*
*Нишастанд фарзонагон шодком,*
*Гирифтанд ҳар як зи ёқут ҷом.*
*Майи рӯшану чеҳраи шоҳи нав,*
*Ҷаҳон нав зи доду сари моҳи нав.*
*Бифармуд, то оташ афрӯхтанд,*
*Ҳама анбару заъфарон сӯхтанд.*
*Парастидани Меҳргон дини ӯст,*
*Таносоию хӯрдан ойини ӯст.*
*Агар ёдгор аст аз ӯ моҳмеҳр,*
*Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чеҳр. (14, 87-88).*

Ғазнавиён тибқи русуми қадимӣ аз Меҳргон истиқбол мекарданд. Пас аз ҳуҷуми муғул ҷашни Меҳргон тадриҷан маъруфияташро аз даст дод ва таҷлили он танҳо миёни зардуштиён ба таври шоиста идома ёфт.

Дар Тоҷикистон Меҳргон баъди фосилаи дарози таърихӣ дубора эҳё гардид. Аз охири солҳои ҳаштодуми садаи бист гурӯҳе аз фарҳангиёну равшанфикрони миллӣ дар заминаи шинохт ва таҷлили Меҳргон ба унвони ҷашни миллию фаслӣ саъй карда, саҳифаи наверо дар ин роҳ оғоз бахшиданд. Марҳилаи навини таърихӣ дар ин замина бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ меёбад, ки шароити мусоидро барои таҷлили саросарии ин иди аҷдодӣ фароҳам овард. Дар ин давра масъалаи шинохту омӯзиш, таҳқиқи ойинҳои миллӣ, аз ҷумла Меҳргон, ҳифзу нигоҳдошти онҳо дар сатҳи давлатӣ ва илми миллӣ матраҳ гардид. Таҷлили саросарии ҷашну маросимҳои бостонии миллӣ назири Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ба сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ расонидани иду маросимоти мардумӣ аз авлавиятҳои сиёсати давлатӣ шинохта шудаанд, ки дар масири фарҳангустарӣ ва давлатдории миллӣ падидаи нави таърихӣ маҳсуб меёбад.

Ба назари муҳаққиқон, Меҳргон на ба он хотир, ки номи моҳ ба рӯзи моҳ баробар мешавад, ҷашн гирифта мешудааст, балки ба ифтихори шарофату қудсияти зиндагӣ ва арзиши умри инсонӣ таҷлил мегардидааст. Ба ин маъно, Меҳргон эҳсоси зиндагипарастии инсон ва дар маҷмӯъ, мардумро ифода мекунад. Чун Меҳргон бо аҳду паймон ва меҳру муҳаббат иртиботи зотӣ ва маъноӣ дорад, сатҳу сифати зиндагидӯстӣ, зебоиписандӣ, фарҳангустарии одамонро боло мебарад. Гузашта аз ин, Меҳргон чун дигар иду ҷашҳои бостонии миллӣ бо нуру рӯшноӣ ва меҳру фурӯзандагӣ тавъам ва ба аносири заминию материалӣ иртиботи бевосита

дорад ва маҳз ҳамин махсусият онро миёни қавму милали ҷаҳонӣ, чи дар гузашта ва чи имрӯза зинда нигаҳ доштааст (8,78).

Ҳамин тариқ, Меҳргон ҳамчун ҷашни фарогир мазҳари аҳду паймон, адолат, бедорӣ, назм, ростӣ, далерӣ ва роҳнамои одамиён дар торикӣ буда, мисли соири ҷашн ва дигар арзишҳои фарҳангии аҷдодӣ паёмовари сулҳ, ҳамбастагӣ, шодию дӯстӣ, тараннумгар ва инъикоскунандаи ормонҳову эҳсосот, ҳувияту худшиносӣ ва воқеияти таърихию фарҳанги миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Фалсафа ва ҳикмати ин ҷашн ифодагари он аст, ки мардуми форсу тоҷик дар ҳар давру замон, новобаста ба шароити сиёсию иҷтимоӣ ва мансубияти динию нажодӣ зиндагиву инсонро муқаддаму муқаддас медонистанд ва тавассути таҷлили ҷашну маросим, қабл аз ҳама, иттиҳоду ҳамбастагии инсонҳоро мехостаанд. Хусусияти фарогирии ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Меҳргон дар он зоҳир мешавад, ки раванди баҳамойӣ, ҳамиштирокӣ ва ҳамшарикии миллию мардумиро дар умури иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ таҳкиму тақвият мебахшад (8,84). Аз ин рӯ ҳамаи моро, махсусан қишри ҷавононро зарур аст, ки дар раванди зинда ва мавриди таҷлил қарор додани ҷашнҳои миллӣ саҳми муносиб бигирем ва бо амалкардҳои муфиди инфиродию дастҷамъӣ ҷашну ойинҳои миллиро ба сатҳи иҷтимоӣ ва мардумӣ бирасонем ва умри онҳоро барои садсолаҳо дароз намоем. Зеро ба таври шоиста тарғиб намудану эҳё кардани ҷашнҳои миллию мардумӣ сатҳи бухрони ҳувиятиро, ки ҷомеаҳои имрӯзиро аз ҳар ҷиҳат таҳдид мекунад, коҳиш дода, ва роҳро барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, тақвияти низоми дунявӣ ва сохтмони давлати ояндадори миллӣ ҳамвор месозад.

## Адабиёт


1. Баҳромӣ, Эхсон. Фарҳанги вожаҳои Авасто. Ҷилди. 11. – Теҳрон 1369.
2. Балъамӣ Муҳаммад ибн Муҳаммад. Таърихи Балъамӣ. Теҳрон: интишороти вазорати фарҳанг, 1341
3. Берунӣ Абурайҳон. Ат-Тафҳим-ал-авоил саноат-ут-танҷим. Тасҳеҳи устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ. –Теҳрон. 1357
4. Берунӣ Абурайҳон. Осор-ул-боқия. Тарҷумаи Акбари Доносиришт. –Теҳрон: Амири Кабир, 1362
5. Деҳхудо Алӣ Акбар. Луғатнома. Ҷилди 14. Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, чопи дуввум. Теҳрон, 1377
6. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди чаҳорум / Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Амири Кабир, 1364
7. Негмати А. Э. Земледельческие календарные праздники древних таджиков и их предков. –Душанбе: Дониш, 1989
8. Нурзода Н. Меҳргон – зодаи фарҳанги миллӣ. //Илм ва ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ, № 4 (12), 2018. – С.77-84.
9. Осори Рӯдакӣ. Зери тахрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод, 1958
10. Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. Теҳрон: Беҳҷат, 1380
11. Раҳимов Дилшод. Фолклори тоҷик. –Душанбе: «Эҷод», 2009
12. Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз (нигариш ва пажӯҳише мардумшинохтӣ).–Теҳрон, 1376
13. Фарҳанги форсии Амид. Таълифи Ҳасан Амид. Чилди севум. –Теҳрон: Амири Кабир, 1365.
14. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди аввал. –Теҳрон: Корвон, 1387.

## ШИНОХТИ ЧЕҲРАҲО

**Нозим НУРЗОДА**
*пажӯҳишгар*

# ФАЙЛАСУФЕ МИЛЛӢ ДАР МАСИРИ ОЗОДАМАНИШИЮ ПОКИЗАГӢ

(чанд мулоҳиза дар ҳошияи 90-солагии муҳаққиқ, файласуф ва инсони озодаву покиза, профессор Иброн Шарифович Шарифов)

Бо он ки илму фалсафа ва техникаву технология ба таври бесобиқаву суръати кайҳонӣ пеш меравад ва инсон ба авҷи осмон ва қаъри замин даст меёбад, ҷаҳону олами ҳастӣ беш аз пеш ба инсонҳои покизаву самимӣ, ки воқеан, виҷдони ҷомеа маҳсуб мешаванд, эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ҳанӯз нимаи дуюми садаи бист бузургтарин равонкови ғарбӣ Эрих Фромм вазъи карахтии фикрӣ, камбуди отифӣ, бетаваҷҷуҳию бетафовутӣ ва беэътиноӣ ба сарнавишти инсониро эҳсос намуда, ба башар муроҷиаткунон гуфта буд, ки дар асри бист башарият ба авҷи кайҳон ва умқи замин даст ёфт, акнун замоне фаро расидааст, то инсон шаваду бас (қавли таҳтуллафзии Фромм ба забони русӣ: “давайте, просто быть человеком”). Аз қавли Фромм солҳои зиёде мегузаранд, вале ҳанӯз мушкилоти ҷиддӣ дар самти одамгарӣ ва отифати инсонӣ ҳамоно боқӣ мемонад ва роҳи бухронҳои амиқи равонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва маданиро ҳамвортар месозад. Албатта, дар ҷомеа ҳанӯз инсонҳои шариф, наҷиб, поктинат, ростқавл, фурӯтан, пурҷасорат, пурмуҳаббат, хирадманд, якрӯ, якзабон, якқавл ва билохира бовиҷдон вомехӯранд ва маҳз онҳоянд, ки чун

муттако камари башарро аз шикастан бозмедоранд. Муҳимтар аз ҳама, инсонҳои шарифу наҷиб, бузургу якрӯ ва бовиҷдону хирадманд ба зиндагӣ маъно мебахшанд. Ин аст, ки файласуфи шаҳири олмонӣ Карл Ясперс дар китоби "Маъно ва ҳадафи таърих" инсонҳои бузургро "маънои таърих" номида буд.

Бидуни шак, дар қатори инсонҳои шарифу наҷиб, поку якрӯ, ғамхору меҳрубон ва донишманду қавиирода файласуфи фақид, доктори имлҳои фалсафа, профессор Иброн Шарифов қарор дорад. Устод Иброн Шарифов як умри азизро сарфи хидмат ба илму фалсафаи миллӣ намуда, дар ин роҳи мушкилписанду ифтихорӣ то вопасин нафасҳо умрфарсоӣ кардааст. Ҳамеша якрӯ ва якзабон будааст ва ин мушаххассаи ахлоқию ҳувиятиро аз муҳити тарбиятии музофотӣ ва ҳавзаҳои фикрию мадании замони шӯравӣ ба мерос гирифтааст. Барои рӯшан шудани ҷанбаҳои шахсиятӣ, ҳувиятӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-фалсафӣ ва мадании устод Иброн Шарифов иҷмолан сафаҳоти зиндагиномаи ӯро варақгардон мекунем.

Ин инсони бовиҷдон ва вораста аз қайдубандҳои зиндагӣ 10 октябри соли 1931 дар деҳаи Алисурхони ноҳияи Сангвор (собиқ Тавилдара) таваллуд шуда, ҳанӯз дар айёми тифлӣ аз падар маҳрум мемонад ва давоми солҳои 1940-1951 дар муҳити хонаи бачагони ноҳияҳои Тавилдара, Сангвор ва баъдан Омӯзишгоҳи омӯзгории Орҷоникедзеобод (Ваҳдати имрӯза) тарбият меёбад. Дар замони таҳсилоти ибтидоӣ, мутавассита ва миёнаи махсус, ки бо фазои таълимию тарбиятии музофотӣ иртибот мегиранд, устод Иброн Шарифов бо заҳматталабӣ ва кушоию ҷӯёӣ аз муқаддимоти илмҳои гуманитарӣ ва табиию риёзӣ огоҳ мешавад ва барои такмили донишу биниш ба пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе азм мекунад. Ногуфта намонад, ки дар парваришгоҳу тарбияткадаҳою

омӯзишгоҳҳои шӯравӣ мутахассисони варзидаи соҳаи омӯзгорӣ кору фаъолият мекарданд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони сахтгиру дар айни замон меҳрубон, ки фазою муҳити таълимию тарбиятии мусоиде ба вуҷуд оварда буданд, дар ташаккули шахсияти Иброн Шарифов нақши калидӣ гузоштаанд.

Ба ин тартиб, Иброн Шарифов баъди хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории Орҷоникидзеобод соли 1951 ба муҳити илмию мадании пойтахт ворид мегардад ва ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (имрӯза ДМТ) дохил шуда, онро соли 1956 бомуваффақият хатм мекунад. Дар ин муддат устод бо муҳити илмию фаннӣ ва адабию фарҳангии донишгоҳ, ки он замон дар ҷумҳурӣ ягона буд, ошно мегардад. Дар замони шӯравӣ омӯзиш дар заминаи илмҳои таърихию фалсафӣ бо шумули таърихи КПСС, таърихи СССР, коммунизми илмӣ, атеизми илмӣ, материализми диалектикӣ ва амсоли инҳо, ки бо сиёсат ва мафкураи давлатӣ тавъам буданд, имтиёзи ҷиддӣ ба шумор мерафт. Мутаассифона, на ҳар нафар донишҷӯ ва ҳатто устоди донишгоҳ аз уҳдаи фаҳму дарки масоили таърих ва фалсафаи марксистӣ-ленинӣ мебаромад. Дар бисёр маворид, аҳли донишгоҳу донишкадаҳо ва ҳатто ходимони ҳизбӣ танҳо ба хотири супурдани имтиҳоноти ҷорию давлатӣ ва мақому ҷойгоҳи сиёсӣ касб кардан фанҳои мазкурро аз худ мекардангу халос. Аммо Иброн Шарифов дар омӯзиши илмҳои таърихию фалсафӣ саҳлангорӣ намекард ва азбаски тарбияти коммунистиро дар муҳити хона-интернатҳои давлатӣ гирифта буд, худро, пеш аз ҳама, фарзанди давлату ҳукумат медонист. Ин буд, ки, чи дар замони донишҷӯйӣ ва чи дар даврони пажӯҳишгарӣ аз муруру мутолеоти мероси илмӣ-эҷодии таърихию фалсафӣ даст накашид ва ба сиёсату мафкураи давлатӣ ҳамчунон содиқ боқӣ монд. Садоқат ба

идеалҳои ҳизбию мафкуравию давлатӣ вежагии шахсию ҳувиятии мунҳасир ба фарди Иброн Шарифов будааст.

Маҳорату малака ва салиқаи омӯзгорӣ ва илмӣ-пажӯҳишии устод Иброн Шарифовро ба назар гирифта, ӯро пас аз хатми Донишгоҳ ба кори омӯзгорӣ дар кафедраи марксизм-ленинизми Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб (1956-1958) ҷалб менамоянд. Як муддат (солҳои 1959-1960) устод дар мактаби миёнаи умумии ба номи Ф.Энгелси ноҳияи Восеъ ба сифати директори муассиса фаъолият мекунад ва дар таҳкиму тақвият додани раванди таълиму тарбияи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва маорифи музофотӣ саҳм мегирад. Баъдан, ба муҳити илмӣ-пажӯҳишӣ бармегардад ва солҳои 1960 – 1963 ба таҳсилоти аспирантурӣ мепардозад ва ҳамзамон дар Институти педагогии ба номи Т.Г. Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба омӯзгорӣ машғул мешавад. Соли 1965 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Ростқавлӣ – хислати ҷудонопазири одамони советӣ" дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа мегардад ва корро дар муҳити илмӣ-академӣ идома медиҳад. Аз ин ҷост, ки устод Иброн Шарифов солҳои 1964 – 1968 вазифаи ходими хурди илмӣ ва солҳои 1968 – 1970 вазифаи ходими калони илмии Шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда доштанд.

Дар ин давра устод Иброн Шарифов ба масоили иҷтимоӣ ва фалсафӣ ҷиддитар таваҷҷуҳ намуда, бо иштироки фаъол дар конфронсу ҳамоишҳои сатҳи ҷумҳуриявию минтақавӣ ва умумииттифоқӣ бо ҳавзаҳои илмию фалсафии Маскаву Ленинград аз наздик ошно мегардад ва таҳқиқоти худро дар заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ идома медиҳад. Ба ин манзур, соли 1979 дар дили илму сиёсати шӯравӣ -- шаҳри Маскав дар Институти фалсафаи Академияи илмҳои ИҶШС дар мавзӯи "Қонуниятҳои ташаккули муносибатҳои

сотсиалистии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон” рисолаи докторӣ дифоъ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки устод Иброн Шарифов ҳамчун инсони ростқавл, якрӯ, поквиҷдон, сахткӯш ва коммунисти содиқу самимӣ миёни доираҳои илмию фаннии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибэҳтиром гардида буд, то ҷое ки ҳангоми муошırату муроҷиати рӯзмарра ва ҳатто дар ғоиб ӯро эҳтироман “Иброн Шарифович” мегуфтанд ва минбаъд ин навъи муроҷиати эҳтиромӣ то охири умри устод ҳамчунон идома меёбад (ва то имрӯз нафароне, ки устодро мешиносанд, дар нисбати ӯ, бегумон, титули эҳтиромии “Иброн Шарифович”-ро риоят мекунанд). Устод аз соли 1971 то соли 1983 вазифаи мудири бахши коммунизми илмии Шуъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро карда, дар ин муддат дар тарбияи кадрҳои илмии Шуъба саҳми муносиб гузоштааст. Раёсати Академияи имлҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон  сахткӯшию покизакорӣ ва бовиҷдонии устод Иброн Шарифовичро ба назар гирифта, ӯро ба вазифаи котиби Кумитаи ҳизбии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1980-1983) бармегузинанд.

Устод Иброн Шарифович  кори илмӣ-пажӯҳиширо дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти омӯзгорӣ идома дода, солҳои 1984-1994 вазифаи мудирии кафедраи фалсафаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г.Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро ба уҳда доштанд. Солҳои 1994-1997 бо унвони профессори кафедраи фалсафаи ДДОТ, солҳои 1998-2001 вазифаи мудирияти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон – Русияро низ ба уҳда дошта,  давоми солҳои 2001-2009 ба унвони профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳи мазкур ифои вазифа намудааст. Ҳамзамон, аз соли 2004 то ибтидои соли 2013 дар Шуъбаи сиёсатшиносии Институти

фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сарходими илмӣ фаъолият кардааст. Ҳанӯз 12 декабри соли 1986 Комиссияи олии аттестатсионии ИҶШС (ВАК) ба устод Иброн Шарифович унвони илмии "профессори фалсафа"-ро сазовор донистааст. Барои фаъолияти пурсамари илмию эҷодӣ ва таълимию тадрисӣ устод Иброн Шарифович бо Медали "Барои меҳнати шоён" қадрдонӣ гардидааст.

Устод Иброн Шарифович тайи фаъолияти илмӣ-пажӯҳишӣ ва эҷодӣ 6 монография, 4 ҷузва (брошюра), зиёда аз 150 мақолаи илмӣ таълиф ва интишор кардааст. Муҳимтарин рисола ва матолиби устод Иброн Шарифов, ки ба омӯзишу таҳқиқи равандҳои сиёсию иҷтимоии замон, ташхиси ахлоқи коммунистӣ, бозшиносии арзишҳои идеологӣ-мафкуравии даврон, ташаккулёбии давлатдории миллӣ дар шароити нави таърихӣ ва ташаккули биниши илмӣ-фалсафии ҷомеа ихтисос ёфтаанд, аз қарори зайланд: "Ростқавлӣ – хосияти ҷудонопазири одамони советӣ" (-Душанбе: "Ирфон", 1967), "Заминаҳои табдили муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ" (Қисми 1. –Душанбе: "Дониш", 1974), "Ташаккули ахлоқи коммунистӣ" (-Душанбе: "Ирфон", 1975), "Табдили муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ" (Қисми 2. -Душанбе: "Дониш", 1976), "Қонунҳои ташаккули сотсиалистии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон" (-Душанбе: "Дониш", 1983), "Табдили муносибатҳои идеологӣ дар Тоҷикистон" (-Душанбе: "Дониш", 1986), "Становление таджикской государственности" (-Душанбе, 2013).

Устод дар марҳилаи нави таърихӣ – даврони соҳибистиқлолӣ аз аввалинҳо шуда, атрофи муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, ахлоқӣ, маданӣ, ки дар шаклгирии шуури ҷамъиятӣ ва сохтмони давлатдории миллӣ сахт муассиранд, таҳқиқ намуда, дар ин замина

матолиби ҷиддӣ дар матбуоти даврии ватанӣ интишор додааст. Ба сухани дигар, устод миёни олимону донишмандон ва рӯшанфикрони миллӣ аз аввалинҳо шуда, дар замон ва шароити нави сиёсию геополитикӣ бо масъулияти тому тамом доир ба масоили сиёсию иҷтимоӣ ва идеологию маданӣ дар матбуоти даврӣ изҳори назар намудааст. Солҳои 1997-1998, ки Тоҷикистон ба марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардид, дар матбуоти даврии ватанӣ, махсусан, дар рӯзномаи навтаъсиси "Ҷунбиш" баҳсҳои ҷиддие сари мавзӯъ ва масъалаҳои таърихи тамаддуну фарҳанги бумӣ, решашиносии мушкилоти иҷтимоию мафкуравӣ, раванди худогоҳию худшиносӣ, нақши ҷаҳонбинии фалсафӣ дар шинохти мушкилоти ватанӣ, сохтмони давлатдории миллӣ, авомили заъфи рӯҳияи тоҷикӣ, таъсири таҳоҷумоти сиёсию мафкуравӣ ба рӯҳия ва зеҳниёти миллӣ сурат мегирифтанд ва устод Иброн Шарифович, воқеан, аз пешгомони ҷараёни рӯшангарии миллӣ дар он вазъу шароити сиёсию маданӣ маҳсуб мешавад.

Дар он замон матолиби ҷиддӣ ва илмӣ-оммавии Иброн Шарифович дар мавзӯоти муҳим ва доғи рӯз, минҷумла "Сабабҳои таърихӣ ва масъалаҳои инкишофи худшиносии миллии тоҷикон дар замони ҳозира" (//Ҷунбиш, №1 (11), январи соли 1998), "Аҳамияти омӯзиши идеяҳои умумимиллии ҷалби тоҷик дар марҳилаи ҳозира" (//Ҷунбиш №3 (13), феврали соли 1998), "Ҷаҳонбинии фалсафӣ – омили муҳимми шинохти ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистони имрӯза" (//Ҷунбиш "13-14 (23-24), июли соли 1998) ва амсоли инҳо дар дарку фаҳми масоил ва ташхиси мушкилоти рӯз муассир будаанд. Гузашта аз ин, устод он замон таҳқиқи масоили ба истилоҳ, доғро дунбол карда, дар қиболи мушкилоти замонию маконӣ ба забони русӣ силсиламақолоти илмӣ-академӣ ва илмӣ-оммавӣ мунташир

мекунад. Аз ҷумла, масъалаҳои сиёсию мафкуравӣ ва иҷтимоию маданӣ дар силсиламақолоти илмӣ ва илмӣ-оммавии устод Иброн Шарифович “Развитие межнациональных отношений советского периода в Таджикистане” (см.: //Развитие национальных отношений в современном Таджикистане (Сборник). –Душанбе: “Дониш”, 2002), “Распад СССР и обострение межнациональных отношений” (см.: //Развитие национальных отношений в современном Таджикистане (Сборник). –Душанбе: “Дониш”, 2002), “Предпосылки преобразования важнейших аспектов межнациональных отношений независимого Таджикистана” (ниг.: //Минбари халқ, №11 (56), 29. 11. 2001), “Состояние межнациональных отношений в постсоветском независимом Таджикистане” (см.: //Развитие национальных отношений в современном Таджикистане (Сборник). –Душанбе: “Дониш”, 2002), “Эпохальное событие на путях укрепления национального государства” (см.: //Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. №3-4, 2004), “Санаи нодири таърихӣ дар бораи таҳкиму пойдории давлати миллӣ” (ниг.: //Ҷумҳурият, №14 (20548), 14 сентябри соли 2002) васеъ инъикос ёфтаанд.

Агар дар даврони шӯравӣ устод масоили муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ахлоқи коммунистиро аз дидгоҳи марксистӣ-ленинӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода бошад (барои иттилооти бештар дар ин замина таваҷҷуҳ шавад ба: Шарипов, Иброн. Ростқавлӣ – хосияти ҷудонопазири одамони советӣ. -Душанбе: “Ирфон”, 1967; Шарипов, Иброн. Заминаҳои табдили муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ. Қисми 1. –Душанбе: “Дониш”, 1974; Шарипов, Иброн. Ташаккули ахлоқи коммунистӣ. -Душанбе: “Ирфон”, 1975; Шарипов, Иброн. Табдили муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар

роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ. Қисми 2. -Душанбе: "Дониш", 1976; Шарипов, Иброн. Қонунҳои ташаккули сотсиалистии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе: "Дониш", 1983; Шарипов, Иброн. Табдили муносибатҳои идеологӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе: "Дониш", 1986), дар марҳилаи Истиқлоли давлатӣ мавзӯоти марбут ба тағйирёбӣ-трансформатсияи ҷомеаи тоҷикӣ ва сохтмони давлатдории миллиро бо истифода аз методологияи илмӣ пайгирӣ мекунад ва дар ростои мушкилоти миллӣ, аз ҷумла: беадолатиҳои марзӣ-ҳудудии солҳои бистуми садаи бист; муқовимати интеллигенсияи миллӣ дар баробари пантуркизм ва соири зуҳуроти бегона; хиёнаткориҳои худиву бегона, сепаратизм-ҷудоиталабии қавмию сиёсӣ ва авоқиби фоҷеабори он; муаррифии шоистаю боистаи мероси гаронмояи илмию фарҳангии тоҷик дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ; авомили таҳкими давлатдории миллӣ; бедории элитаи сиёсию фарҳангӣ; иллатҳои зуҳуру нуфузи маҳалгаройӣ дар ҷомеаи тоҷикӣ; зарурати фалсафаи миллӣ ва ҷаҳоншиносии илмӣ дар барқарорсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ; қудрати миллӣ дар шароити ҳувиятсозӣ назароти ҷолиб ва ҳирфаӣ ироа медорад (барои иттилооти бештар таваҷҷуҳ шавад ба китоби ахирии устод: Шарипов, Иброн. Становление таджикской государственности. –Душанбе: "Дониш", 2013. -120 с.).

Устод Иброн Шарифович ба дараҷае ба мавзӯот ва масоили сиёсию иҷтимоӣ ва мафкуравӣ-идеологӣ мутамоил будааст, ки ҷомеашиноси маъруфи тоҷик, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҷомеашиносӣ, профессор Шоназар Шоисматуллоев, бемуҳобо, ӯро "патриарх-саромади мактаби сиёсатшиносии ватанӣ" номидааст (см.: Шарипов, Иброн. Становление таджикской государственности. –Душанбе: "Дониш", 2013. –С.3). Аз ҳама

муҳим, Иброн Шарифович дар масоили миллӣ, бавежа шинохту ташхиси уқдаҳои фикрӣ ва заъфи сиёсиву маънавии миллати тоҷик хеле ҳасос будааст. Устод бар мабнои осори илмӣ-таҳқиқии ватанию хориҷӣ, махсусан маводи пажӯҳишии муътамади ғарбӣ масоили марбут ба миллатро таҳқиқ намуда, масири ташаккулу таҳаввул ва хостгоҳи миллатро дар паҳнои таърихи миллию фаромиллӣ мушаххас мекунад. Иллату сабабҳои шикасти рӯҳияи миллиро устод дар маҳалгаройӣ ва анвои гуногуни ҷудоиталабӣ, аз ҷумла сепаратизми маҳаллию миллӣදониста, саҳми интеллигенсияи миллиро дар рафъи мушкилоти ҳувиятӣ ва бурунрафт аз буҳронҳои фикрию ақидатӣ калидӣ арзёбӣ кардааст (ниг.: Шарипов, Иброн. Становление таджикской государственности. –Душанбе: "Дониш", 2013. –С.53-63).

Устод Иброн Шарифович, қатъи назр аз он ки дар муҳиту рӯҳияи интернатсионализми шӯравӣ тарбият ёфта буд, пайваста сари масъалаҳои ҳассоси замонӣ – мушкилоти фикрию равонӣ, буҳронҳои ҳувиятӣ, воқеиёти даврӣ, сарнавишти миллӣ, ҷабри таърихӣ ва амалкардҳои душманони дохилию хориҷӣ дар нисбати миллияти тоҷикӣ тааммулу тамаркуз карда, кӯшидааст, ки маҷмӯаи масоили доғро аз дидгоҳи илмию ихтисосӣ баррасӣ намояд. Дар зимн, устод Иброн Шарифович донишмандону зиёиёни миллиеро, ки ба мушкилоти ҳувиятӣ, аз ҷумла ташаккули миллати тоҷик дар мароҳили гуногуни таърихӣ пессимистона бархӯрд мекунанд, интиқод намуда, манзараи сарнавишти миллиро дар шароити нави таърихӣ воқеъбинона (оптимистона) тасвир месозад. Воқеан, як идда аз пажӯҳишгарону зиёиёни ватанӣ дар ибтидои солҳои дуҳазорум ба дараҷаи як миллати бутун ташаккул наёфтани тоҷикро арзёбӣ мекарданд ва устод Иброн Шарифович бошад, ҳамчун рӯшангари миллӣ дар он марҳилаи ҳассос аз ҳастию вуҷуди таърихию воқеии миллияти

тоҷикӣ дифоъ намуда, дар баробари нотавонбинон ва душманони миллат ҷасоратмандона қад алам кард (ниг.: Шарипов, Иброн. Становление таджикской государственности. –Душанбе: "Дониш", 2013. –С.117-119). Мавқеъгирии илмӣ ва миллии худро устод Иброн Шарифович то вопасин нафасҳои зиндагӣ (устод моҳи марти соли 2013 аз олам даргузаштанд) идома дод ва ҳамчун шахсияти озодаву покиза миёни табақоти гуногуни иҷтимоӣ, хосса файласуфону донишмандон маҳбубият дошт.

Устод Иброн Шарифович мушкилоти пойин рафтани сатҳи ҷаҳонбинии фалсафӣ ва илмиро дар ҷомеа эҳсос намуда, бад-он мекӯшид, ки аз тариқи нашру пахши мақолоту матолиби илмӣ-фалсафӣ роҳро барои рафъи бuҳронҳои фикрию фалсафӣ ва иҷтимоию маданӣ ҳамвор созад. Ба ин маъно, устод бо файласуфону донишмандони воқеии миллӣ ва ватанӣ дар ҳамкорӣ ва робитаи мудавоми илмию эҷодӣ буд. Барои намуна, файласуфи муосири миллӣ, устод Комил Бекзода ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи вазъи равшанфикрии миллӣ дар ҷомеаи тоҷикӣ дар қолиби назарсанҷии ҷомеашинохтӣ 55 пурсиши фалсафӣ таҳия намуда, 18 декабри соли 2008 дар ҳафтаномаи мустақили "Зиндагӣ" (муассисаш Қурбоналӣ Хуҷамов) ба чоп расонд. Пурсишҳо, асосан ба тими файласуфону донишмандони миллию ватанӣ иртибот доштанд, то аз тариқи посуххои онҳо сатҳи равшанфикрӣ дар миёни табақоти илмӣ ва ҷомеаи мадании тоҷик мушаххас шавад. Устод Комил Бекзода сари вақт барои посухи дақиқ гирифтан пурсишномаи фалсафиро шахсан ба ҳар як донишманду файласуфи матраҳи миллию ватанӣ расонда буд. Мутаассифона, тайи зиёда аз як сол танҳо нафарони ангуштшуморе ба пурсишномаи фалсафии устод Комил Бекзода посух доданду халос. Дар сафи пеши ангуштшумороне, ки ба пурсишоти фалсафӣ посух дода

буданд, профессор Иброн Шарифович қарор дошт ва ӯ масъулиятро эҳсос намуда, аллакай 9 декабри соли 2008 бо имзои шахсӣ посухҳояшро дар ҳаҷми 13 саҳифаи чопи компютерӣ ба муаллиф (Комил Бекзода) пешниҳод намуд. Мавқеъгириҳои фалсафӣ ва посухҳои дақиқи профессор Иброн Шарифовичро устод Комил Бекзода ҳамчун намунаи боризи равшанфикрии миллию ватанӣ дар матлаби вежае таҳти унвони "Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз" интишор дод (ниг.: Бекзода, Комил. Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз. //Ҷаҳонбинии оянда ва бархӯрди андешаҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: "Дониш", 2015. С.380-405).

Устод Иброн Шарифович минҳайси файласуф ва ҷомеашиноси ватанӣ бухронҳои ахлоқӣ, равонӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва илмиро дар сатҳи ҷаҳон ба мушоҳида гирифта, омӯзиши фалсафаро дар шароити бархӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ муқтазои замонию маконӣ ва амру зарурати миллию таърихӣ медонист. Ин буд, ки дар сатҳи як равшанфикри миллию ватанӣ фалсафаро ҳамчун "бонуи илмҳо" таърифи ҷолибе додааст: "Фалсафа тафаккури назариявӣ буда, ҳолати ҷаҳонбинӣ ва манзараи худшиносии иҷтимоиро дар фосилаи замони мушаххаси таърихӣ, мунтақидона ва ба таври диалектикӣ меомӯзад. Фалсафа чун "ҷавҳари маънавии замони худ" моҳияти инқилобӣ дошта, як навъ вазифаи ""ғирбол"-и ҷаҳонбиниро адо мекунад" (ниг.: Бекзода, Комил. Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз. //Ҷаҳонбинии оянда ва бархӯрди андешаҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: "Дониш", 2015. С.389).

Тавре ки дар боло ишора рафт, устод миёни ҷомеаи илмӣ ва мадании ҷумҳурӣ бо вежагиҳои ҳувиятии инфиродие назири ростқавлӣ, ростгӯйӣ, фурӯтанӣ, поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ, садоқатмандӣ, поквиҷдонӣ, миллатдӯстӣ, ватанпарастӣ ва инсонпарварӣ ном бароварда буд ва ҳар

нафаре, ки то имрӯз дар бораи ин шахсияти фалсафӣ ва илмӣ суҳбат мекунад, ҳатман мушаххасоти ахлоқӣ ва виҷдонии ӯро тавсифу тамҷид менамояд. Ҳар қадар сафи шахсиятҳое назири Иброн Шарифович дар ҷомеа зиёд шаванд, ҳамон қадар ояндаи неку дурахшоне халқу миллати тоҷикро дар пеш хоҳад буд.

Ёдаш ба хайр!

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ҷомеашинос*

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ИНСОНИ АСИЛ
**(Ҳикоя)**




Ҳар кӣ пешаи мушкилписанди рӯзноманигориро интихоб мекунад, хуб медонад, ки чӣ роҳеро дунбол менамояд. Аз тарафи дигар, рӯзноманигор бо воқеияти зиндагӣ сари кор мегирад ва барои матраҳ кардани мавзӯоти муҳим ва во намудани ҳақиқат талош варзида, бо кулли мушкилот дасту панҷа нарм мекунад. Ин аст, ки нони рӯзноманигор осон ба даст намеояд. Илова бар ин, рӯзноманигор пеши худ вазифа мегузорад, ки шахсиятҳои асили рӯзгорро ҷустуҷӯ ва кашф намуда, ба ҳамзамонон ошно созад. Ба ин хотир аз жанрҳои гуногуни рӯзноманигорӣ истифода бурда, дар қолибҳои гуногуни жанрӣ матолиби ҷолиб омода ва пахш менамояд. Аз ин ҷост, ки тавассути матолиби рӯзноманигор мардум бо шахсиятҳои асили рӯзгор ошно мешаванд ва сафаҳоти рангинеро дар робита бо зиндагии шахсию эҷодии онҳо муруру мутолеа менамоянд.

Шабнам Донишгоҳро бо ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намуд ва нахустин рӯзи кории худро аз рӯзи душанбе бо

фаъолият дар радио шуруъ кард. Ӯ ба студияи радио омад ва ба ҳамкорон ошно шуд. Сипас роҳбаронашон ба ҳар як корманд вазифаеро вогузошт. Шабнам низ, ки яке аз кормандони нав дар студияи радио буд, дастуру супориши роҳбарашро гирифт ва тибқи он, мебоист дар мавзӯи "Шахсиятҳои асили кишвар" мусоҳибае омода созад. Аз рӯйи қоида, бояд Шабнам мусоҳибро пайдо менамуд ва бо ӯ суҳбат анҷом медод. Сипас, роҳбари Шабнам ба ӯ супориш дод, ки ба муассисаҳои илмӣ рафта, бо олимони кишвар доир ба мавзӯи "Шахсиятҳои асили кишвар" мусоҳиба омода намояд.

Шабнами ҷавон, ки нав давраи донишҷӯиро паси сар намуда буд, бори аввал барои анҷом додани мусоҳиба роҳ сӯйи муассисаи илмие пеш гирифт. Ӯ ба назди яке аз муассисаҳои илмӣ омада расид. Дар роҳи дарозе, ки он ба самти дохили бинои муассиса равона шуда буд, мардеро дид, ки бо телефон суҳбат дошт. Шабнам аз он мард каме дуртар истод ва мунтазир шуд, то ин ки ӯ суҳбаташро хотима бахшад. Он мард Парвиз ном дошт ва корманди муассисаи илмии мазкур буд. Парвиз ҳангоми суҳбат намудан эҳсос кард, ки духтаре каме дуртар аз ӯ мунтазири ӯст. Дарҳол суҳбати телефониро хотима бахшид. Дар ин лаҳза Шабнам муаддабона салом арз карда пурсид:

–Устод, мехостам чизеро аз Шумо бипурсам?

–Хуб, гӯш мекунам.

–Шумо корманди ин муассиса ҳастед?

–Бале, ин ҷо кор мекунам.

–Ман рӯзноманигор ҳастам ва дар радиои Ҷумҳурӣ кор мекунам. Имрӯз рӯзи аввалини кориам аст. Сардорамон аз ман хоҳиш намуд, то ин ки дар мавзӯи "Шахсиятҳои асили кишвар" мусоҳибае омода намоям.

–Хуб. Ман ба Шумо чӣ кумак карда метавонам?

–Устод, ман бо устодони ин муассиса ошноӣ надорам ва агар имкон мебуд, бо Шумо як мусоҳиба анҷом медодам?

Парвиз ҳолати  Шабнамро хуб эҳсос карда, дар пайи кумак расонидан ба рӯзноманигори ҷавони камтаҷриба иқдом намуд ва чун рамзи ризоият сар ҷунбонд:

Шабнам диктофонро аз ҷайбаш берун кашида, барои сабт омода намуд ва ба пурсиш оғоз кард:

–Устод, мо дар Тоҷикистон шахсиятҳои асилро дорем?

–Бале, то онҷо, ки ман медонам, онҳо зиёд ҳастанд.

–Онҳо дар соҳаҳои махсус кор мекунанд ё соҳаҳояшон гуногун ҳастанд?

–Онҳо дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд ва онҳоро метавон дар  муассисаҳои илмӣ, пажӯҳишгоҳҳо, донишгоҳҳо ва дигар корхонаҳо пайдо кард.

–Аз рӯйи кадом нишона метавон муайян намуд, ки инсони мазкур асил аст?

–Нишонаҳои чунин инсонҳо зиёданд. Барои мисол, яке аз хусусиятҳои инсонҳои асил ин аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ даъвои ҳамадонӣ намекунанд. Бояд зикр намуд, ки инсонҳои мазкур, дар нишастҳо ва суҳбатҳо ба ҳамсуҳбатон гӯш медиҳанду саволҳои муносибро аз онҳо мепурсанд.

–Боз кадоме аз нишонаи онҳоро метавонед иброз намоед?

–Бале, хислати дигари чунин инсонҳо дахолат накардан дар кори дигарон аст. Онҳо роҳи худро доранд ва дар кори дигарон дахолат намудан намехоҳанд.

–Робитаи онҳо дар масъалаи кина гирифтан чӣ гуна аст?

–Аслан ин гурӯҳ одамон дар дил нисбат ба касе кина надоранд. Бояд донист, ки ҳар гоҳе ки кина дар ботини онҳо маскан кард, девори асолати шахсияти онҳо хароб хоҳад шуд.

–Дар мавриди сабурии онҳо чӣ метавон гуфт?

–Бале. Бисёр хуб қайд намудед. Бояд ёдовар шуд, ки онҳо бисёр сабур ҳастанд. Дар коре, ки онро пеша мекунанд,

пурсабр ҳастанд ва онро то охир бурда мерасонанд. Ман фикр мекунам, ин яке аз хислатҳои муҳими онҳост.

–Онҳо нисбати хислатҳои дигарон чӣ гуна рафтор мекунанд?

–Онҳо ба хислатҳои хуби дигарон таваҷҷуҳ менамоянд. Аз ҷиҳати дигар, онҳо дигаронро таҳсин мекунанд, зеро қалби пок доранд ва худро ҳам аз зумраи онҳо мешуморанд.

–Дар мавриди қазоват намудани онҳо чӣ метавонед бигӯед?

–Онҳо дар ҳар коре, ки набошанд, зуд қазоват нахоҳанд кард. Муддатҳо хоҳад тӯл кашид, ки сари ин мавзӯъ андеша кунанд ва ба хулосаи хоси худ бирасанд. Ин аз бузургӣ ва азамати дониши ин гуна шахсиятҳо шаҳодат медиҳад.

–Дар мавриди масир ва роҳи онҳо чӣ назар доред?

–Одамони асил худашон масир ва роҳи инфиродии худро ба нақша мегиранд. Онҳо пойбанди дигарон нестанд. Онҳо касоне ҳастанд, ки андешаи мустақил доранд ва тибқи андешаи мустақили худ рафтор менамоянд.

–Масъалаи ҳурмату эҳтиром дар байни онҳо чӣ гуна аст?

–Одамони асил бо ҳама муҳтарамона бархурд менамоянд ва ба дӯстон, хешутабор, ҳамкорон ҳамеша эҳтиром қоиланд.

–Оё чунин инсонҳо ангезаҳои моддӣ надоранд?

–Зикри ин нукта муҳим аст, ки одамони асил ангезаҳои моддии шахсӣ доранд, вале ба дороии дигарон ҳеҷ гоҳ чашми тамаъ намедӯзанд.

–Оё чунин шахсиятҳо қобили эътимод ҳастанд?

–Одамони асил қобили эътимоданд. Агар онҳо қобили эътимод намебуданд, онҳоро ҳеҷ кас ҳамчун инсони асил қабул намекард.

–Муносибати онҳо бо риёкорӣ чӣ гуна аст?

–Шабнам Шумо саволи хеле аҷибро дар миён гузоштед. Албатта, одамони асил риёкор нестанд. Онҳо ба он чи ки

мегӯянд, амал менамоянд. Дурӯягӣ дар вуҷуди ин гурӯҳ одамон ҷой нахоҳад дошт.

–Лоф задан дар байни ин қабил одамон оё вуҷуд дорад ё не?

–Аслан, бояд ҳамеша ростиро гуфт. Одамони асил ҳеҷ гоҳ лоф намезананд ва худситоӣ низ аз сифатҳои онҳо нест. Бояд ба Шумо як чизро возеҳтар бигӯям, ки худситоӣ ва худхоҳӣ барин хислатҳои бади ахлоқӣ пеши роҳи муваффақиятро мегиранд. Яъне монеъ мешаванд, то ин ки инсон дар зиндагӣ муваффақ гардад.

–Устод, дар хулоса он чи Шумо гуфтед, барои ман равшан гардид, аммо метавонед касеро дар кишвари мо ном баред, ки соҳиби чунин сифатҳо бошад?

–Албатта, метавонам ном бубарам. Ин хислатҳои нек дар симои аксари олимон ва донишмандони кишварамон дида мешавад. Бояд гуфт, ин гуна инсонҳоро мо дар ҷумҳурӣ зиёд дорем. Барои мисол, чунин хислатҳои нек ва инсониро ман дар симои Устоди соҳибхирад ва донишманди бисёр нуктадони мо, Тоҷиддини Мардонӣ мебинам.

–Устод, ташаккур барои ин ки вақти худро сарфи ин мусоҳиба намудед.

–Ҳеҷ гап нест. Ин вазифаи ҳар як олимест, ки доир ба Устодони худ ва ҳампешагонаш изҳори назар менамояд.

Шабнам баъди анҷом додани мусоҳибаи аввалин ва шогирдонаи худ як каме шод шуда, матн ва сабти овози мусоҳибаро танзим карда, ба роҳбараш супорид. Чанде баъд маълум гардид, ки мусоҳибаи бо Парвиз анҷомдодаи Шабнам миёни мусоҳибаҳои радиоӣ ҷойи намоёнро сазовор гаштааст. Шабнам баъд аз мусоҳибаи нахустинаш дар ҷодаи рӯзноманигорӣ қадамҳояшро устуворона гузошт, чунки ба ҳадафаш, ки пайдо намудани инсонҳои асил дар ҷомеа ва суҳбат бо онҳо буд, расид.

## ТАҲИЯ ВА ТАҚРИЗ

# ДОРЮШИ ШОЙГОН
# ЧАҲОР КОНУНИ БУЗУРГИ ФАРҲАНГИ ОСИЁӢ

*(Давомаш- аввалаш дар шумораи № 1 (23), 2021 Маҷаллаи академии илмию оммавии "Илм ва Ҷомеа")*

### ҲИНД

Ҳинд манбаи файёзи тафаккуру диёнат дар Осиё будааст. Ба эътиборе метавон гуфт, ки тамоми тамаддунҳои бузурги Осиё таҳти таъсири биноҳои фикрии хиракунандаву фохири ҳиндӣ будаанд. Дини Буддо, омиле бисёр муассир дар ишоаи (паҳншавии – О.Х.) биниши ҳиндӣ буд.

Бештари мактабҳои фалсафии буддоие аъам (иборат аз – О.Х.) аз "Ҳайноёно" ва "Моҳоёно" дар худи Ҳинд такомул ёфт ва баъд аз роҳи тарҷумаи мутуни санскрит ба тибетӣ ва чинӣ ва сипас аз чинӣ ба жопонӣ чароғи фарзонагии Буддоро дар саросари Осиё рӯшан кард.

Мазоҳири Буддаҳо ва "Будисотуво"-ҳоро мо дар бештари кишварҳои осиёӣ мебинем. Шамоилнигорӣ (иконография – О.Х.)-и буддоӣ ва ҳинду ҷузви аслии бештари асотири осиёӣ гардид ва одобу риёзат, ки аз оини покбозӣ (ёга – О.Х.)- и он марзу бум, яъне одоби юго (ёга – О.Х.) нашъат мегирифт, дар саросари Осиё таъсир гузошт. Қонуни Карма, ки нутфааш дар "Упонишад"-ҳо баста шуда буд, дар оини Буддо баст (такомул – О.Х.) ёфт. Қонуни Карма ангезаи гардонандаи ҳаётро хоҳишу аташ (ташнагӣ – О.Х.) таъбир мекунад ва ин ангезаро қувваи муҳаррики чархи бозпайдоӣ ва ҷараёнҳои пай дар пайи ҳаёт, ки пайваста падидору нопадид мешаванд, медонад.

Аз он ҷо, ки Карма расотарину комилтарин наҳваи табйини (баёни – О.Х.) гардиши гардунаи бозпайдоӣ ва як ойини растагарӣ буд, ҷузъе аз муътақидоти тамаддуне шуд, ки ойини Буддо дар онҳо роҳ ёфт.

Қудрати синтезе, ки сифати шохиси тафаккури эронӣ донистам, дар Ҳинд ба сурати уқёнусе азим ҷилва мекунад, ки ҳама чизро, аъзам аз асотир, орои фалсафӣ, мантиқ, табииёту муътақидоти мазҳабӣ дар худ мустаҳил (ҳал – О.Х.) мекунад ва ин уқёнуси маънавият ҳамон ойини ҳиндуст. Ба ҷуз ойини Буддо ва ҷайн (ҷайнизм – О.Х.), ки ба сабаби буъди зиддибараҳмоии худ натавонистанд дар ин уқёнус мустаҳлик (ғарқ – О.Х.) шаванд, ойини бараҳмоӣ ҳар он чиро, ки аз хоки Ҳинд мерӯйиду мешукуфт ва ба ҳазорон сурат падидор мешуд, дар худ ҷо дод ва дар Қуруни Вусто синтези азими ойини ҳиндуро падид овард, ки алорағми танаввӯи (гуногунии – О.Х.) ҷанбаҳои мутааддиаш ба ҳайате (сурате – О.Х.) муташаккилу устувор такя дорад. Он чи дар ин мероси анбӯҳ муҷиби ҳайрат аст, якпорчагиву якдастаии таҷрубаи маънавии Ҳинд аст. Ҳадафе, ки ҳамвора зомини ин тамомият буда, иқбол (рӯ овардан – О.Х.) ба растагорист, ки ғояти мумтози ҳама шеваҳои тафаккур дар он сарзамин будааст. Растагорӣ барои Ҳинд раҳоист, раҳоӣ аз гардунаи маргу зиндагӣ ва дар натича, аз зоиши дубора ва доираи бозпайдоӣ. Тафаккур ва диёнат низ мубтанӣ (биношуда – О.Х.) бар ҳамин асли ғойӣ (ниҳоӣ –О.Х ) будаанд ва дар Ҳинд диёнат ҳамон андоза фалсафист, ки фалсафаи ороста ба диёнат. Қувваи муҳаррике, ки гардонандаи "чархи карма" ва зоиши дубора аст, ҳидувон ва баъд буддоиён ба майл, хоҳиш ва аташ таъбир карданд. Аташи ҳастӣ ангезандаи ирода ва ҳаёт аст ва ба сурати нерӯе кӯр , муҳаррики ҳама чиз аст: гардунаи бозпайдоиро мечархонад, таваҳҳуми кайҳониро метобонад, рӯъёҳоро меофаринад ва ҳубобҳои ваҳмро бар рӯи уқёнуси сукути

абадӣ монанди нилуфарҳои хаёл мешукуфонад. Ҷаҳон ваҳм (пиндор – О.Х.) аст ва кӯшиши мазбуҳонаи (бефоидаи – О.Х.) инсонҳо хаёли туҳӣ (холӣ, пуч - О.Х.) дар осмони туҳитар. Шояд ҳеҷ тафаккуре ба андозаи тафаккури ҳиндӣ ба беҳудагии ҳавои нафс ва кӯшишҳои нофарҷоми башар дар ин дунё пай набурдааст, ҳеҷ маслаке ба ин андоза ба растагорӣ арҷ нанихӯдааст; ҳеҷ ойине ба ин андоза покбозӣ (зоҳидӣ – О.Х.) ва хештанковӣ ва даруннигариро насутудааст. Ҳинд кунҳи (асоси – О.Х.) ҳастиро нестӣ ангошт, нестие, ки ба ҳеҷ сифате мавсуф нест ва чунон жарфу дастнаёфтанист, ки фақат аз тариқи истиғроқ( фурӯ рафтан, ғарқ шудан – О.Х.) метавон ҷуръае аз дарёи бекарони он нӯшид. Аз ҳамин рӯст, ки понишодҳо бо шеваи ҷаҳишосое, ки тафаккурро ба баландиҳои сармастии ноб мекашонад, барои баёни ин роз ба шеваи салбӣ ва танзиҳӣ (ҷудокунӣ ва покӣ – О.Х.), яъне на ин асту на он тавассул ҷустанд ва дар паси сувари гузарои ин ҷаҳон, ҷавҳари фанонопазири розе ҳастиро дар жарфнои вучуди инсон ба "худ (atman)" таъбир карданд. Ҳастӣ ба сурати "дуҳкҳо (duhkha)", яъне дард, парда аз ҷаҳл бармегирад ва ин кӯшиш дар ҳукми аз миён рафтани саробест, ки дар он замон воқеӣ мепиндоштем. "Дукҳо" ҳам дифои ҷаҳл аст ва ҳам кошифи ҳақ. Иллати дард нодонист ва нодонӣ (avidya) ношӣ (таровишёфта – О.Х.) аз аташи ҳастист. Нобудии нодонӣ ҳушёри (jnana) аст ва натиҷаи ҳушёрӣ раҳоӣ (moksa). Аз ин рӯ, дар Ҳинд тафаккур тариқи вусул ба ҳушёрист ва ҳушёрӣ ба раҳоӣ меанҷомад ва раҳоӣ низ, ғояти диёнат асту фалсафа.

Ҳамаи касорату ҷудоиҳо ва марзҳо дар кунҳи рози ҷавҳари инсон, ки худ партаве аз рози ҳастист, маҳв мешавад ва фақат истиғроқи инсон дар кунҳи нестӣ билотаъин мемонаду бас. Иқбол ба муҷаррадоту куллиёт ва низ ин тасаввур, ки муҷаррад ҳар чи куллитар бошад, воқеитару ҷавҳаритар аст ва ба ҳамон андоза номаҳдудтар, сабаб шуд, ки шеваи танзиҳӣ ва

салбиву нафйи мосавои бараҳман яке аз вуҷуҳи шохиси тафаккури ҳиндӣ шавад. Ва аз он ҷо ки кул дар баробари ҷузъ номаҳдудтару номутаъинтар аст, ҳиндувон роҳи расидан бад-донро нафии таъинот ва рафъи қуйуд (шартҳо – О.Х.) донистанд. Аз ҳамон оғози тафаккур дар кӯҳантарин осори Ҳинд , яъне дар сурудҳои “Ригведа” асоси олам “ҳастӣ-нестӣ” номида мешавад. “Ригведа” мегӯяд: “Он гоҳ на хастӣ буд, на нестӣ, на осмон, на фазо, на марг, на бемаргӣ ... ҳама оламро торикӣ пӯшонида буд...”.

Ду ҳакиме, ки ин шеваро ба ҳадди камол расонидаанд, Шанкара ва Нагарҷуна ҳастанд. Яке пайрави мактаби “Веданта” буд ва дигарӣ мутафаккири ҷасури ҷадалии (мунозирагари – О.Х.) буддоӣ. Барои ҳакими буддоӣ шеваи нафӣ аз он рӯ аҳамият дорад, ки беэтибории ин ҷаҳонро нишон медиҳад: ҳеҷ чиз дар бунёд мустақил нест, ҳама чиз муттакӣ бар шароите чанд аст ва ин қонуни иллиятро буддоиён иллияти мутартиб бар шароите чанд номиданд. Ҷаҳон арсаи зуҳури воқеиёт нест, балки саҳнаи намуди умури нисбӣ ва бе буд аст. Ба иборати дигар, куллияи умур дар шабакае аз иртибототи нисбие ҳамдигарро хунсо мекунанд ва аз ин рӯ, ҳастӣ холиву туҳист (s'^unya). Ногараҷуна мегӯяд: “Он чиро, ки дигарон иллияти мутартиб бар шароите чанд менаманд, мо хало мегӯем”. Барои найл (расидан - О.Х.) ба ин мақсуд Ногарҷуна аз шеваи чаҳор нафӣ (catus koti) ё нафйи чаҳоргона мадад гирифт. Яъне ибтидо, сурати мусбати қазияро тарҳ мекард (ин ҷаҳон абадист) ва баъд сурати манфии онро (ин ҷаҳон абадӣ нест), баъд тарҳи ҳамбастаи қазияи аввалу дуввум меомад (ин ҷаҳон ҳам абадисту ҳам ғайриабадӣ) ва саранҷом нафйи мутақорини қазияи аввалу дуввум меомад (ин ҷаҳон ҳам абадистӣ ҳам ғайриабадӣ) ва саранҷом нафйи мутақорини қазияи аввалу дуввум (ин ҷаҳон на абадист, на ғайриабадӣ). Пас ин ҷаҳон дар асл ҳеҷ асту хало.

Барои Шанкара ҷаҳон ваҳми сирф аст, ваҳме, ки ба матни аслии бараҳман афзуда мешавад. Ин "афзоиш (adhyasa)" ҳукми нисбат додани маҷозе ба мутлақу ғайривоқеӣ ба ҳақиқат аст. Шиносоӣ ҳам нафйист, яъне дар ҷиҳати маъқуси ваҳми кайҳонӣ амал мекунад ва батадриҷ изофотро аз лавҳи беному нишони ҳастӣ мезудояд ва ваҳмро ботил ва аз бараҳман ҷудо мекунад. Ба иборати дигар, маърифат барои Шанкара маърифати тафкикӣ (ҷудошуда – О.Х.) байни мушоҳида ва машҳуд аст (tat tvam asi).

Иқбол ба муҷаррадоту куллиёт ва ба хусус ба ойини "Атман"мӯчиб шуд, ки ҳиндувон ба фардияту шахсият таваҷҷӯҳи чандон накунанд. Ҷиво (jivo) ё "Ҷон" оғушта ба таассурот ва савоеқи ( ) ношӣ аз корҳои гузашта аст ва аз ин рӯ, саргардон дар доираи бозпайдоӣ аст. Вале ин "ҷон" истиқлоле аз худ надорад, бал сояест, ки бар асари ваҳми кайҳонӣ падид омадааст ва ба тулӯи хуршеди маърифат дар кунҳи бе таъйини нестӣ маҳв мешавад. Ин бетаваҷҷуҳӣ ба олами маҳсус мӯҷиб шуд, ки ҳиндувон аз тасвифи тафсилӣ ва дақиқи амокини ҷуғрофиёӣ ва иқлимӣ бипарҳезанд ва дар китобҳои ахлоқу ҳикоят, авотифи шахсиро нодида бигиранд ва дар зебоншиносӣ бештар ба ҷавҳари зебоӣ бипардозанд, то ташреҳи фалон асари ҳунарӣ.

Дар тафаккур низ "ин ҳамонӣ" маҳз ду қутби олами кабиру олами сағир, ки ба сурати қотеъ дар ин ҷумлаи кӯтоҳи "ту ҳамонӣ" (tat fvam asi) –и упонишадҳо хулоса мешавад, пояи эътиқод ба якҷавҳарии ҳиндувон шуд ва икон мактаби "Вадонто"-ро намояндаи асили тафаккури худ донистанл. Шанкара, ки бонии ин мактаб буд, шолудаи тафаккури худро бар асоси ин асли асосии упонишадҳо бино карда буд.

Иқбол ба муҷаррадоту бетаваҷҷуҳӣ ба ҷузъиёт ва мавриди хос муҷиб шуд, ки андешаи тасалсули замону ҳаводиси воқеъ дар он, чандон қувват нагирад ва Ҳинд замонро ҳамчун

давраҳои гузаро дар дурнамои сарсомовари пайдоишҳову хомӯшиҳои номутаноҳӣ (беохир – О.Х.) тасаввур кунад, ки монанди ҳубобҳои ҳаво рӯи сатҳи уқёнуси азалӣ як чанд падидору фонӣ мешаванд. Имтидоду бақо "самсаро" аст, яъне ҷароёнҳои пай дар пай ва бе буди ҳастӣ ва самсаро низ ваҷҳи ваҳмомези ҷараёне, ки на оғозе дораду на поёне. Аз ин рӯ, огоҳӣ ба вақоеи замонӣ ва ба вижа виҷдони торихӣ ва диди таҳаввуливу татавурӣ, ки ваҷҳи шохиси тафаккури ғарбӣ аст, дар Ҳинд мисдоқ (замина – О.Х.) наёфт ва он чи мақбули тафаккури Ҳинд воқеъ шуд, мушоҳидаву муроқибаи ҳолоти дарун ва огоҳӣ аз ҷавҳари собите буд, ки дар паси мазоҳири ин ҷаҳони сорӣ аст ва ҷустуҷӯӣ он аҳами (муҳимтарин – О.Х.) масоилу ғояти ҳаёти инсонист.

Чун фардият беаҳмият буд, шахсияту маният низ чандон қивом (давом – О.Х.) наёфт, чунон ки ҳиндувон фардияти дигаронро имтидоде аз нафси худ ва ваҷҳе аз шахсияти хеш донистанд. Ва, ҳамчуноне ки тафаккур ҷӯёи ҳасониву пӯёии ваҳдати мутлақ буд, дар ровобити иҷтимоӣ низ мушорикату ягонагӣ бар манофеи нафси фузунхоҳ тарҷеҳ дода шуд. Олам ваҳм (пиндор – О.Х.) шумурда мешуд ва ин ваҳм дар олами сағир, ки инсон бошад, ба сурати нодонӣ ҷилва мекард ва дар ҷисм ба сурати панҷ қишри маҳдудиятҳо дар маротиби ҳастӣ ба шакли мартабаи бедорӣ, рӯъё ва хоби берӯъё. Ваҳм аст, ки шахсияту фардиятро падид меоварад ва бо ибтоли (аз байн бурдани – О.Х.) ин рӯъё ҳама чиз монанди афсуни соҳирон ба оне нақш бар об мешавад ва фақат "худ" (атман) мемонад ва бараҳман, ки айни он аст.

Эътиқод ба ин ки зоти инсон фанонпазир асту номутаноҳӣ, дар тафаккури ҳинду ба сурати васваса даромад ва ҳамаи мактабҳои ҳинду ин зоти фанопазир яъне "худ"-ро пазируфтанд ва Шанкара дар тайиди ин матлаб афзун, ки касе наметавонад мункири "Атман" бошад, чи худи мункир низ

атман аст ва аз он ҷо, ки атман бадеҳитарин ва ошкортарин асли ҳоким ва сорӣ дар олам аст, васвасаи ин ки бихоҳем онро мункир шавем, аз пеш ботил аст. Зеро атман, муқаддам бар ҳар далелу бурҳон аст ва дар наптиҷа, танҳо илми мӯътабару яқине ҳамон атманшиносӣ ё худшиносӣ аст. Худшиносӣ низ,яъне "бараҳманшиносӣ". Чун ин ду ҳукм як муодилаи ҷудоинопазирро доранд: ҳамон муодилае, ки дар ҷумлаи аҷиби "ту ҳамонӣ" боз меёбам.

Ҳамчунон ки "ту ҳамонӣ" асоси ҳастӣ ва рози кайҳон аст, низоми кайҳонро низ қонуни абадӣ, ки дар ҷомеа ба сурати низоми костӣ (кастаӣ – О.Х.) падидор мешавад, мегардонад. Ин қонунро ҳиндувон, "дормо (**dharma**)" мегуфтанд ва дармо низ аз решаи **dhr** ба маънии ҳифз кардан, ҳамл кардан, нигоҳ доштан меояд. Дормо, ба иборати дигар, меъёр ва қоидаест, ки бар асоси он рафторҳои одамиён санҷида мешавад ва ҳар табақае аз низоми костӣ дармои худро дорад, чунон ки дастгоҳи олам низ бар ҳамин қонун устувор аст. Ба маънои ааъм (омтар – О.Х.), дормо мафҳуми суннату амонатро низ мерасонад. Чӣ ҳомили ҳақиқаест, ки дар оғози давраи кайҳонӣ ба одамиён дода шуда аст.

Ин қонуни абадиро, ки устухонбандии ҷомеа ва низоми олам бувад, ҷайнҳо ва буддоиён низ пазируфтанд ва тираи (тоифаи – О.Х.) "моҳоёно"-и буддоӣ муътақид шуд, ки Тотогато (tathagoata), яъне Буддо, ки ба нирвана расида, касест, ки маҳмили воқеӣ ва мазҳари фанонопазири ин қонуни абадӣ аст.

Ин эътиқод дар шеваи тафаккури сиёсии ҳиндувон низ асар гузошт. Аз он ҷо ин қонун ҳамаи милалу неҳал (динҳо ва маслакҳои фалсафӣ – О.Х.)-ро дар бар мегирифт ва шомили ҳамаи ҳастӣ мешуд, эътиқод ба миллият, нажод, рисолати қавмӣ. Чунонки филмасал дар Жопун ривоҷ ёфт, дар Ҳинд реша надавонид ва дормо бар сиёсат муқаддам монд. Ҳамин

амр сабаб шуд, ки ҳиндувон ба умури дунявӣ таваҷҷуҳ накунанд ва Ҳинд ҳаргиз оҳанги ҷаҳонкушоӣ накунад. Ва аз маҳдудиятҳои миллӣ ва нажодӣ фаро гузараду ба қонуни абадӣ таваҷҷуҳ кунад. Чӣ миллият, нажод ва низоми костӣ (кставӣ –О.Х.) ҳама тобеъи ин қонун ҳастанд ва торихи милал дар баробари дурнамои азими ин қонун, ки марбут ба адвори кайҳонӣ низ мешавад, ҳеҷ менамояд.

Дини Буддо сарогози қиёми сиёсӣ алайҳи тафаккури бараҳмоӣ буд ва ба ҳамин далел натавонист дар зодбуми худ реша бидавонад ва ногузир роҳи табъидро пеш гирифт ва табъи чиниҳо ва жопуниҳо онро пазируфт. Буддо, муодилаи "атман = бараҳман"-ро воруна кард, асли собиту ҷавҳари фаноннопазири дини ҳиндуҳоро нодида гирифт, бақоро тасалсули намуде сайёл донист, - ки аз истимрори (пайвастагии – О.Х.) лаҳазоти пай дар пай ва барқосои ҷараёни ҳаёт интизоъ (ҷудо – О.Х.) мешавад, - ва хомӯшии ин тасалсули беоғозу поёнро нирвана хонд. Буддо аз худ ҷасорате азим нишон дод, зеро на фақат ҳосили чандин ҳазорсолаи нубуғи Ҳиндро дигаргун мекард, балки мафҳуми ҳастиро, ки аз оғоз бунёди ҳар тафаккуре буд, инкор мекард. Ҳастӣ дар назари ӯ ба намуде сайёл, ки "беҷавҳараш (anatman") сирф аст, таъбир шуд. Ҳар он чи ҳаст, яъне ҳар он чи падид меояд, меравад, мешукуфад ва фонӣ мешавад, мазоҳири бе буданд ва дар натиҷа, суботи зоҳирии он, ҳамон намуди сайёл аст ва тасалсули воқеъ ҳамчун амвоҷи паёпайи дарё, яке пас аз дигаре зоҳир мешаванд, худӣ менамоёнанд ва фонӣ мешавад. Ин тасалсули поённопазир тавaҳҳуми собит медиҳад. Аммо ҳеҷ ҷиз дар паси тасалусули ин лаҳазоти барқосо вуҷуди собит надорад; ҳеҷ асле тағйирнопазир нест; ҳеҷ диранге (тавaққуфе – О.Х.) дар кор нест; ҳеҷ заррае дар паси ин ҷараёни серинопазири ҳаёт қарор намеёбад. Пас ҳақиқат чист? Ҳақиқат адами (набуданаш – О.Х.) тасалсул ва адами ҷараён аст. Ба

иборати дигар, афанои (нобуд гардидани – О.Х.) қувваи муҳаррикест, ки ин тасалсул аз он моя мегирад ва чун ин қувва ба хост, ирода ва аташ будан таъбир мешавад, афанои ин аташ ҳукми набудан ва дар натиҷа нестӣ ва хомушӣ абадист ва нирванаи буддоӣ, ки дар қайди (банди – О.Х.) ҳеҷ таърифе намеояд, дар асл ин маъниро дошт. Аз ни сӯ, "самсара" аст, яъне намуди сайёли паёпайи чизҳо ва он сӯи дигар, боз истодани ин сайлон ё хомушии чароғи вуҷуд ва танӯри хостахост.

Мероси упонишодҳо, ки дар ҷумлаи маъруфи "ту ҳамонӣ" хулоса мешавад ва ҷаҳонбинии хиракунанда буддоӣ, ду армуғони бузургест, ки Ҳинд ба ҷаҳон арза кард. Мероси упонишидҳо дар Ҳинд монд ва батадриҷ дар мактабҳои бузурги ведонта низом ёфт. Тафаккури буддоие, ки тамоми мароҳили камоли худро дар Ҳинд пайдо намуд, ба ҷаҳор мактаби бузург тақсим шуд ва аз марзҳои Ҳинд гом фаротар ниҳод ва аз шимол ба Тибет, аз ҷануб ба Сейлон ва саранҷом аз Машриқ тамоми Ховари урро фаро гирифт ва ин чароғи фарзонагӣ дар саросари Осиё партавафкан шуд.

**Таҳияи** профессор Олимҷон Хоҷамуродов

# ҒАЗАЛ ГУФТИВУ ДУР(Р) СУФТӢ...

*(Назаре ба чанд намунаи газали Ниҳонӣ)*

**«Аз фунуни шеър фанни беҳтарин омад ғазал»**

Ғазал аз зеботарин, ҷаззобу ҷолибтарин навъи адабӣ аст, ки мубтакири он Одамушшуаро устод Рӯдакист. Аввалин доираи адабӣ – эҷодӣ, ки суннатҳои ин мактаб – мактаби Бухороии устодро пазируфт, мактаби адабӣ – ҳунарии Ғазнин буд, ки ибораи «ғазали Рӯдакивор»-ро ихтироъ кард. Дар таърихи адабиёт аввалин ғазали сиёсиро афсаҳулмутакаллимин Саъдӣ гуфтааст ва умуман, кашфиёти ҳунарӣ дар дарунмояи он анҷом додааст. Ғазал пас аз Саъдӣ дигар аз ҷойи аввал, аз мақоми ишғолкардааш миёни анвои адабӣ поён нарафтааст.

Дар адабиёти замони Шӯравии тоҷик ин навъи адабӣ хуб идома карда бошад ҳам, дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон комилан эҳё шуд ва дарунмояҳои нодир касб кард.

Яке аз ғазалсароёни замони Истиқлоли кишвар шоир Ниҳонӣ аст, ки дар эҷоди ғазал қареҳаи хуб дорад. Ӯ аз мухтассоти тематикаи ғазал огоҳӣ дорад ва бо манзури иштиҳори ҳамешагии ғазал хеле нишонрас баҳс мекунад:

*Хондаанд охир газалро шоҳи шеъри шоирон,*
*Маънии бас бешумор бошад ба мазмунаш ниҳон.*
*Гар зи шеъре маънию мазмуни хуб ояд нишон,*
*Дар газал ҳар мисрааш дорост мафҳуми амон.*

Ниҳонӣ дар ғазали ошиқона ғолибан ба девони Камол татаббӯъ карда, бештар ғазалҳои ишқии хешро дар ҳавои ҳамин мактабдор эҷод кардааст. Фаразан, Хоҷа Камол ғазале дорад бо матлаи зерин:

*Ҷоно, ба ҷуз лабони ту оби ҳаёт нест,*
*Ширинтар аз лабони ту ба олам набот нест.*

Ниҳонӣ дар ҳавои ғазали боло ғазали мазкурро эҷод кардааст, ки хеле ҷолиб аст:

*Бе рӯйи дилафрӯзи ту моро ҳаёт нест,*

*Дар баҳри зиндагонӣ умеди наҷот нест.*

Ҳар ду ғазал, ки ишқиянд, аз нигоҳи мухтассоти шаклӣ низ ҳамгунанд, зеро вазн, қавофӣ, радиф, матлаъ, мақтаъ ва ғайра низ худ риоя мешавад. Танҳо ба хотири вазн дар мисраи аввали матлаи ғазали Ниҳонӣ вожаи **дилафрӯзи** бо бандаки изофӣ дар шакли **дилфурӯзӣ** бояд оварда шавад, зеро ғазал дар баҳри музореи мусаммани садр ва ибтидо – ахраб, арӯзу зарб – мақсур ва ҳашви аввал – макфуфи рамал ва ҳашви сонӣ – макфуфи ҳазаҷ аст. Чунончи, шакли афоъилии баҳри мазкур ба тариқи зайл аст:

– – ᐯ – ᐯ – ᐯ ᐯ – – ᐯ – ᐯ ~

– – ᐯ – ᐯ – ᐯ ᐯ – – ᐯ – ᐯ ~

Яъне, ғазал дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур эҷод шудааст ва ҳамвазн бо ғазали Хоҷа Камол аст. Шакли афоъилии фавқуззикр чунин хонда мешавад: мафъӯлу фоъилоту мафоъилу фоъилон, ки хеле гӯшнавозу хушоҳанг аст.

Ҷилоҳои ҳунарии эҷодкор низ басо ҷолиб аст ва ҳатто дар ҳамин ғазал ба хубӣ мушоҳида карда мешаванд. Дар ғазали фавқуззикри Хоҷа Камол омадааст:

*Гуфтам давои дарди диламро хате навис,*

*Гуфто: Давот чун бинависам, давот нест.*

Дар ғазали ҳамгуни Ниҳонӣ чунин омадааст:

*Бемор гаштам аз алами дарди бедаво,*

*Дӣ ҳозиқе бидиду бигуфто: Давот нест.*

Мухтассоти шаклӣ, аз ҷумла вазн хеле нозук риоя мешавад, ки басо писандидаву матлуб аст.

Дар лирикаи ишқӣ, хосса дар ғазал Ниҳонӣ суннати эҷоди ғазалро хеле хуб медонад. Тибқи суннати устувори ҷодаи мазкур, таззодҳои рӯзгорон мавриди дарунмоясозӣ ба эҷодкор имкон медиҳанд, ки тасвирҳои ҳарири нозуки лирикӣ андаке

ҷилои андарзӣ, панду насиҳатӣ, мавъизатӣ дошта бошанд. Албатта, ин падида марбут ба донишу ҷаҳонбинии эҷодкор буда, мушоҳидаҳои басо нозук ва хеле мӯшикофонаро хоҳон аст. Чунончи, ба абёти ғазали зерини ишқии Ниҳонӣ агар зеҳн монда шавад, қазовати мазкур тасдиқ мешавад, ки ба назари мо, хеле хотирмону ҷолиб аст:

*Натарсам ман зи ҷабри рӯзгорон,*
*Дарахти сабрро ширин ба бор аст.*

Ва ё:

*Бибӯйӣ ҳар гаҳе гулро, биандеш,*
*Ба шохи гул бари ҳар гунча хор аст.*
*Санавбар дигар асту ёр дигар,*
*Нигар, кай чашми наргис пурхумор аст…*

Дар абёти фавқуззикр сохтани дарунмоя то андозае ҳунармандона буда, тарҷеҳи маҳбуба аз ҳар ҷиҳат ба тасвир омадааст.

Руҷҳони маҳбуба яклухт нест ва хеле хуб ҳам аст, ки аҷзо – аҷзост. Зеро ҳадаф аз сабр – барор, аз санавбару сарв – қомати маҳбуба ва аз наргис – чашмони ӯ буда, ҳеҷ кадоме аз ташбеҳшавандаҳо қонеъкунанда нестанд ва аз ин рӯ, маҳбуба ҳамаҷониба руҷҳон дода мешавад. Бо назардошти мухтассоти шаклӣ низ ғазали боло ҷолиб аст, зеро он муқаффову мураддаф буда, дар он бандаки хабарии аст – радифи сода, вожаҳои **бор, хор, пурхумор** калимаҳои қофияанд ва аз ин вожаҳо… **ор** - ҳуруфи қофия буда, навъи қофия муқайяд аст, зеро бо равӣ – (р) ҳарфи решагии калимаи қофия интиҳо ёфта, васлу аносири дигар надорад.

Вазни ғазали фавқуззикр низ ҷолиб буда, он дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур рӯйи кор омадааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

V– – – V – – – V – ~

Яъне: мафоъӣлун, мафъоӣлун, мафъоӣл.

Аз мутолиаи ғазалҳои Ниҳонӣ мо ба чунин натиҷа расидем, ки ӯ аз осори адабӣ – ҳунарии асримиёнагӣ омӯзиши бештар ва амиқравиҳои ҷиддитар дорад. Ниҳонӣ хоса дар ғазал ба девони Хоҷа Камол бештару беҳтар рӯ овардааст ва ҳатто бо аксари ғазалҳои ин суханвари мумтоз пайравиҳои хеле ҷолиб кардааст. Ӯ дар дарунмояи ғазал вобаста ба замон бештар таҷдиди назар дорад. Ҳоло барои қиёс як ғазали зерини Ниҳониро пурра зикр намуда, мебинем, ки ӯ то куҷо муваффақ шудааст:

*Ҳар баҳорон, ки зи гул бӯйи ту хуш меояд,*
*Бӯйи гулро чӣ кунам, рӯйи ту хуш меояд.*
*Сарв рӯяд ба чаман, ҳеҷ писандам нашавад,*
*Чун маро қомати дилҷӯйи ту хуш меояд.*
*Чанд агар ҳалқа кунам лолаву гулро ба сарам,*
*Ба назар ҳалқаи гесӯйи ту хуш меояд.*
*Ҳар киро хоҳиши себаргаву богу лаби ҷӯй,*
*Чӣ кунам худ, ки сари кӯйи ту хуш меояд.*
*Чун нигоҳи гулу сунбул ба ҳавас ояд хуш,*
*Сари зулфи сияҳу мӯйи ту хуш меояд.*
*Чу бидидам ба тамошо нигаҳи гарми дигар,*
*Нигаҳи дидаи ҷодуйи ту хуш меояд.*
*Эй Ниҳонӣ, суману наргису гулро бинигар,*
*Ба чаман он гули худрӯйи ту хуш меояд.*

Дар ғазали мазкур, бо манзури дарунмоя, қиёси образҳои лирикӣ дар тасвир хеле нозуконаву махсус ба мушоҳида гирифта шудаанд. Накҳату бӯйи гулҳои баҳорӣ дар машоми эҷодкор дар қиёс бо отифаи маҳбуба поктар буда, руҷҳон дар он аст, ки гул накҳат дорад, вале рӯй тавъам бо накҳат хоси маҳбуба аст. Сарви чаман шабеҳи қомати ёр аст, вале пой дар гил дорад. Ё худ аз анвои гулҳо гулчанбар сохтани эҷодкор ва гузоштани он даври сари хеш, шабеҳ ба ҳалқаи гесувони маҳбуба ҳеҷ аст, зеро чанбари гулҳо шояд ду – се рӯз ба кор

ояд, вале мӯйчанбар ва ё ҳалқаи гесувони маҳбуба аз ҳар ҷиҳат шоистаи тарҷеҳ аст. Ба ҳамин тариқ, ҷузъиёти тасвирҳои лирикӣ, таносуби қиёсу руҷҳони онҳо, ҳунари тасвиру мушоҳида, донистани мақому мавқеи коргирии онҳо ва ғайраро хуб медонад ва ин худ гувоҳи сермутолиа ва донистани суннатҳои адабии устувор аст ва яке аз сабабҳои муваффақ шудани адиб дар баёни ҳадаф маърифат мешавад. Воқеан, ҷузъиёти фавқуззикр гувоҳи он аст, ки Ниҳонӣ омӯзиши муттасил дорад.

Ғазали фавқуззикри Ниҳонӣ дар пайравии ғазали зерини Хоҷа Камол аст, ки хеле марғубу ғарро эҷод шудааст. Чунончи:

*Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд,*
*Ҳамаро богу маро рӯйи ту хуш меояд.*
*Ҳамчу наргис наниҳам чашм ба сарви лаби ҷуй,*
*Ки маро қомати дилҷӯйи ту хуш меояд.*
*З-он ҳама ҳалқа, ки шамшер занад бар сари гул,*
*Бандаро ҳалқаи гесӯйи ту хуш меояд.*
*Бӯйи гулзор хуш ояд ҳама касрову маро,*
*Накҳати хоки сари кӯйи ту хуш меояд.*
*Шеваи чашми ту наргис чӣ кунад ишваву ноз,*
*Шева аз наргиси ҷодӯйи ту хуш меояд.*
*Печи сунбул ба чаман ҳеҷ намеояд хуш,*
*Печи рӯйи ду хами мӯйи ту хуш меояд.*
*Чашм накшуд ба рӯйи гул аз он рӯй Камол,*
*Ки назар бар гули худрӯйи ту хуш меояд.*

Ҳар ду ғазал ишқӣ буда, маҳбуба бо отифа ва латофати хос ба васфу ситоиш омадааст, ки ташбеҳшавандаҳо дар қиёс ба ташбеҳшудаҳо дар ягон маврид на тавъаманд, балки ташбеҳшаванда пайваста руҷҳон дорад ва инчунин дар ҳама ҳолатҳо аз ягон ҷиҳат афзалият доранд.

Хеле хуб аст, ки ҳар ду ғазал ҳам бо назардошти мухтассоти шаклӣ муқаффову мураддиф буда, қофияҳои онҳо, фаразан,

дар ғазали Хоҷа Камол вожаҳои **бӯйи, рӯйи, дилҷӯйи, гесӯйи, кӯйи, ҷодӯйи, мӯйи, худрӯйи** – ҳашто буда, дар ғазали Ниҳонӣ низ ҳамин миқдоранд ва ин ҷо низ ҳамон вожаҳои ҳамгун риоя шудаанд. Яъне ба ҳайси қавофӣ баргузида шудаанд, ки хеле ҷолиб аст. Қофияҳои ғазали Ниҳонӣ, аз ҷумла ҳамоно вожаҳои **бӯйи, рӯйи, дилҷӯйи, гесӯйи, кӯйи, мӯйи, ҷодӯйи, худрӯйи** буда, «и»-изофа ин ҷо низ ширкат дорад, ки шабҳатфизост. Қофияҳо дар ду ғазал ҳам бо назардошти навъи қавофӣ қофияҳои мутлақ буда, дар ҳамаи онҳо «ӯ»-равӣ буда, пас аз равӣ васл ва унсури дигар омадааст, ки басо уҳдабароёна кор гирифта шудааст. Се вожаи дигаре, ки пас аз қофияҳо бидуни тағйирот дар ҳар ду ғазал оварда шудаанд, радиф буда, бо манзури навъи он – радифи мураккаб аст, ки он вожаҳо дорои алфози **ту** – ҷонишини шахсии шахси дуюми танҳо, хушсифати аслӣ ва **меояд** – феъл мебошад ва аз сабаби иштироки се вожа радифи шакли мураккаб аст.

Авзони ҳар ду ғазал низ ҳамгун буда, ғазалҳо дар баҳри рамали мусаммани махбуни аслам ва баъзан махбуни маҳзуф иншо шудаанд.

Баҳри рамал табиатан аз он ҷиҳат дорои хусусияти назаррас дониста мешавад, ки дар замир оҳанги басо ҷолиби боварибахшона дорад ва эҷодкор тавассути бурҳону далоили зикрнамудаи хеш хонандаро бо қазовати хеш бовар мекунонад, ки андешаҳои матраҳшаванда муътамаданд.

«Ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, – менависад профессор Бадриддин Мақсудзода, – шурӯъ аз замони худи ӯ ба ин тараф ҳамеша нуқли маҳфилҳои соҳибназарон будааст. Тавре ки худаш мегӯяд:

*Олам сухани Камол бигрифт,*
*Имрӯз ҷуз ин сухан сухан нест.*

Ҳамчунин онҳоро овозхонҳо дар ҷамъомадҳои гуногун миёни мардум ба оҳанг месуруданду месароянд.

Ваҷҳи дар миёни омма роиҷ шудани ғазалҳои Камол дар он ҳам ҳаст, ки дар ашъори ин шоири хуштабъ калимаву таркибҳо, ибораҳои рехтаи халқӣ, зарбулмасалу мақолҳо ва ҳатто тарзи тафаккур ва муҳовараи мардумӣ ба таври фаровон хеле моҳирона бо саховату пардохтаҳои бадеӣ бо забони зиндаи форсии тоҷикӣ корбаст шудаанд». (Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Б.Мақсудзода. – Душанбе: Дониш. 2020. – С.3).

Иштиҳори ғазали Камолро ҳамагон чи дар гузашта ва чи ҳоло таъкид кардаанд. Воқеан, шухрати ашъори ин шоир ва хоса ғазалиёти ӯро, пеш аз ҳама, худи ӯ дар фахрияҳояш хеле мӯшикофона таъкид кардааст ва байте, ки профессор Б.Мақсудзода низ овардааст, аз он ишораҳои фахриявӣ мебошад.

«Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, – навиштааст профессор Абдулманнони Насриддин, – маҳбуби хосу ом буд ва шоирони бисёре дар истиқболи ашъори ӯ ғазал гуфтаанд…» (Камоли Хуҷандӣ. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи матн аз А.Суруш ва С.Саидов, бо сарсухани профессор А.Насриддинов. – Хуҷанд, 2011. – С. 3).

Хушбахтона, ин суннати устувори адабӣ дар адабиёти тоҷики аҳди Шӯравӣ ва хоса дар замони Истиқлоли давлатӣ низ мутадовил буду ҳаст.

Яке аз ихлосмандони ашъори Камоли Хуҷандӣ, хоса ғазалиёти ин шоири адимулмисл – Камол шоир Ниҳонист, ки ба ашъори Камол сидқан мухлис аст ва қариб аксари мавридҳо рӯ ба ғазалиёти дилошӯби Хоҷа Камол овардааст.

Фаразан, ба як ғазали мустазоди Хоҷа Камол рӯ оварда, аз он ғазали мустазод хуб илҳом гирифтааст. Чунончи, матлаи ғазали Хоҷа Камол чунин аст:

*Эй, рехта савдои ту хуни дили моро,*
*бе ҳеҷ гуноҳе,*
*Бинвоз даме хастаи шамшери ҷафоро,*
*боре ба нигоҳе.*

Аз ғазали мустазоди мазкур, ки дар ғояти салосату нафосат аст, илҳом гирифта, Ниҳонӣ эҳсосоти ҳосилнамудаи хешро чунин ифода кардааст, ки аз мутолиаи муттасили ӯ гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, матлаи ғазали мустазоди Ниҳонӣ чунин аст:

*Эй, кам накунӣ арзиши ишқи дили моро,*
*бо чанд баҳона,*
*Бинвоз каме пардаи ин созу наворо,*
*бо савту тарона…*

Суннати устувори адабии фавқуззикр басо муҷаррабона риоя шудааст, ки он аз омӯзиши бардавоми суханвар равшан гувоҳӣ медиҳад.

Мо дар ин ҷодаи басо пурзаҳмат, вале пурифтихор ба шоири хушзавқ Ниҳонӣ тансиҳатӣ ва илҳоми саршори самовӣ таманно менамоем.

**Абдулҳай МАҲМАДАМИНОВ**
**Мирзо СОЛЕҲОВ**
*устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 24.06.2021*
*Барои нашр имзо шуд 25.06.2021*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*